Дар замони мо, ки рушди босуръату бесобиқаи илму дониш, техникаву технологияҳо ва бахусус, зеҳни сунъӣ хусусияти барҷастаи он мебошад, донишомӯзӣ аҳаммияти аввалиндараҷа ва ҳатто ҳаётӣ пайдо кардааст. Яъне, асре, ки мо дар он кору зиндагӣ карда истодаем, асри илму дониш, кашфиёту ихтироот, техникаву технологияҳои навтарин – замони пешрафту тараққиёти миллату халқҳои босаводу донишманд ва навовару ихтироъкор мебошад.

**Эмомалӣ РАҲМОН**

# МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ, МАЪРИФАТӢ ВА ТАЪЛИМИЮ МЕТОДИИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


## ҲАЙАТИ МУШОВАРА:

**Раҳим САИДЗОДА**-вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Анвар САФАРЗОДА**-ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа
**Ҳомид ҲОШИМЗОДА**-муовини якуми вазири маориф ва илм
**Равшан КАРИМЗОДА**-муовини вазири маориф ва илм
**Лутфия АБДУЛХОЛИҚЗОДА**-муовини вазири маориф ва илм
**Муҳаммадтоир САИДЗОДА**-директори Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илми назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Фарҳод РАҲИМӢ**-раиси Кумита оид ба таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА**-президенти АМИТ
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА**-ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ
**Зулхия НОЗАКЗОДА**-раиси Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илм
**Баҳром ИСМОИЛЗОДА**-сардори Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе
**Зиёдулло АБДУЛЗОДА**-сардори раёсати маорифи вилояти Хатлон
**Аминҷон МИРЗОҚАНДОВ**-сардори раёсати маорифи ВМКБ
**Шавкат КАРИМЗОДА**-директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди ВМИ ҶТ

## САРМУҲАРРИР
**НУРАЛИЗОДА НОИЛШОҲ ИМОМАЛӢ**

## ҶОНИШИНИ САРМУҲАРРИР
**Дилором ЗАБИРОВА**

## ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

**Муҳаммад ЛУТФУЛЛОЗОДА**-узви пайвастаи АТТ, доктори илмҳои педагогӣ

**Шамсуллоҳ ИСЛОМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ

**Саида НАБИЗОДА**-муҳаррири бахши мактабшиносӣ

**Шодӣ РАҶАБЗОД**-муҳаррири бахши филологӣ

**Мамадҷон МАҲКАМОВ**-номзади илмҳои педагогӣ, муҳаррири бахши фанҳои табиӣ-риёзӣ

## МУҲАРРИРИ ТЕХНИКӢ:
Шаҳнозаи МИРЗО


**Маорифи Тоҷикистон**


**Нишонӣ:** 734024, ш.Душанбе, Айнӣ-126

**Телефон:** +992-37-225-82-23

**E-mail:** majallai-maorif@maorif.tj

**Индекс:** 77500. Маҷаллаи аз 24.02.2025 таҳти №399/ МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис шудааст.

Маҷалла аз соли 1991 нашр мешавад.

Дар ҶДММ «Табъу нашр» ба табъ расид. Андозаи 60x84 1/8. Адади нашр 7730 нусха.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА ДХ БДА «АМОНАТБОНК»**

С/Ҳ: 20202972900816101000
Ҳ/К: 20402972316264
БИК: 350101626
РМА: 010009508

**№4**

**№4 (252), 2026**

# МУНДАРИЧА


**ДАР ҲОШИЯИ ПАЁМ**

Н. НУРАЛИЗОДА. Маориф ва илм – пояи давлатдории миллӣ......3

**БА ИСТИҚБОЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ**

А. ОРИФОВ. Истиқлол ва дастовардҳои соҳаи маориф ва илм......7

**СОЛГАРД**

Н. НУРЗОДА. Аз тасмимгирии мантиқӣ то тамаркуз – ориентатсияи миллӣ......12

**РӮЗИ ПОЙТАХТ**

С. АЮБӢ. Суруди Душанбе......17

**ТАКМИЛИ ИХТИСОС**

Ш. РУСТАМШОЗОДА. Рушди касбии омӯзгорон: дарсро чӣ тавр таҳлил бояд кард?......18

**ИСЛОҲОТ**

Г. АҚНАЗАРОВА. Муносибати босалоҳият дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ......20

**РАВАНДҲОИ МУОСИР ВА РУШДИ ЭҶОДКОРӢ**

М. НУМОНЗОДА. Мушкили омӯзишӣ қобилиятҳои эҷодӣ......23

**ПАЖУҲИШ**

Н. САИД. Тафсири материалистӣ, идеалистӣ ва дуалистии қобилиятҳои инсон дар фалсафаи Юнони Қадим......26

**ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ**

С. РАҶАБЕКОВ. Рушди барвақтии кӯдак – талаботи замони муосир......32

**ТАҚРИЗ**

М. ИМОМЗОДА, Э.САФАРЗОДА. Таҳқиқоти бунёдӣ дар хусуси ду нобиғаи тоҷику форс......34

**ЗАБОНШИНОСӢ**

Ш. КАБИРОВ. Нишонаву меъёрҳои шинохти иқтибосоти арабӣ......39

**БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ**

Ҳ. ХУДОЯРЗОДА, А. РАЗЗОҚОВ. Роҳҳои ташаккул додани мафҳуми «Вақт»......41

**МАШҒУЛИЯТИ БЕРУНАЗСИНФӢ**

А. УБАЙДОВ, М. ЮЛДОШЕВА. Моҳияти шабнишинии физикӣ дар ташаккули салоҳиятҳои таълимию эҷодии хонандагон......47

**ТАБИАТ ВА МО**

Ч. ШОФАЙЗОВ, Ш. ЗАБИРОВ. Муҳофизати олами зериобӣ – вазифаи ҳар як шаҳрванд......50

**ШИНОХТИ ШЕЪР**

А. САЛИМДУХТ. Хусусиятҳои жанрӣ ва тасвирӣ дар ашъори Шаҳрия......52

**САНАД**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти иловагӣ......56

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

Ҳ. ҲОМИД. Муаммои «Маснавӣ»......64

# МАОРИФ ВА ИЛМ – ПОЯИ АСОСИИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ



Ноилшоҳ **НУРАЛИЗОДА** – номзади илмҳои филологӣ

**Паёмҳои ҳамасолаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси муҳимтарин асноди сиёсии стратегӣ таҷассумгари мувозинати ҳассос миёни таҳлили воқеиятҳои ҷорӣ ва дурнамои рушд буда, ҳамчун оинаи равшани равандҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии кишвар хидмат мекунанд. Ин анъанаи муҳимми сиёсии миллӣ, ки Пешвои миллат бо масъулияти баланд онро идома медиҳанд, ба як унсури меҳварии фарҳанги давлатдорӣ табдил ёфтааст.**



Дар Паёмҳои Сарвари давлат тамоми бахшҳои иҷтимоиёт, бахусус, маориф ва илм мавқеи калидӣ доранд. Соҳаи маориф ва илм дар Паёмҳо на танҳо ҳамчун бахшҳои инфрасохторӣ, балки ҳамчун пояҳои ташаккули тафаккури миллӣ, таҳкими арзишҳои маънавӣ ва неруи инсонӣ арзёбӣ мегарданд. Аз ин рӯ, Пешвои миллат бо масъулияти баланд дар Паёми навбатӣ (16.12.2025) таъкид менамоянд: «Ман аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ҳайси Роҳбари давлат то имрӯз дастгирӣ ва рушди илму маорифро самти афзалиятнок эълон карда, дар тули беш аз се даҳсола ба ин соҳаҳои ҳаётан муҳим таваҷҷуҳи аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир менамоям. Зеро хуб медонам, ки рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат, ояндаи босаодати давлату миллат аз илму маорифи пешрафтае вобаста аст, ки заминаи мустаҳками онҳо имрӯз гузошта мешавад. Ба ибораи дигар, ман дастгирӣ ва таваҷҷуҳ ба ин соҳаҳои муҳимму тақдирсозро сармоягузорӣ ба ояндаи дурахшони миллат ва бақои давлат мешуморам». Ин суханони Пешвои миллат муҳтавои амиқи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фалсафӣ дошта, самтҳои стратегии давлатро дар даврони соҳибистиқлолӣ равшан инъикос мекунанд. Шарҳу тавзеҳи онҳоро метавон дар чанд бахши асосӣ пешниҳод намуд:

**Якум,** ибрози назар дар бораи он ки «аз рӯзҳои аввали фаъолиятам ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи аввалиндараҷа зоҳир мекунам», нишон медиҳад, ки маориф аз ибтидо ҳамчун соҳаи калидӣ ва такягоҳи сиёсати давлатӣ интихоб шудааст. Ин нукта далели он аст, ки рушди маориф амали тасодуфӣ ё мавсимӣ нест, балки ҷузъи барномаи стратегӣ ва дарозмуддати Ҳукумат ва давлат мебошад.

**Дувум,** ҷумлаи «пешрафти ҳамаи соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ аз рушди илму маориф вобаста мебошад», робитаи мустақими сармояи инсонӣ ва рушди устувори кишварро таъкид мекунад. Пешвои миллат ба таври равшан бармало месозанд, ки иқтисодиёти рақобатпазир бе мутахассисони донишманд ғайриимкон аст, ислоҳоти иҷтимоӣ бе сатҳи баланди маърифат натиҷаи дилхоҳ намедиҳад, маориф заминаи ташаккули тафаккури миллӣ, ҷаҳонбинӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ мебошад.

**Севум,** истифодаи мафҳуми «сармоягузорӣ баояндаи дурахшони кишвар» аз нигоҳи иқтисодӣ ва сиёсӣ бисёр муҳим аст. Сарвари давлат маорифро на ҳамчун омили хароҷоти буҷетӣ, балки ба сифати сармояи стратегӣ арзёбӣ мекунанд, ки рушди кадрҳои баландихтисосро таъмин намуда, пояи иқтисоди донишбунёдро асос мегузорад. Ин дидгоҳ бо тамоюлҳои ҷаҳонӣ мувофиқ буда, маорифро муҳаррики асосии рушди миллӣ медонад.

**Чаҳорум,** ибораи «бақои давлат» маорифро ба масъалаи амнияти миллӣ ва пойдории давлатдорӣ мепайвандад. Дар ин ҷо маориф ҳамчун василаи ҳифзи истиқлоли сиёсӣ, омили таҳкими худшиносии миллӣ, кафили идомаи давлатдории миллӣ арзёбӣ мешавад. Яъне, ҷомеае, ки сатҳи маърифаташ паст аст, наметавонад истиқлол, субот ва рушди худро ҳифз намояд.

Ҳамин тариқ, дар суханони Пешвои миллат фалсафаи давлатдории маорифмеҳвар инъикос ёфта, маориф ва илм ҳамчун пояи рушди иқтисодию иҷтимоӣ, сармояи стратегии миллӣ, омили бақои давлат ваояндаи дурахшони кишвар муаррифӣ мешавад. Ба андешаи мо, чунин андешаҳо асоси назариявии тамоми барномаҳо, стратегияҳо ва ислоҳоти давлатӣ дар соҳаи маориф ва илмро ташкил медиҳанд ва барои таҳқиқоти илмӣ, мақолаҳои таҳлилӣ аҳаммияти хос доранд.

Дигар ин ки дар Паёми навбатӣ ишораҳои Пешвои миллат ба соҳаи маориф ва илм самтҳои калидии сиёсати давлатии соҳа ва дурнамои онро барои даҳсолаҳои оянда муайян менамоянд. Ишораи он ки барои соҳаи маориф дар соли 2026 «қариб 14 миллиард сомонӣ» пешбинӣ шудааст ва ин маблағ нисбат ба соли 2025 – 25,4 фоиз бештар, нисбат ба соли 2015 – панҷуним баробар зиёд мебошад, аз он шаҳодат медиҳад, ки маориф дар сиёсати буҷетии давлат мавқеи устувори афзалиятнок касб кардааст. Ин афзоиш на танҳо рақами оморӣ, балки ифодаи иродаи сиёсӣ ҷиҳати сармоягузории дарозмуддат ба сармояи инсонӣ мебошад.

Пешвои миллат масъалаи на танҳо зиёд кардани маблағ, балки истифодаи самараноки онро матраҳ менамоянд. Таъкид ба мутобиқсозӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, бозбинии низоми маблағгузории муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ, гузариш ба низоми сарикасӣ ё фармоиши давлатӣ нишон медиҳад, ки ҳадаф баланд бардоштани шаффофият, рақобатпазирӣ ва натиҷабахшии муассисаҳои таълимӣ мебошад. Ин равиш имкон медиҳад, ки маблағгузорӣ ба сифати таҳсилот, талаботи бозори меҳнат ва омодасозии мутахассисони зарурӣ равона карда шавад.

Супориш ба вазоратҳои маориф ва илм, молия ва Кумитаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ далели он аст, ки ислоҳоти маориф танҳо вазифаи як ниҳод нест, балки он ҳамоҳангии сиёсати молиявӣ, таълимӣ, кадрӣ ва меъёрӣ, идоракунии муосири давлатӣ ва масъулияти дастаҷамъонаро тақозо менамояд.

Пешгӯии ба 4 миллион нафар расидани шумораи хонандагон дар 25 соли оянда масъалаи стратегӣ мебошад. Дар ин замина Пешвои миллат се вазифаи муҳимму асосиро муайян мекунанд: омодасозии ҳарчи бештари кадрҳои омӯзгорӣ, бунёди муассисаҳои таълимии нав, мутобиқсозии низоми таҳсилот ба стандартҳои ҷаҳонӣ. Ин маънӣ баёнгари он аст, ки сиёсати маориф бояд пешакӣ ва бо дарназардошти тамоюлҳои демографӣ тарҳрезӣ шавад.

Таъкид ба «омодагӣ ба гузариш ба низоми дувоздаҳсолаи таълим» бозгӯи он аст, ки Тоҷикистон мехоҳад низоми таҳсилоти худро бо меъёрҳои байналмилалӣ ҳамоҳанг созад. Ин иқдом сифати таҳсилро боло мебарад, рақобатпазирии хатмкунандагонро дар сатҳи байналмилалӣ таъмин мекунад, иртиботи таҳсилоти миллӣ бо фазои ҷаҳонии маорифро таҳким мебахшад.

Вазифадор намудани Ҳукумат барои таҳлили ҳамаҷонибаи амалишавии стратегия ва такмили он мутобиқ ба ҳадафҳои нав нишон медиҳад, ки стратегияи маориф ҳуҷҷати «зинда» ва тағйирёбанда аст, сиёсати давлатӣ бояд ба воқеиятҳои нави иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва демографӣ ҷавобгӯ бошад, банақшагирии маориф хусусияти дурнамоӣ ва илмӣ дорад.

Пешвои миллат сиёсати соҳаи маориф ва илм, муайян кардани мушкилиҳо ва таҳкими самтҳои афзалиятноки рушди онро низ таҳлилу баррасӣ менамоянд. Ишора ба он ки солҳои 2020-2040 Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф эълон шуда буд ва шаш сол аз ин амр сипарӣ шудааст, зарурати таҳлили миёнамуҳлати сиёсати давлатиро таъкид менамояд. Пешвои миллат нишон медиҳанд, ки қабули барнома ҳадаф

нест, балки татбиқи воқеӣ, натиҷабахшӣ, таъсир ба сифати таълим ва илм меъёри асосии арзёбӣ мебошад. Супориш ба як қатор ниҳодҳо (Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, вазоратҳои маориф ва илм, рушди иқтисод ва савдо, саноат ва технологияҳои нав, Академияи миллии илмҳо ва Палатаи ҳисоб) далели он аст, ки рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ масъалаи байнисоҳавӣ буда, ба иқтисод, саноат ва технологияи нав бевосита иртибот дорад.

Талаботи андешидани «тадбирҳои иловагӣ» пас аз таҳлил бозгӯи он аст, ки Роҳбари давлат ба сиёсатиислоҳот аз нигоҳи интиқодӣ муносибат мекунанд. Ин ҷо сухан на танҳо дар бораи ҳисобот, балки дар хусуси ошкор намудани монеаву мушкилиҳои воқеӣ, ислоҳи камбудиҳои кадрӣ, методӣ ва моддиву техникӣ, мутобиқсозии тадбирҳо ба талаботи замон меравад.

Ёдоварии Пешвои миллат аз гузариш ба низоми кредитии таҳсилот (2004-2014) муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро ҳамчун қисми фазои ҷаҳонии таҳсилот муаррифӣ мекунад. Ин иқдом саъю талоши донишҷӯёнро афзоиш дод, эътирофи дипломҳоро осонтар намуд, меъёрҳои таҳсилотро ба стандартҳои байналмилалӣ наздик кард. Бо вуҷуди ин, таъкиди Пешвои миллат – «вақти он расидааст» нишон медиҳад, ки пас аз истифодаи зиёда аз даҳ сол низоми кредитӣ бояд ба таври ҷиддӣ бозбинӣ шавад.

Талаботи Пешвои миллат ҷиҳати аз байн бурдани «омилҳои инсонӣ» дар имтиҳонҳои ҷорӣ ва хатм ба масъалаи шаффофият, адолат, пешгирии коррупсия марбут мебошад. Пешвои миллат ба ин васила зарурати истифодаи технологияҳои рақамӣ, механизмҳои автоматиконидашудаи арзёбӣ ва назорати мустақилро таъкид мекунанд. Бинобар ин, ҷалби Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муҳлати мушаххаси пешниҳоди маълумот нишонаи ҷиддият ва масъулияти иҷро мебошад.

Талаботи таҳлили вазъи омӯзиши забонҳои хориҷӣ, махсусан, русӣ ва англисӣ нишон медиҳад, ки Пешвои миллат забонҳоро василаи воридшавӣ ба фазои илмии ҷаҳонӣ, омили дастрасӣ ба донишҳои муосир, шарти рақобатпазирии кадрҳо мешуморанд. Таъкид ба «ҳамаи зинаҳои таҳсилот» зарурати пайдарпайӣ ва системанокии омӯзиши забонҳоро аз таҳсилоти томактабӣ то олӣ нишон медиҳад. Ин мавқеъгириҳои Роҳбари давлат нишон медиҳанд, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф бояд ҳамеша дар ҳоли такмил, арзёбӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи замон бошад.

Андешаҳои Пешвои миллат дар мавриди тарбияи насли оянда ҳамчун омили сарнавиштсози давлату миллат қобили таваҷҷуҳ ва муассир мебошанд. Аз ҷумла, муроҷиат ба падару модарон, омӯзгорон ва аҳли ҷомеа нишон медиҳад, ки тарбияи дурусти фарзандон танҳо вазифаи як ниҳод нест. Дар робита ба ин, Пешвои миллат таъкид менамоянд, ки оила – пояи аввалини тарбия, мактаб – муҳити касбӣ ва илмии ташаккули шахсият ва ҷомеа ҳамчун фазои иҷтимоии таъсиргузор бояд бо эҳсоси баланди масъулият амал намоянд.

Дар суханони Сарвари давлат симои насли оянда ба таври мукаммал ифода ёфтааст: насли босаводу донишманд, соҳибкасбу соҳибҳунар, соҳибмаърифату соҳибфарҳанг, дур аз таассубу хурофот, ватандӯсту ватанпараст ва дорои худшиносии миллӣ. Ин маҷмуи сифатҳо нишон медиҳад, ки Пешвои миллат маорифро танҳо василаи андӯхтани дониш не, балки ҳамчун ташаккули ҷаҳонбинӣ, камолоти маънавӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ мешуморанд.

Таъкиди он ки «ояндаи давлату миллат аз насли босаводу донишманд вобастагии амиқ дорад» ба маънои сиёсӣ ва стратегӣ, сармояи инсонӣ ҳамчун кафили истиқлоли давлатӣ, рушди устувор, рақобатпазирии миллӣ арзёбӣ мешавад. Ҷомеае, ки дорои насли огоҳ ва соҳибмаърифат мебошад, метавонад пешрафт ва суботи худро ҳифз намояд.

Ишора ба он ки асри XXI асри илму техника ва технологияҳост ва намуна овардан аз давлатҳои пешрафта (истеҳсоли барқ аз офтоб) ҷаҳонбинии муосири Пешвои миллатро инъикос мекунад. Ин андешаҳо бозгӯйи онанд, ки пешрафти давлатҳо бар пояи илм ва инноватсия сурат мегирад. Кишварҳое пешсафанд, ки ба маориф ва технология сармоягузорӣ мекунанд ва Тоҷикистон низ бояд аз ин раванд қафо намонад.

Таъкиди Пешвои миллат ба он ки фарзандон бояд соҳиби саводу дониш ва касбу ҳунар шаванд, то дар зиндагии мустақилона азият накашанд, маорифро ҳамчун василаи таъмини зиндагии арзанда, омили коҳиши бекорӣ ва камбизоатӣ, роҳи худкифоии шахсият муаррифӣ

мекунад. Ин андешаи Пешвои миллат ба робитаи бевоситаи таҳсилот бо некуаҳволии иҷтимоӣ ишора мешавад.

Огоҳӣ аз он ки бесавод мондани наврасону ҷавонон ҷомеаро ба таассубу хурофот ва ҷаҳолат мекашонад, ҳушдори ҷиддии иҷтимоӣ ва амниятӣ мебошад. Роҳбари давлат таъкид мекунанд, ки бесаводӣ заминаи ифротгароӣ ва хурофотпарастист, ҷаҳолат метавонад суботи ҷомеаро халалдор созад ва маориф василаи асосии пешгирии чунин хатарҳост. Ин суханони Пешвои миллат таҷассумгари фалсафаи тарбияи инсони комил ва масъулияти шаҳрвандӣ мебошад. Дар онҳо маориф ва тарбия ҳамчун пояи бақои давлату миллат, кафили пешрафти иқтисодию технологӣ, воситаи ҳифзи арзишҳои миллӣ ва муқовимат ба таассубу ҷаҳолат муаррифӣ шудаанд. Ин андешаҳо барои падару модарон, омӯзгорон ва ҳамаи қишрҳои ҷомеа ҳамчун роҳнамои маънавию стратегӣ аҳаммияти бузург доранд.

Мавриди зикр аст, ки паёмадҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ низ дар Паёми Пешвои миллат таҳлилу баррасӣ гардиданд. Ишора ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои 90-ум ҳамчун воқеияти таърихӣ нишон медиҳад, ки он низоми илму маорифро фалаҷ кард, рушди кадрҳои илмӣ ва инфрасохтори таълимиро ба қафо партофт, танаффуси тулонӣ ва ё фазои холиро дар пайдарпайии насли олимону омӯзгорон ба вуҷуд овард. Бо ин таъкид Роҳбари давлат хотиррасон менамоянд, ки дастовардҳои имрӯзаи соҳаи маориф ва илм дар шароити сулҳу субот ба даст омада, сулҳ арзиши калидии рушди илм мебошад.

Андешаҳои Пешвои миллат дар самти омӯзиши пиряххо «яке аз самтҳои муҳимми илми ватанӣ ва ҷузъи сиёсати давлатӣ» мебошад. Ин рисолат нишон медиҳад, ки илм дар Тоҷикистон танҳо хусусияти академӣ надорад, балки ба амнияти экологӣ, захираҳои об ва рушди устувори кишвар бевосита марбут аст. Бо дарназардошти он ки Тоҷикистон кишвари кӯҳсор ва манбаи асосии захираҳои оби минтақа мебошад, омӯзиши пиряххо аҳаммияти ҳаётан муҳим доранд. Бинобар ин, эълон гардидани Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо (2025), Даҳсолаи илмҳои криосфера (2025-2034) бо пешниҳоди Тоҷикистон далели нуфузи байналмилалии кишвар дар соҳаи об, иқлим ва илм мебошад. Сарвари давлат бо ин андеша таъкид менамоянд, ки Тоҷикистон ташаббускори масъалаҳои глобалӣ аст, илми ватаниро ба сатҳи ҷаҳонӣ мебарорад, масъулияти байналмилалии худро дар ҳифзи муҳити зист эҳсос мекунад.

Даъвати Пешвои миллат ба сохторҳои дахлдор ҷиҳати густариши фаъолияти илмӣ ва амалии криосфера нишон медиҳад, ки натиҷаҳои илмӣ бояд амалӣ ва татбиқшаванда бошанд, илм бояд ба сиёсати давлатӣ ва ҳалли мушкилоти ҷаҳонӣ хидмат кунад, олимони тоҷик бояд дар арсаи байналмилалӣ фаъолона ҳузур дошта бошанд. Ин равиш илмро аз доираи маҳдуди миллӣ ба фазои рақобати илмии ҷаҳонӣ мебарорад.

Таъкиди Пешвои миллат доир мавриди аҳаммияти стратегӣ ва ҷаҳонии ҳифзи пиряххо маънои онро дорад, ки обшавии пиряххо ба тағйирёбии иқлим, камшавии захираҳои об ва амнияти озуқаворӣ таъсир мерасонад, масъалаи пиряххо танҳо мушкили Тоҷикистон нест, балки мушкили инсоният буда, илмҳои криосфера ҷузъи амнияти экологӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ мебошанд.

Пешниҳоди Пешвои миллат оид ба табдил додани Маркази омӯзиши пиряххо ба Институти омӯзиши пиряххо ва криосфера далели густариши доираи таҳқиқот, баланд бардоштани мақоми институтсионалии илм, фароҳам овардани замина барои ҷалби кадрҳои баландихтисос ва ҳамкориҳои байналмилалӣ мебошад. Ин иқдом нишон медиҳад, ки Пешвои миллат рушди илмро на танҳо дар сухан, балки дар сохтор ва инфрасохтори он мебинанд.

Ин мавқеъгирӣ ва таҳлилҳои Роҳбари давлат баёнгари онанд, ки илму маориф дар Тоҷикистон танҳо василаи рушди дохилӣ набуда, балки омили муаррифии кишвар дар сатҳи ҷаҳонӣ ва саҳмгузорӣ дар ҳалли мушкилоти умумибашарӣ мебошад. Ҳамчунин, дар меҳвар инсон, маърифати ӯ ва низоми маорифу илм қарор дошта, онҳо ҳамчун пояи асосии давлатдории миллӣ, рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ ва бақои давлат арзёбӣ мегарданд. Рушди илму маориф дар сиёсати Пешвои миллат на иқдоми мавсимӣ, балки стратегияи огоҳона, пайдарпай ва дурбинона аст. Ин андешаҳо заминаи назариявии ислоҳоти соҳаи маорифу илмро ташкил дода, барои таҳқиқоти илмӣ, таҳлили сиёсати давлатӣ ва корҳои илмии сатҳи олӣ аҳаммияти муҳим доранд.

# ИСТИҚЛОЛ ВА ДАСТОВАРДҲОИ СОҲАИ МАОРИФ ВА ИЛМ



**Абдулло ОРИФОВ – номзади илмҳои химия, мудири шуъбаи таълими фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқи АТТ, дотсенти кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи ДҶТИБКСМ**

**Истиқлолу соҳибдавлатӣ барои ҳар як халқу миллат роҳе ба сӯи озодӣ ва рушди ҳамаҷонибаи иқтисодӣ буда, дар ватани азизи мо бо талошҳои беохир ва роҳбарии муваффақонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ шудааст. Дарвоқеъ, кишвари мо пас аз ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ бо роҳбарии хирадмандонаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо дастгирии мардуми сарбаланд дар давраи начандон тулонӣ тавонист, ки низоми устувори давлатдориро бунёд намояд, пояҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии худро таҳким бахшад, дар арсаи байналмилалӣ ҷойгоҳи шоистаро соҳиб гардад ва дар роҳи рушду шукуфоӣ қадамҳои устувор гузорад.**

Дар ин масири пурифтихор таҷдиди шукӯҳи фарҳангу ҳунар, эҳёи арзишҳои миллӣ, тавсеаи соҳаҳои маорифу илм, рушди инфрасохтору пояҳои иқтисодӣ ва муаррифии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускору сулҳпарвар аз ҷумлаи дастовардҳои бузурганд, ки дар замони истиқлол амалӣ гардиданд, ки натиҷаи талошҳои фарзандони фарзонаи миллат мебошанд.

Бурду бохти дилхоҳ соҳа аз маблағгузории он вобаста буда, ба ҳамагон маълум аст, ки маҳз бо дастуру ҳидоятҳои Президенти кишвар маблағгузории соҳаи маориф сол аз сол афзоиш меёбад.

Дар даврони Истиқлоли давлатӣ дар бахши иқтисод ва молияи соҳаи маориф ислоҳоти зиёде гузаронида шуд, ки яке аз ислоҳоти назарраси маблағгузории соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, гузаштани муассисаҳои таълимии томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ ба низоми маблағгузории сарикасӣ (меъёрӣ) мебошад. Гузариш ба низоми меъёрии маблағгузорӣ бо мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодаи маблағҳои буҷетӣ, ҳавасмандсозии рақобат байни муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим, таъмини назорати хароҷоти маблағ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва падару модарон, ба шароити муосир мутобиқ



сохтани шабакаи муассисаҳои таълимӣ, инчунин, фароҳам овардани шароиту имконот барои сарфаи маблағ заминаи мусоид маҳсуб меёбад. Вобаста ба маблағгузории сарикасӣ мустақилияти молиявии муассисаҳои таълимӣ бештар ва иштироки ҷомеа дар идоракунии мактаб таъмин гардид. Акнун мактаб мустақилона самти афзалиятноки истифодаи маблағҳоро муайян ва имкон пайдо мекунад, ки онҳоро самаранок истифода барад.

Шуруъ аз соли 2001 ҳамасола маблағгузории соҳа мунтазам афзоиш ёфта, соли 2001 маблағгузории соҳаи маориф 60 млн. 900 ҳазор сомониро ташкил дод, ки он ба 2,4 фоизи ММД ва 16,9 фоизи буҷети давлатӣ баробар шуд. Бояд тазаккур дод, ки новобаста аз буҳрони молиявии ҷаҳонӣ дар солҳои 2009-2010, афзоиши маблағгузории соҳа таъмин гардида, хароҷоти буҷети

давлатӣ барои соҳаи маориф соли 2009 845 млн. 410 ҳазор сомонӣ ва соли 2010 1 млрд. 92 млн. 100 ҳазор сомониро ташкил дод, ки мутаносибан ба 4,9 фоиз ва 4,6 фоизи ММД баробар гардид.

Агар дар соли 2013 ба соҳаи маориф 2 миллиарду 130 миллиону 836 ҳазор сомонӣ ҷудо шуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2020 ба 5 миллиарду 4,6 миллион сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба соли 2013 2 миллиарду 873 миллиону 817 ҳазор (ё 1,3 маротиба) зиёд мебошад. Яъне, нишондиҳандаи маблағузории соҳаи маориф дар соли 2020 нисбат ба ММД 5,7 фоиз ва нисбати хароҷотӣ буҷети давлатӣ 19 фоизро ташкил медиҳад. Дар соли 2026 бошад, ин нишондиҳанда ба 13 млд. 677 млн 300 ҳазор сомонӣ расида, 7 фоизи ММД ва 20,4 фоизи буҷети давлатиро ташкил медиҳад.

Дар соҳаи маориф зинаи таҳсилоти томактабию миёнаи умумӣ ҳамчун зинаи асосӣ мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Аз ин рӯ, дар тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ кӯшишҳо ба дигаргунсозии мазмуну моҳияти таълим, ворид шудан ба фазои ҷаҳонии таҳсилот ва шаклгирии мактаби миллӣ зиёд гардида, як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ гардиданд. Ин санадҳо фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти умумиро танзим намуда, дар ҳамоҳангсозии муносибатҳои субъектҳои раванди таълим, фароҳам овардани шароити мусоиди донишандӯзии хонандагон, истифодаи усулҳои ҳамкорӣ дар таълим ва технологияи инноватсионӣ, таҳкими заминаи моддӣ-техникӣ ва дар маҷмуъ, ба баланд бардоштани сифати таҳсилот мусоидат намуданд.

Аз оғози замони Истиқлоли давлатӣ, пеш аз ҳама, моҳияти таълиму тарбияи томактабӣ чун заминаи рушди кӯдак ба ҷомеа муаррифӣ гардида, рушди бемайлони он тавассути таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, сохтмону бунёди муассисаҳои томактабӣ, таъсиси муассисаҳои хусусӣ, ташкили марказҳои инкишофи барвақтии кӯдак ва беҳтар намудани заминаҳои моддӣ-техникӣ таъмин гардид.

Дар замони Истиқлоли давлатӣ дар байни кишварҳои собиқи Шуравӣ яке аз аввалинҳо шуда, дар кишвари мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» 28.12.2013, №1056 таҳия гардид. Ҳамчунин, Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (30.12.2014, №785), Низомномаи намунавии муассисаҳои томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (29.04.2015, №256), Низомномаи намунавии марказ (гурӯҳ)-и инкишофи барвақтии кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, ҷиҳати танзими фаъолияти муассисаҳои томактабӣ мусоидат намуд. Ҳамзамон, бо мақсади миллигардонии мазмуну мундариҷаи таҳсилот, дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ тарбия намудани кӯдакон, Стандарти инкишоф ва омӯзиши барвақтии кӯдак аз таваллуд то 7-сола (31.12.2010 №20/6) бо дарназардошти талаботи синнусолии кӯдакон ва самтҳои рушди онҳо тибқи талаботи Стандарти давлатии таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тасдиқ гардид.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки аз замони оғози ислоҳот дар соҳаи маориф – (аз соли 2010) фарогирӣ ба таълиму тарбияи томактабӣ сол ба сол беҳтар гардидааст. Чунончи, агар соли 2010 бо муассисаҳои томактабӣ 58 700 нафар кӯдак фаро гирифта шуда бошад, он дар соли 2026 127913 нафарро ташкил додааст. Теъдоди муассисаҳои томактабӣ низ маҳз дар ҳамин давра рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Агар соли 2010 теъдоди муассисаҳои томактабӣ 488 ададро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар соли 2026 ба 795 адад расидааст, ки 307 адад зиёд мебошад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати пешрафт ва рушди соҳаи маориф қабл аз ҳама, баланд бардоштани сатҳу сифати дониши хонандагон, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо маводи дарсӣ, заминаҳои моддию техникӣ, технологияи ҳозиразамон, бунёд ва таъмиру азнавсозии мактабҳо тадбирҳои амалиро роҳандозӣ намуда, баҳри ҳалли масъалаҳои зикргардида тамоми чораҳои заруриро меандешад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушду инкишофи таҳсилоти умумӣ тадбирҳои амалӣ андешида, ба рушду камолоти маънавии хонандагон дар ин зинаи таҳсилот диққати махсус зоҳир менамояд.

Соли таҳсили 1991-1992 миқдори муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 3229 адад буда, аз ин шумора 614 мактаби таҳсилоти ибтидоӣ, 634 адад мактаби таҳсилоти умумии асосӣ, 1966 адад мактаби таҳсилоти умумӣ, як адад гимназия ва 14 адад мактаб-интернат барои кӯдакони ятиму бепарастор ва гирифтори иллати руҳӣ ва ҷисмонӣ фаъолият мекард.

Дар соли таҳсили 2025-2026 дар ҷумҳурӣ 4056 муассисаи таҳсилоти умумӣ фаъолият мекунад, ки аз ин шумора 272 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ, 308 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ, 3476 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

Теъдоди хонандагон дар соли таҳсили 1991-1992 дар ҷумҳурӣ 1 млн. 325 ҳазору 400 нафарро ташкил медод. Ин нишондиҳанда дар соли таҳсили 2025-2026 2 млн. 462 ҳазору 7 нафарро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли таҳсили 1991-1992 1 млн. 151 ҳазору 807 нафар зиёд гардидааст. Инчунин, дар соли таҳсили 2025-2026 шумораи омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ 136 ҳазору 116 нафарро ташкил дода, нисбат ба соли таҳсили 1991-1992 дар ҷумҳурӣ 41 ҳазору 116 нафар зиёд аст.

Дар замони Шуравӣ ягон мактаби типи нав, хусусӣ ва ғайридавлатӣ амал намекард, имрӯз бошад, дар ҷумҳурӣ 172 муассисаи типи нав, аз ҷумла, 82 гимназия, 90 литсей бо фарогирии 131 ҳазору 695 нафар хонанда фаъолият доранд, ки 5,3%-и шумораи хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумии ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Агар соли 2014 муассисаҳои таълимӣ бо 48125 компютер ва 8008 принтер таъмин буданд, имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 103665 адад компютер ва 15763 принтер, инчунин, 7523 тахтаи электронӣ мавриди истифода қарор дошта, 2694 муассиса бо интернет таъмин аст. Қобили зикр аст, ки қисми зиёди онҳо тавассути модем ба интернет пайваст шудаанд. Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бошад, 17121 адад компютер ва 2155 принтер, инчунин, 1078 тахтаи электронӣ мавриди истифода қарор дорад.

Инчунин, Барномаи давлатии таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кабинетҳои фаннӣ ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳази таълимӣ низ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд, ки дар марҳилаи дуюм дар баробари кабинетҳои фаннӣ, озмоишгоҳҳо, инчунин, таъмини кабинетҳои суруд ва мусиқии муассисаҳои таълимӣ бо асбобҳои мусиқиро низ дар бар гирифт. Қабули Барномаи мазкур ба омӯзиши амиқи фанҳои дақиқ, фароҳам овардани шароит барои тадрис бо усулҳои муосир, тарбияи эстетикии хонандагон ва баланд гардидани сифати таҳсилот мусоидат менамояд.

Барои таҳким бахшидани мундариҷаи таҳсилот шуруъ аз соли 2016 гузариш ба муносибати нави таълимӣ – муносибати босалоҳият ба таълим оғоз гардида, маводи зарурӣ (стандарт, барнома, замима ба китобҳои дарсӣ ва роҳнамои омӯзгор) омода карда шуда, омӯзгорони ҳамаи фанҳои таълимӣ аз курсҳои омӯзиши муносибати босалоҳият ба таълим гузаронида шуданд.

Қабули Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2015-2020 такони ҷиддие буд барои ташкили марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳо. Бо таъсис ёфтани марказҳои дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ шароити мусоиди таълимию тарбиявӣ ташкил гардида, марказҳои мазкур барои дарёфти хонандагони лаёқатманд ва омода намудани онҳо ба олимпиадаҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, алалхусус, дар мактабҳои Президентӣ, гимназия ва литсейҳо барои хонандагони болаёқат корҳои назаррасро ба сомон расониданд. Имрӯз дар ҷумҳурӣ 73 маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳо бо 671 маҳфили фаннӣ ташкил шуда, дар онҳо 8441 нафар хонанда фаро гирифта шудаанд. Ҳамчунин, дар ин муддат таваҷҷуҳ ба рушди ҳаракати олимпӣ низ зиёд гардид. Агар тӯли солҳои 2013-2020 хонандагони тоҷик дар озмуну олимпиадаҳои байналмилалию ҷаҳоние, ки дар Федератсияи Россия, Қазоқистон, Туркия, Қирғизистон, Туркманистон, Озарбойҷон, Гурҷистон, Беларус, Ҳолланд, Ҳиндустон, Индонезия, Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Руминия, Булғория, Кореяи Ҷанубӣ, Ветнам, Тайланд, Дания, Африқои Ҷанубӣ, Куба, Аргентина, Бразилия, Молдова, Латвия, Ӯзбекистон, Малайзия, Фаронса, Англия, Маҷористон, Ҷопон, Словакия ва Чехия баргузор шудаанд, фаъолона иштирок намуда, сазовори 1216 ҷойи ифтихорӣ (248 ҷойи якум, 366 ҷойи дуюм, 602 ҷойи сеюм) ва зиёда аз 400 нафар сазовори ифтихорномаҳои фахрӣ гардида бошанд, пас, аз соли таъсиси Маркази ҷумҳуриявии дарёфт ва рушди истеъдодҳо то имрӯз иштироки хонандагон дар олимпиадаҳои байналмилалӣ 53379 нафар хонандаро ташкил медиҳад, ки аз ин шумора 14958 нафар сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гардидаанд. Дар олимпиадаҳои ҷумҳуриявӣ бошад, 42628 нафар иштирок намуда, аз онҳо 9890 нафар соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ гардидаанд. Ин нишондиҳандаҳо аз густариши фарогирии хонандагон ва баланд гардидани сатҳи омодагии онҳо шаҳодат медиҳанд.

Дар давоми 35 соли Истиқлоли давлатӣ низоми такмили ихтисоси омӯзгорон ба марҳилаи нисбатан нави рушд ворид гардида, бо дарназардошти талаботи замони муосир ва стандартҳои байналмилалӣ такмил ва густариш ёфт. Дар ин давра як қаторислоҳоти муҳим амалӣ гардида, мазмуну муҳтавои барномаҳои омӯзишӣ таҷдид, шакл ва усулҳои таълим муосир гардонида шуданд. Аз ҷумла, аз 3 декабри соли 2012 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, №714 Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисоси омӯзгорон ба Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф тағйири ном ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 майи соли 2014, №345 «Дар бораи муттаҳид намудани муассисаҳои давлатии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» донишкадаҳои минтақавӣ (ВМКБ шаҳри Хоруғ, вилояти Хатлон – шаҳрҳои Бохтар ва Кӯлоб, вилояти Суғд – шаҳри Хуҷанд) ва Маркази такмили ихтисоси раёсати маорифи шаҳри Душанбе дар заминаи Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» муттаҳид карда шуданд.

Бо татбиқи Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.07.2017, №357) ба курсҳои баландбардории маҳорати касбӣ фаро гирифтани омӯзгорон сол ба сол афзоиш ёфта, мазмуну муҳтавои нақшаву барномаҳои таълимӣ ҳамеша таҷдиду такмил ва ҷиҳати ба талаботи маорифи байналмилалӣ мутобиқ кардани ин бахши муҳим таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд. Дар маҷмуъ, аз соли 1991 то соли 2025 дар заминаи донишкада ва филиалҳо зиёда аз 664629 нафар шунаванда такмили тахассус карда, нақша ва барномаҳои таълимӣ аз рӯйи ихтисосҳо вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва ниёзи омӯзгорон таҳия ва ҳар се сол бо қарорҳои дахлдор тасдиқ гардиданд.

Афзоиши шумораи муассисаҳои таълимӣ дар даврони Истиқлоли давлатӣ яке аз дастовардҳои соҳаи таҳсилоти олии касбӣ аст. Агар дар соли 1992 дар ҷумҳурӣ 13 муассисаи таҳсилоти олӣ бо теъдоди 70600 нафар донишҷӯ фаъолият мекарда бошад, пас, дар соли 1997 ин теъдод ба 25 бо 76700 нафар донишҷӯ расид ва дар соли 2026 дар ҷумҳурӣ 48 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ бо зиёда аз 226000 нафар донишҷӯ фаъолият менамояд, ки аз он дар ҷумҳурӣ 18 донишгоҳ, 24 донишкада, 3 академия, 1 консерваторияи миллӣ, 5 филиал мебошад.

Тайи солҳои 1997-2025 ба 20 муассисаи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ зиёда аз 28 000 нафар донишҷӯ, аз ин миқдор наздики 18 000 духтар тибқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи суҳбат (бе имтиҳон) қабул гардида, донишгоҳу донишкадаҳоро мунтазам хатм ва тибқи роҳхат ба шаҳру ноҳияҳои кишвар барои кор фиристода шуданд. Ҳамзамон, ҳамасола зиёда аз 1200 нафар донишҷӯ тариқи квотаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (суҳбат, беимтиҳон) ба донишгоҳу донишкадаҳо қабул мегарданд, ки зиёда аз 55 фисади онҳоро духтарони аз шаҳру ноҳияҳои дурдаст ташкил медиҳанд.

Дастоварди муҳимми дигар, ташкили Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ҳамакнун ҳамасола довталабон тариқи имтиҳонҳои марказонидашудаи ин ниҳод ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қабул карда мешаванд.

Гузаштани муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ аз аккредитатсияи байналмилалӣ низ аз муваффақиятҳои замони соҳибистиқлолӣ буда, мутобиқ намудани нуфузу эътибори муассисаи таълимӣ ва мавқеъ пайдо намудан дар феҳристи муассисаҳои таълимии сатҳи байналмилалӣ эътирофшуда мебошад. Дар ин раванд, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино, Донишгоҳи далатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва дигар муассисаҳои таълимӣ имкон пайдо намуданд, ки аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаранд ва соҳиби сертификат ва шаҳодатнома гарданд.

Гузашта аз ин, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 августи соли 2014 Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъсис ёфт ва баъд аз тасдиқи Низомномаи муассисаи мазкур ибтидо аз сентябри соли 2015 бори аввал дар таърихи ҷумҳурӣ қабул ба докторантура аз рӯи ихтисос шуруъ гардид.

Ҳамчунин, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷудо кардани грантҳои хурд ҷиҳати ҷалби донишҷӯён ба таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва кашфиёту ихтироъкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Низомномаи посдокторантура» тасдиқ гардид.

Дар солҳои охир ба тарбияи кадрҳои илмию педагогӣ низ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуд. Бо таъсиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва илмии ҷумҳурӣ 94 Шурои диссертатсионӣ амал мекунанд, ки аз рӯйи 216 ихтисоси анъанавӣ ва 216 ихтисосҳои доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос диссертатсияҳоро ба ҳимоя қабул менамоянд.

Дар соли 2026 дар ҷумҳурӣ 17 шурои диссертатсионӣ, ки дар назди Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ба қайд гирифта шудааст, фаъолият менамояд.

Дар шуроҳои мазкур дар се моҳи аввали соли ҷорӣ 117 нафар, аз ҷумла, 25 нафар рисолаи докторӣ, 92 нафар рисолаи номзадию доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос ҳимоя кардаанд.

Дар соли таҳсили 2025-2026 шумораи умумии магистрантони ба таҳсил фарогирифташуда 4506 нафар, аспирантон 145 нафар, унвонҷӯён 1988 нафар ва миқдори умумии докторантон аз рӯйи ихтисос (PhD) 720 ва докторант 194 нафарро ташкил медиҳад.

Аз 1 ноябри соли 2025 бо қарори Ҳукумти Ҷумҳурии Тоҷикистон №570, «Барномаи мақсадноки давлатии рушди илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои солҳои 2026-2030», аз 28 феврали соли 2025 бо қарори Ҳукумти Ҷумҳурии Тоҷикистон №114 «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» қабул шуда, озмунҳои ҷумҳуриявии «Олими сол», «Магистранти сол» ва «Муҳаққиқ ва ихтироъкори ҷавон» баргузор мегарданд.

Бахшида ба татбиқи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Низомномаи Озмуни ҷумҳуриявии «Илм – фурӯғи маърифат» тасдиқ карда шуда, ҳамасола озмун дар 4 давр аз рӯйи 8 номинатсия баргузор карда мешавад.

Дар замони 35 соли Истиқлоли давлатӣ кишвари мо бо зиёда аз 10 давлати хориҷӣ созишномаҳои эътирофи мутақобилаи ҳуҷҷатҳои намунаи давлатӣ ва дараҷаҳои илмиро ба имзо расонидааст. Ин санадҳо имконият медиҳанд, ки дипломҳо ва дараҷаҳои илмии шаҳрвандони Тоҷикистон дар кишварҳои хориҷ расман эътироф шаванд ва ин раванд ба густариши ҳамкориҳои илмӣ, таҳсилоти олӣ ва ҳаракати озоди мутахассисон дар фазои байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Ҳамчунин, соли 2026 дар соҳаи маориф ва илм Форуми сеюми ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистону Ӯзбекистон дар бинои Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ташкил ва баргузор гардид, ки дар он вазирон ва ректорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистону Ӯзбекистон иштирок намуданд. Дар Форуми зикргардида беш аз 60 санади нави ҳамкорӣ байни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистону Ӯзбекистон ба имзо расидааст.

Даврони соҳибистиқлолӣ собит намуд, ки маориф ва илм неруи азиманд. Истифодаи ин неруи беназир дар корҳои созандагӣ метавонад на танҳо ба рушди соҳа мусоидат намояд, балки дар шукуфоии имрӯзу фардои кишварамон саҳми беандоза бузурге гузорад.

Илму маориф аз самтҳои афзалиятноки давлатӣ ба ҳисоб рафта, пешрафти минбаъдаи ҷомеа ва беҳтар гардидани шароити иҷтимоии аҳолӣ маҳз аз ҳамин соҳа вобастагӣ дорад. Аз ин лиҳоз, саҳм гузоштан ба соҳаи маориф, яъне, тарбия кардани кадрҳои баландихтисосу соҳибмаърифат, ба меъёрҳои муосир ҷавобгӯ ва дорои ҷаҳонбинии васеъ аз вазифаҳои муҳимми зиёиён, бахусус, олимону омӯзгорон ба ҳисоб меравад.

> **Ба шарофати истиқлолу озодӣ, сулҳу суботи комил ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистони азизи мо барои илму донишомӯзии насли наврас ва ҷавонон тамоми шароиту имкониятҳои зарурӣ муҳайё карда шудаанд.**
>
> **Эмомалӣ Раҳмон**

# АЗ ТАСМИМГИРИИ МАНТИҚӢ ТО ТАМАРКУЗ – ОРИЕНТАТСИЯИ МИЛЛӢ

## (Дар ҳошияи рӯзи таваллуди устод Айнӣ)



Нозим НУРЗОДА – мудири шуъбаи ташаккули ҳувияти миллӣ ва оммависозии илми Раёсати Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

**Тасмимгирии мантиқӣ, пеш аз ҳама, ба сатҳи ҷаҳоншиносӣ ва дидгоҳи илмии фард бастагӣ дорад ва ҳар нафаре, ки бар мабнои ақлу фаросат, донишу маърифат, шинохту фикрат ва мушоҳидаву таҷрибат тасмим мегираду коре анҷом медиҳад, ҳатман муваффақ мешавад. Ин аст, ки кайфияту чигунагии умур дар бисёр маврид ба тасмимгириҳои мантиқии фард, афрод, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва билохира, миллату халқият вобаста аст.**

Муҳимтар аз ҳама, афроди саршиноси миллатҳои муваффақ танҳо аз тариқи тамаркуз-ориентатсия ва самтгирии дурустҳисобӣ на танҳо худ ро сохтаанд, балки роҳи рушду тараққиро барои дигарон ҳам вонамоёнда, имкону шароити таҳаввулу дигаргуниҳоро фароҳам овардаанд. Ҳадафи мо дар ин матлаби ихтисорӣ мушаххас кардани ҷойгоҳи устод Айнӣ ба ҳайси якояндабин ва ориенталисти миллӣ мебошад. Бо таваҷҷуҳ ба ин, чанд нуктаро иҷмолан ишора менамоем:



**Якум,** мафҳуми ориентатсия (тамаркуз, самтгирӣ, ҷиҳатгирӣ, перспектива,ояндабинӣ, мавзеъгирӣ ва амсоли инҳо) дар илм кайҳо боз ошност. Вожаи «орие» ба маънии муайян кардани самт далолат мекунад. Рене Декарт (1596-1650) ориентатсияро дар мисоли инсоне, ки дар ҷангал роҳро гум карда, бо такя ба қудрату неруи фикрию иродавиаш тасмим мегирад ва ниҳоятан, роҳи бурунрафтро пайдо мекунад, нишон медиҳад. Фридрих Нича (1844-1900) ба ин назар буд, ки файласуфон бояд худро ба гирдоби шубҳа мубтало кунанд ва дар баҳри шакку беитминонӣ ғарқ шуда, қудрати дар ин баҳр ғаввосӣ намуданро имтиҳон кунанд. Аз ин ҷо уфуқгирӣ, самтгирӣ, дурбинӣ, тасмимгирӣ ва билохира,ояндабинии як инсон (манзур индивид аст) шакл мегирад ва ӯ худро тавассути мавқеъгирӣ (ориентатсия) аз авзои ҳассосу хатарнок берун мекашад ва огоҳмандона роҳи ҳал меҷӯяд. Ин имтиҳони зеҳн ва қудрати тафаккуру тааққули инсон аст. Ориентатсия-тамаркуз ба сатҳи тафаккур ва иродаи мавқеъгиранда бастагӣ дорад. Мавқеъгирии ғалат ё иштибоҳиро дезориентатсия мегӯянд. Ба таври куллӣ, ориентатсия ҳолати ҷиҳатгирӣ ваояндабинии инсон аст ва зеҳну тафаккур ва иродаи ӯро дар баробари мушкилот ва фаҷоеи пешорӯяш қарордошта устувор месозад ва водор ба тасмимгирӣ менамояд.

**Дувум**, суоли матраҳ матлаби мазкур ин аст, ки оё метавонем, ки устод Айниро ба унвони як тасмимгири мантиқӣ ваояндабин шиносему муаррифӣ кунем? Албатта, метавонем, чаро ки устод Айнӣ тули умр аз тариқи талошҳои мудавоми ҳамарӯзӣ, тасмимгирии мантиқӣ ва ҳадафгирӣ-ориентатсияи миллӣ на танҳо дар роҳи боло бурдани сатҳи донишу маърифату биниши ҷомеа гомҳои устувор бардоштаст, балки тариқи омӯзишу таҳқиқи вазъ оянда ва

дурнамои миллатро ҳам мушаххас ва як навъ ояндабинӣ кардааст. Устод Айнӣ нахустин маротиба баъди мутолиаи «Наводир-ул-вақоеъ»-и Аҳмади Дониш аз назари фикрӣ тағйир кард ва ба мушкилоти иҷтимоии замон вуҷудан пай бурд. «Аммо, вақте ки ман он аҳволи **фалокатиштимолро** дар мундариҷоти «Наводир-ул-вақоеъ» бо тасвири реалӣ – бо тасвире, ки худ дар зиндагӣ дида будам, дидам, - навиштааст устод Айнӣ, - ба ман ҳолати дигар рӯй дод. Ман дар дили худ гуфтам: «**Ин аҳволро ислоҳ кардан лозим аст, модом ки ман ислоҳ карда наметавонам, аз вай нафрат кардан зарур аст (инқилоби фикрӣ кам ҳам бошад, дар ман ана дар ҳамон вакт рӯй дод**)»[1] Шинохти «аҳволи фалокатиштимол»-и Бухоро, ки бар пояи зулму истибдоди амирӣ ва сардамдорони он – амир, қозӣ, муфтӣ, миршаб, амлокдор, мулло, имом ва амсоли онҳо бунёд ёфта буд, имрӯз ҳам дар симои созмону ҳаракатҳои террористию экстремистии динӣ-мазҳабӣ ҷомеаи мо ва умуман, ҷавомеи ҷаҳониро ҷиддӣ таҳдид мекунанд. Бар мабнои ин, шинохти хасоиси ҷаҳл, таассуб ва хурофот, ки дар ҳар давру замоне аз худ асари беадолатӣ, беинзиботӣ, беназмӣ, беазмӣ, беиродагӣ, бегонасолорӣ, бешахсиятӣ ва билохира, беҳувиятӣ мегузоранд, беш аз пеш дар китоби «Ёддоштҳо»-и Айнӣ ба таври равшану нишонрас баён ёфтаанд.

**Севум,** устод Айнӣ нависанда, адиб, адабиётшинос, муаррих, донишманд ва мутафаккири миллист, ки миёни ҷаҳони кӯҳна (давраи амирсолорӣ) ва оламии нав (замони ҳукумати Шуроӣ) мунсифона доварӣ намуда, мушаххасоту муҳтавиёти расму маросим, одату эътиқод, маданияту маърифат ва тарзи зиндагии табақоти гуногуни иҷтимоии Бухорои амириро барои насли наврас ва ҷавони замони нав бозгӯ намуда, дар баёни матолиб ҳеҷ гоҳ ҳадди инсофро убур накардааст. Мушоҳида, диққат, дониш, биниш, завқу салиқа ва мунтаҳо, таҷриботи шахсии устод Айнӣ дар китоби «Ёддоштҳо» натиҷагирӣ шудааст. Муҳим он аст, ки устод Айнӣ бо зеҳни ҷӯёву пӯё, ҳунари мушоҳидакорӣ ва дақиқназарӣ ҷараёни воқеоту ҳаводиси замонро мушикофона пайгирӣ ва дар ин замина хомафарсӣ карда, ҳаёти мардуми аморати Бухороро, ки худ ҷузъи он салтанати қафомондаи феодалӣ буд, бо мушоҳидакорӣ, дақиқсанҷӣ ва ҷиддияти ҳунарӣ муваффақона ба риштаи тасвири бадеӣ баркашидааст. Аз ин ҷост, ки «Ёддоштҳо» танҳо то нимаи аввали садаи бист (то солҳои 50-ум) ба 21 забони дунё пурра тарҷима шуд[2].

«Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ (1948-1954) асари ҷамъбастии нависанда буда[3], таҷрибаи ҳафтодсолаи таърихӣ, фикрӣ, сиёсӣ, адабӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии устодро дар бар гирифтааст. Дар ин хусус устод Айнӣ навиштааст: «Ин маълум аст, ки таҷрибаи ҳар кас дар ҳар кор дар охирҳои кораш ба камол мерасад ва ин ҳам маълум аст, ки ҳеҷ кас охири умри худро ба тарзи қатъӣ намедонад. Аммо аз он ҷо, ки умрам аз ҳафтод гузашта, рӯз то рӯз сустии аъзоҳо зиёдтар гардида, қувваи кориам камтар шудан гирифт, ман тахмин кардам, ки вақти ба анҷом расонидани ин кор… расидааст»[4]. Доираи мутолиот, диду мушоҳидот ва донишу таҷрибот кифоят кард, ки устод Айнӣ дар таърихи адабу фарҳанги муосири тоҷикӣ дар қолаби ёддошт асаре гаронмоя побарҷо гузорад (ҳарчанд он нотмом аст).

**Чорум,** муҳаққиқон таъкид кардаанд, ки устод Айнӣ ба воқеияти даврони амирсолорӣ то фаворасии Инқилоби Октябрии русӣ (соли 1917) баҳои сиёсӣ додааст[5]. Фаротар аз ин, устод бо диди густардаи худ дар қолаби насри бадеӣ на танҳо ба масоили сиёсӣ, балки ба куллияи матолиби замон ва макони мушаххас (манзур Бухорои амирӣ аст) бархӯрди воқеӣ-реалӣ ва таҳлилӣ-интиқодӣ кардааст. Бо таваҷҷуҳ ба ин, устод Айнӣ ба «он фикри муҳим» ва «қувваи азим» тамаркуз карда, ин ду ибороти меҳварии адабӣ-бедеиро дар инсиҷом оварда, ба сарманзили ҳадаф – бедории фикрӣ ва маънавии хонанда расидааст.

Устод Айнӣ ҳангоми тасвир ва баррасии мушкилоти замон ва беинзиботии аморат аз чеҳраҳои мунавварфикре мисли Аҳмадмахдуми Дониш, қозӣ Абдулвоҳиди Садри Сарир, Исомахдум, Шарифҷонмахдум, Абдулмаҷиди Зуфунун, Яҳёхоҷа, Содиқхоҷаи Гулшанӣ, Абдулхоҷаи Таҳсин, Мирзо Азими Сомии Бӯстӣ, Азизхоҷаи Азиз, Ҳомидбеки Ҳомид, Мирзо

---

[1] Айнӣ, С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. – С. 548.
[2] Шукуров, М. Хусусиятҳои ғоявию бадеии “Ёддоштҳо”-и устод С. Айнӣ. – Душанбе: Дониш, 1966. – С. 9.
[3] Асозода, Х. Воқеият, сиёсат ва Айнӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – С. 80.
[4] Айнӣ, С. Ёддоштҳо. – Қисмҳои 1-2. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ, 1954. – С.5).
[5] Асозода, Х. Воқеият, сиёсат ва Айнӣ. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – С. 40.

Ҳаити Саҳбо, Шамсиддинмахдуми Шоҳин, Мулло Амон ёдовар шуда, муқовимати ҳадафмандонаи ононро ба муқобили зулму истибдод ва ҷаҳолату таассуби замон дар сатҳи баланди бадеӣ ва маърифатӣ таҷассум намудааст. Яке аз қаҳрамонони маъруфи «Ёддоштҳо»-и устод Айнӣ Мулло Амон, ки ӯро метавон шахсияти ҷуръатманди мактаби равшанфикрии замон унвон кард, дар муқовимат алайҳи беинсофӣ, беадолатӣ, бетартибӣ, нодонӣ, ҷаҳолату хурофот ва таассуби мазҳабии ниҳоди ба истилоҳ, «муллоии амирсолорӣ» (нерумандтарин ниҳоди аморат муллоҳо маҳсуб меёфтанд, ки амир бевосита аз онҳо ҳимоят мекард) аз тамоми имконот истифода мекард. Устод Айнӣ дар боби «Набераи Файзӣ-авлиё»-и «Ёддоштҳо» дар мавриди ин шахсияти ҷасури миллӣ (Мулло Амон аз деҳаи Розмози тумани Вобканди Бухоро буд) мушаххас ёдовар шуда, аз улуми мантиқ ва ҳикмат огаҳ будани ӯро таъкид карда, навиштааст: «Мулло Амон аз илмҳои мадраса бештарин ба мантиқ ва ҳикмат машғулӣ мекард, илмҳои диниро – Қуръон, ҳадис ва фиқҳро «инҳо илм нестанд, инҳоро ҳар кас метавонад омӯзад, чунки **ҳамагӣ** дар китоб навишта шудааст. Илм он аст, ки ақл дар вай кор кунад ва майдони фикрдавонӣ кушода шавад»[1]. Мулло Амон ҳассосияти пурқувват ва эҳтиросоти пуртуғён дошта[2], дар баробари беадолатӣ ва таассуби динӣ меҷӯшаду мешӯрад ва мехурӯшад. Чунин шахсиятҳо, ки дар мактаби фикрию эҷодии Аҳмадмахдуми Дониш мунсаҷим шуда буданд, муфассал дар боби «Шарифҷон-махдум ва ҳамсуҳбатони ӯ»-и қисми сеюми «Ёддоштҳо» зикр ёфтаанд»[3]. Устод Айнӣ дар муҳити Бухоро Аҳмади Донишро ба унвони раҳбари инқилоби илмӣ, адабӣ, иҷтимоию сиёсӣ ёд карда[4], дар ҷо-ҷойи осораш, мувофиқи мақсад ва муносиби ҳол аз ӯ ҳамчун равшангар ва маорифпарвари беназир тамҷид намудааст. Мушаххасоти ниҳоди равшанфикрии миллӣ, ки раҳбараш Аҳмади Дониш буда, дар «Ёддоштҳо» батафсил дарҷ гардидааст, бояд имрӯз ҷиддӣ омӯхта шавад ва таҷрибаи муқовимати фикрӣ ва сиёсии он ба муқобили хурофоту таассуби динӣ-мазҳабии давр ҳоло ҳам дархӯр ва омӯзанда аст.

**Панҷум,** аз ҷониби дигар, шинохту муаррифии осори устод Айнӣ дар доираи маҳдуди филологӣ – забону адабиёт ва завқу салиқашиносии бадеӣ-эстетикӣ ҳаргиз кофӣ нест, балки муҳтавиёту мушаххасоти эҷодиёти устод бояд фаротар аз улуми адабӣ – дар доираи илмҳои фалсафӣ матраҳ гардида, шахсияти чандбуъдии Айнӣ муаррифӣ гардад. Дар ин замина, татбиқи назариёти адабӣ, сиёсӣ, геосиёсӣ, мафкуравӣ, ҷомеашинохтӣ, равоншиносӣ, равонковӣ, фалсафӣ, таърихӣ ва амсоли инҳо дар маҳдудаи маконию замонии миллӣ бояд сурат бигирад. Манзур ин аст, ки фазои татбиқи назариёти илмию фаннии урупоиро метавон дар мероси арзишманди устод Айнӣ пайдо кард ва масири ҳаракати фикрӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, мафкуравӣ, ахлоқӣ, равонӣ ва фарҳангии миллиро дуруст шинохт. Мунтаҳо, шиносоӣ ва ташхис (диагностика)-и дурусти мушкилоти фикрӣ, ақидатӣ, ҳувиятӣ, ахлоқӣ, иқтисодӣ, маданӣ ва иҷтимоӣ шароти мусоидро барои ҳалли онҳо фароҳам оварда, роҳи раҳоӣ аз бебандубориию сардаргумию бунбасту буҳронҳоро ҳамвор месозад.

**Шашум,** ба ин тартиб, устод Айнӣ аз даврони толибилмӣ (айёми таҳсилот дар мадориси Бухоро) ба муҳитҳои рӯшангарӣ роҳ меёбад ва ҳадаф мегузорад, ки дар танвири фикрӣ ва бедории иҷтимоии насли наврас ва ҷавони Бухорои амирӣ саҳми муносиб бигирад. Маҳз аз ин марҳила (манзур солҳои 1905-1912) фаъолияти маорифпарварӣ-рӯшангарии устод Айнӣ шуруъ мешавад. Устод замони талош ва ҷустуҷӯҳои худро дар заминаи касби дониш ва улуми дунявӣ ба ёд оварда, таъкид мекунад, ки «чун ба муаллим Абдураҳмони Саидӣ (Абдураҳмон Саидӣ тотор буда, аз нахустин муассисони мактаби тоторӣ (соли 1906) дар Бухоро маҳсуб меёбад - Н. Н.) робитаи мо зиёд шуд..., ҳар рӯз баъд аз фароғи таълим ба ҳуҷраи фақиронаи камина дар мадрасаи Кӯкалтош меомад, китобҳои тозабаромад ва рисолаҳои нофеаро оварда мутолеа намуда, ба мо тафҳим мекард. Китобу рисолаҳое, ки дар боби тарбия ва таълим дар Русия ва Истамбул таҳрир ва табъ ёфта буд, ба мо мутолеа мекунанд. Фақир ва Аҳмадҷон Махдуми Ҳамдиро ба ҷаридаи

[1] Айнӣ, С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. – С. 491-492.
[2] Шукуров, М. Диди эстетикии халқ ва насри реалистӣ. – Душанбе: Ирфон, 1973. – С. 35.
[3] Айнӣ, С. Ёддоштҳо (чаҳор қисм). Иборат аз як китоб. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2009. – С. 268-284)
[4]Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Душанбе: Адиб, 2010. – С. 200.

«Вақт» ва маҷаллаи «Шӯро» муштарӣ кунонд»[1]. Усулан, устод Айнӣ бар мабнои донишу биниш ва таҷрибаю собиқаи маорифпарварону рӯшангарони замон, аз ҷумла, Аҳмади Дониш, Мирзо Сироҷи Ҳаким, Раҳматуллоҳи Возеҳ, Сиддиқхоҷаи Аҷзӣ ва дигарон дар масири ислоҳи авзоъ ва тағйироти зеҳнию иҷтимоӣ бардамона гом бардошт. Устод рисолати маорифпарварӣ-рӯшангариро дар беҳбуд бахшидани вазъи асафбори иҷтимоию маънавӣ, саводнок кардани мардум ва пахшу нашри улум қаламдод карда, тавсияи худро дар шакли барнома-стратегияи адабӣ, илмӣ ва фарҳангӣ ироа медорад: «Аввал танвири афкор ва нашри улум лозим аст, сонӣ ислоҳот худ ба худ ё ба иҷбори афкори умумӣ хоҳад шуд. Хулоса: илм чу ояд, ба ту гӯяд, ки кун»[2].

Муҳимтар аз ҳама, руҳи бедорӣ ва танвири фикрӣ устодро ба кушодани мактабҳои типи нав ё ба истилоҳ, макотиби усули савтия вомедорад. Дар ин замина, соли 1326 ҳиҷрӣ (соли 1908 мелодӣ) дар гузари Дарвозаи Салоҳхона дар хонаи Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим дар Бухоро нахустин мактаби усули савтия ба забони форсии тоҷикӣ таъсис меёбад ва устод Айнӣ дар он ба тадрис машғул шуда, китобу дастурҳои таълимӣ ҳам менависад[3]. Бо кушода шудани мактаби усули савтия, ки тавассути тарзу усули наву ҷадиди таълиму тадрис ва ҳазми маводи дарсӣ мардум босавод карда мешуданд, қишри руҳонияти мутаассиб фаъол мешавад ва дар садади нобудӣ ва шикасти он мекӯшад. Охируламр соли 1909 дастгоҳи мутаассиби амирӣ мактаби усули нави Мирзо Абдулвоҳиди Мунзим (1877-1934) ва устод Айниро, ки бо номи «Мактаби Мунзим» маълум буд, мебандад[4]. Ҳарчанд ки бо иғвои муллоёни мутаассиб ин мактаб баъди як сол таътилу баста мешавад, ба таври пинҳонӣ чанд муддати дигар фаъолият мекунад. Ибтикороту ташаббусоти Айнӣ ва ҳамнаслони ӯ дар заминаи бедории иҷтимоӣ ва танвири фикрӣ, ки он замон унвони ифтихорӣ ва эҳтиромии «тараққихоҳони Бухоро»-ро гирифта буданд, боиси ихлосу садоқат ва самимияту муҳаббати мардум гардиданд[5].

**Ҳафтум,** агар марҳилаи аввали маорифпарварӣ-рӯшангарии устод Айнӣ ба замони амирӣ (солҳои 1908-1920) иртибот дошта бошад, марҳилаи баъдӣ ба даврони нави сохтмони давлат ва ҷомеаи сотсиалистӣ (солҳои 1920-1954) рост меояд. Бавежа, фаъолияти маорифпарварӣ-рӯшангарии Айнӣ дар марҳилаи ҳассоси нимаи дуюми солҳои бистуми садаи бист (солҳои 1924-1929), ки дар таърихи миллӣ ба сифати замони миллатсозӣ ва муқовимату муборизаҳои шадиди сиёсию мафкуравӣ муаррифӣ шудааст, сазовори таъкиду тазаккури мукаррар аст. Дар он марҳилаи ҳассос, ки тоҷик нав соҳиби ҷумҳурии алоҳида шуда буд, устод Айнӣ тариқи нашру пахши мақолаю матолиби публитсистӣ рӯшангарӣ мекунад. Ин аст, ки Айнӣ дар нашрияи овозадори «Овози тоҷик» силсилаи матолиби ҷиддии публитсистӣ нашр кард, ки ба мавзуъ ва масъалаҳои муҳим ва рӯзмарраи миллӣ ихтисос ёфта буданд. Аз ҷумла, дар имтидоди солҳои 1924-1925 устод Айнӣ мақолаҳои «Қавми тоҷик ва рӯзнома» (Овози тоҷик, 25.08.1924), «Дар бораи мактаб ва маорифи тоҷик» (Овози тоҷик, 4.09.1924), «Тоҷикони кӯҳистон» (Овози тоҷик, 21.09 - 5.10.1924), «Дар бораи китобҳои мактабии тоҷикон» (Овози тоҷик, 12.11.1924), «Қобилияти ташкилотӣ дар тоҷикон» (Овози тоҷик, 4.10.1924), «Кори Тоҷикистон гул карданист» (Овози тоҷик, 6.03.1925), «Дар бораи адабиёт ва китобҳои мактабии Тоҷикистон» (Овози тоҷик, 6.03.1925) ва амсоли инҳоро навишта, ба ин восита дар садру раъси ҳаракати маорифпарварӣ-рӯшангарии миллӣ қарор мегирад ва раванди муборизаю муқовиматҳои миллиро, ки дар доираи тоҷикият ва манофеи миллӣ мунсаҷим шуда буданд, таҳкиму тақвият мебахшад.

**Ҳаштум,** бояд махсус ёдовар шуд, ки устод Айнӣ дар замон ва шароити ҳассоси таърихӣ (солҳои бистуми садаи бист), ки миллати тоҷик дар вартаи нобудию ҳалокат қарор дошта, мавҷудияташ аз ҳар тараф зери суол бурда мешуд, вазъро хуб дарк карда, дар пайи анҷом додани ибтикороти ҷиддию саривақтӣ шуда, ба таълифи китоби қисматсози «Намунаи адабиёти тоҷик»,

---

[1] Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро / Куллиёт. – Ҷ. 14. – Душанбе: Матбуот, 2005. – С. 42.
[2] Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. Куллиёт. – Ҷ. 14. – Душанбе: Матбуот, 2005. – С. 160.
[3] Айнӣ, С. Таърихи инқилоби фикрӣ дар Бухоро. Куллиёт. – Ҷ.14. – Душанбе: Матбуот, 2005. – С. 40
[4] Садриддин Айнӣ – маорифпарвар. // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ба ифтихори 140-солагии устод Садриддин Айнӣ. Зери назари доктори илми фалсафа, профессор Саид Нуриддин Саид. – Душанбе, 2018. – С. 10.
[5] Бухороӣ, Муҳаммадҷон Шакурӣ. Равшангари бузург. – Душанбе: Адиб, 2006. – С. 21-22.

ки соли ҷорӣ (соли 2026) аз иншои он сад сол пур мешавад, камар барбаста, дар кӯтоҳтарин муддат онро таълиф кардааст. Тибқи сарчашмаву осори таҳқиқӣ, «Намунаи адабиёти тоҷик» нахустин асари бузурги адабиётшиносӣ ва сиёсӣ-мафкуравии Садриддин Айнӣ буда, миёни 15 март - 30 августи соли 1925 (тибқи баъзе иттилоот, санаи анҷоми китоб 25 сентябри соли 1925 мебошад) навишта шуда, соли 1926 дар Маскав аз тариқи Нашриёти марказии халқҳои ИҶШС ба табъ расидааст[1]. Мусалламан, пас аз интишори китоб таҳоҷумоти ҷиддии сиёсию мафкуравӣ алайҳи устод Айнӣ ва китоби ӯ аз тарафи элитаи сиёсию ҳизбии пантуркистӣ сахт ҷараён мегирад, то дараҷае ки душманон ба яке аз нухбагони олирутбаи ҳизбии рус, дабири Нашрияи расмии «Правда» Н. И. Бухарин (1888-1938) арз мекунанд, ки Айнӣ бо навиштани ин китоб амири Бухороро аз нав даъват кардану овардан мехоҳад. Дар асоси ин гуна дасисаву тавтеаҳо китоби «Намунаи адабиёти тоҷик» барчида, ахз ва нобуд карда шуд. Устод Айнӣ дар номае ба А. А. Знаменский (1887-1943) – дипломат ва намояндаи Вазорати умури хориҷии Иттиҳоди Шуравӣ дар Ӯзбекистон, ки аз китоби «Намуна»-и устод ҳимоят кардааст), иқрор кардааст, ки «**бо таълифи «Намунаи адабиёти тоҷик» фармудаи таърихро ба ҷо овардам**»[2]. Ба назари адабиётшиноси фақиди тоҷик устод Муҳаммадҷон Шакурӣ, китоби «Намунаи адабиёти тоҷик»-и устод Айнӣ аз ҷанбаи илмию адабӣ доштанаш, бештар **ҷанбаи қавии сиёсию иҷтимоӣ** дошта, раванди шаклгирии миллияти тоҷикӣ ва шуури миллию ҳофизаи таърихии миллатро дар замону макони мушаххаси таърихӣ таҳкиму тақвият бахшидааст[3].

**Нуҳум**, ташаббусоту ибтикороти созандаи устод Айнӣ ҳаргиз аз диди донишмандону муҳаққиқони саршиноси хориҷӣ дур намондааст. Муҳаққиқони хориҷӣ, аз ҷумла, дар хусуси таваҷҷуҳи устод Айнӣ ба сатҳи ҳувиятию ояндабинии миллӣ таъкиду тазаккуроти лозима ироа доштаанд. Барои намуна, профессори ИМА Ҷонатан Зарман хидматҳои бедареғи устод Айниро дар корбасти ҳадафмандонаи сарчашмаҳои таърихию адабӣ, бозтоби мантиқии ҳаводиси таърихӣ, муаррифии шоистаи таърихи миллӣ ва шахсиятҳои бузургу матраҳи аҷдодӣ хеле ҷолиб баён кардааст. Ҷонатан Зарман дар пешгуфтор аз сабку шеваи ибратбахшу омӯзандаи истифодаи устод Айнӣ аз манобеи таърихию адабӣ ба хотири ҳифзи иззату шарафу обрӯйи миллат тамҷид намуда, аз ҷумла таъкид мекунад, ки Айнӣ аз «Таърихи Табарӣ»-и Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарир-ат-Табарӣ, «Равзат-ус-сафо»-и Муҳамад ибни Ховандшоҳ ибни Маҳмуд – Мирхонд (таваллудаш 837/1433), «Таърихи Бухоро»-и Абубакр Муҳамад ибни Ҷаъфар ал-Наршахӣ (38 маротиба устод Айнӣ аз ин манбаи таърихӣ бевосита ва 3 маротиба дар тавзеҳоти поварақ иқтибос овардаст), «Таърихи Ҷаҳонкушо»-и Атомалики Ҷувайнӣ (ки таърихи худро соли 653/1256 ба поён расонидааст, ба Темурмалик таваҷҷуҳи хосса доштааст) бо таваҷҷуҳ ба хостгоҳи миллӣ ва ҳифзи иззату шарафи миллат истифода кардааст[4] .

**Даҳум,** дар шароити муосири бархӯрдҳои қудратҳои сиёсии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ шинохти илмӣ, воқеӣ ва ҳирфавии меросу арзишҳои гузаштаю имрӯзаи миллӣ ва башарӣ стратегияи рақами як маҳсуб меёбад, зеро ки бидуни ташхиси дурусти меросу осори гузашта ва татбиқи илмии он дар вазъияти имрӯза сатҳи имкони поистан ва давом бахшидани фарҳангу сиёсати миллӣ пойин меравад. Иммунитет-масуният ё сироятнопазирии иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, ҳунарӣ, мафкуравӣ ва билохира маънавӣ бо даст ёфтан ба илми зинда ва андӯхтани таҷрибаи ҷаҳонӣ ба вуҷуд меояд, дар баданаҳои ҷомеа маҳкам ҷой мегирад, қолаби иҷтимоӣ ва равониро дар баробари вирус ва бактерияҳои гуногуни фикрӣ, динӣ-мазҳабӣ ва мафкуравии бегона, ки тариқи таблиғоти рӯзафзуни шабакаҳои иҷтимоӣ дар даҳсолаҳои ахир бар афкори наслҳои ҷавону миёнсоли ҷомеаи тоҷи тасаллут пайдо карда истодааст, қудратманд месозад.

---

[1] Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик. Ба кӯшиши доктор Алии Равоқӣ, пешгуфтори Муҳаммадҷон Шакурӣ, Камолиддин Айнӣ ва Алӣ Асғари Шеърдӯст. Зери назари доктор Алӣ Асғари Шеърдӯст. – Теҳрон, 1385. – С. 318.
[2] Султонов, Ш., Вишневский, А. Сухан аз “Намунаи адабиёти тоҷик” // Садои Шарқ. - №4, 1988. – С. 132.
[3] Айнӣ, Садриддин. Намунаи адабиёти тоҷик. Ба кӯшиши доктор Алии Равоқӣ, пешгуфтори Муҳаммадҷон Шакурӣ, Камолиддин Айнӣ ва Алӣ Асғари Шеърдӯст. Зери назари доктор Алӣ Асғари Шеърдӯст. – Теҳрон, 1385. – С. 11.
[4] Зарман, Ҷонатан (профессори ИМА). Маъхазҳои асл ва тарҷумаи англисии онҳо дар очеркҳои С. Айнӣ (Пешгуфтор ба матни англисии “Ҳамосаи миллии Тоҷикистон”. “Исёни Муқаннаъ” ва “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” дар тарҷумаи Абдусалом Мамадназаров. – Лондон-Ню-Йорк: Роут-лич, – 2024. Таҳияи Абдусалом Мамадназаров // Адабиёт ва санъат. –№14, 11 апрели соли 2024.

# СУРУДИ ДУШАНБЕ



Сафармуҳаммад
АЮБӢ –
Шоири халқии
Тоҷикистон



*Шаҳри кибрё, руҳи ориё,*
*Маснади ниё, тоҷи Осиё,*
*Пойтахти сарзамини миллати муқим,*
*Равзани ҷаҳоннамои фитрати қадим,*
*Мабдаи бахайри одамони пурҳунар,*
*Пойгоҳи шоҳу осафони тоҷвар,*
*Пойтахти мо – Душанбе,*
*Тахту бахти мо – Душанбе.*
*Душанбе,*
*Душанбе!*

*Дар макони дур, мулки нору нур,*
*Мекунад зуҳур, к-олами сурур.*
*Лаълу гавҳар асту мағзи ҷавҳари ту нест,*
*Нозу неъмат асту оби «Кавсар»-и ту нест.*
*Дур рафтаем агар ба ёди мо будӣ,*
*Балки дил ҳамеша дар ниҳоди мо будӣ.*
*Ай биҳишти мо – Душанбе,*
*Ҳамсиришти мо – Душанбе.*
*Душанбе,*
*Душанбе!*

*Родмазҳарӣ, покгавҳарӣ,*
*Ёрпарварӣ, анҷумангарӣ.*
*Нузҳати ту – меҳри беканори тоҷикон,*
*Ваҳдати ту – шодии диёри тоҷикон.*
*То ҷаҳон бувад аз ту бихоҳам офият,*
*Қиблаи муроди тоҷикони шаш ҷиҳат.*
*Наҷми роҳи мо – Душанбе,*
*Қиблагоҳи мо – Душанбе.*
*Душанбе,*
*Душанбе!*

# РУШДИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОН: ДАРСРО ЧӢ ТАВР ТАҲЛИЛ БОЯД КАРД?



Шаҳбоз РУСТАМШОЗОДА – директори филиали ДҶТИБКСМ дар шаҳри Кӯлоб

**Соҳаи маорифи кишвар дар замони Истиқлоли давлатӣ рушд карда, мушоҳида мешавад, ки дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот дастовардҳо зиёд мегардад ва дараҷаи касбияти омӯзгорон низ беш аз пеш боло меравад. Ин ҳама муваффақият ва рушди соҳаи маориф, ки афзалиятнок ва калидӣ эътироф гардидааст, аз дастгирӣ ва ғамхориҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад.**

Тайи даҳсолаи охир навгониҳои соҳаи маориф бо дарназардошти омода намудани мутахассисони сатҳи ҷаҳонӣ, дар соҳаи маорифи кишвар таҳаввулоти гуногун ба амал омада истодааст. Пеш аз ҳама, ҷалби кӯдаконе, ки ба таҳсилоти фарогир дохил мешаванд, рушди касбияти омӯзгорони марказҳои инкишофи кӯдак ва мураббиёни муассисаҳои томактабӣ, ҷорӣ гардидани низоми муносибати босалоҳият ба таълим, арзёбӣ ба дониш, малака ва маҳорати хонандагон ба воситаи баҳогузории 10-хола, натиҷагирӣ намудани салоҳиятҳои асосии хонандагон тариқи арзёбии байналмилалии PISA, таҳия ва ҷорӣ гардидани китобҳои насли нав дар асоси талаботи муносибати босалоҳият ба таълим, тақвият ва рушди салоҳиятҳои асри XXI дар бахши илм, технология, муҳандисӣ ва риёзӣ (STEM) дар самти илмҳои дақиқ, тарзи тафаккури таҳлилӣ, ҳаллу фасли масъалаҳо ва истифодаи дониш дар амал, инчунин, рушди салоҳиятҳои асосӣ, аз ҷумла, тафаккури интиқодӣ, эҷодкорӣ, ҳамкорӣ ва муошират нигаронида шудааст, татбиқ шуда истодаанд. Ин ва дигар масъалаҳо метавонанд барои муаррифии соҳаи маорифи кишвар дар сатҳи баланди ҷаҳонӣ заминаи устувор фароҳам оваранд.



Беҳтар гардидани сифати таҳсилот ва азхудкунии барномаҳои таълимӣ аз ҷониби хонандагони муассисаҳои таълимӣ аз рушди маҳорати касбии омӯзгорон вобастагӣ дорад. Омӯзгор аз рӯзҳои аввали фаъолияти худ ба ҷомеаи касбии муассиса фаъолона ҳамроҳ гардида, дар кори иттиҳодияи методӣ, шурои методӣ ва шурои педагогӣ иштирок менамояд. Тавассути ҳамкории касбӣ, мубодилаи таҷриба ва иштироки мунтазам дар фаъолияти методӣ, омӯзгор салоҳиятҳои касбӣ, фарҳангӣ, педагогӣ ва маҳорати истифодаи технологияҳои муосири таълимро пайваста такмил медиҳад.

Ҳамзамон, роҳбари иттиҳодияи методӣ (минбаъд-РИМ) ба омӯзгор як омӯзгори собиқадорро ҳамчун роҳнамо вобаста намуда, ҷиҳати дастгирии касбӣ ва фароҳам овардани шароит барои табодули таҷрибаи пешқадами педагогӣ мусоидат менамояд. Барои омӯзгори босалоҳиятро омода намудан, воситаҳои гуногуни рушд лозим аст, аз ҷумла, вобаста намудан ба

омӯзгорони собиқадор, иштирок ба дарси омӯзгорон, натиҷагирӣ намудани нуқтаи назари омӯзгорон оид ба фаъолияти онҳо, натиҷаи бадастомадаи раванди таълим давоми сол ва монанди инҳо. Дар баробари ин, омӯзгорон, РИМ, раиси шурои методӣ, директори муассиса, мушовирони шуъбаҳои маориф ва бахшу раёсатҳо метавонанд ба дарси омӯзгорон ворид шуда, ниёзи онҳоро муайян ва кумаки методӣ расонанд.

Бояд қайд намуд, ки на ҳамаи таҳлили дарси шахсони масъул ба рушди маҳорати касбии омӯзгорон мусоидат мекунанд, чунки ин гуна таҳлилҳо ниёзи омӯзгоронро хуб муайян карда наметавонанд. Дар асоси ниёзи омӯзгор тавсияи методии роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ ва дигар шахсони масъул намунаи волои масъулияти пешаи омӯзгорӣ махсуб меёбад.

Амалӣ гардидани принсипҳои муносибати босалоҳият ба таълим аз соли 2015 инҷониб дар муассисаҳои таълимӣ аз ҷониби омӯзгорон истифода мешавад, аммо воситаҳои арзёбӣ ва таҳлили дарси омӯзгорон ҳанӯз тибқи ин меъёрҳо ба роҳ монда нашудааст. Занҷираи мантиқан пайвастаи амалҳои мақсаднок, ки дар МРМКО пешбинӣ шудааст, заминаи асосии ҳамкории судманд ва рушди касбии омӯзгорро ташкил медиҳад. Ин амалҳо ба таври пайдарпай ва марҳалавӣ амалӣ гардида, дар асоси фалсафаи муносибати босалоҳият ба таълим ба рушди пайвастаи салоҳиятҳои касбии омӯзгор мусоидат менамоянд. Ба ин занҷираи амалҳо марҳилаҳои асосӣ, аз қабили ташхис, банақшагирӣ, татбиқ (истифодаи он) ва бознигарӣ дохил мешаванд.

Методологияи мазкур хеле дақиқ ва мувофиқи талаботи муосири таълим таҳия гардида, аз воситаҳои гуногуни арзёбиҳо иборат аст. Яъне, вазифаи асосии мушовири шуъбаи маориф, муовини директор оид ба таълим, РИМ ва омӯзгорон дастгирии пайвастаи омӯзгорон буда, бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла, мушоҳида, суҳбат, анкета ва ташкил намудани семинарҳои омӯзишӣ ва методӣ ба роҳ монда мешавад.

Самти дигари муҳимми омӯзиши МРМКО, муайян намудани ҷанбаҳо ва вазифаҳои дарс, яъне, мушаххас сохтани мақсад ва натиҷаҳои интизории фаъолияти омӯзгор дар ҷараёни таълим мебошад. Дар ин замина, ҳангоми иштирок ва мушоҳидаи дарси омӯзгор, варақаи таҳлили дарс (минбаъд - васоил) таҳия ва истифода мешавад, ки он ҳамчун васоили арзёбӣ ва дастгирии рушди касбии омӯзгор хидмат менамояд. Дар доираи методологияи рушди муттасили касбии омӯзгор, васоили таҳлили дарс ҳамчун абзори низомманд барои ташхис, дастгирӣ ва пешбурди рушди касбӣ истифода мегардад. Ҳадафи асосӣ на танҳо мушоҳидаи раванди дарс, балки муайян намудани сатҳи ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгор ва муайян кардани самтҳои афзалиятноки рушди минбаъдаи ӯ мебошад.

Мувофиқи ин методология, фаъолияти омӯзгор дар дарс ҳамчун низоми ҳамгиро аз чанд ҷанбаи ба ҳам алоқаманд баррасӣ мешавад, аз ҷумла, банақшагирии натиҷамеҳвари таълим, интихоби усул ва шаклҳои самараноки таълим, ташкили муҳити фаъоли омӯзиш, истифодаи мақсадноки маводи таълимӣ ва татбиқи арзёбии ташаккулдиҳанда. Таҳлили дарс имкон фароҳам меорад, ки вобаста ба ҳадафи муайяни рушди касбӣ, як ва ё якчанд аз ин ҷанбаҳо ба таври мақсаднок мушоҳида ва арзёбӣ карда шаванд.

Аз ҷумла, агар ҳадафи мушоҳида ба рушди салоҳиятҳои омӯзгор дар самти истифодаи самараноки маводи таълимӣ равона шуда бошад, васоили таҳлил ба муайян намудани он нигаронида мешавад, ки омӯзгор то кадом андоза маводи таълимиро мутобиқ ба мақсадҳои таълим, сатҳи рушди хонандагон ва натиҷаҳои интизории омӯзиш интихоб ва истифода менамояд. Ин раванд имкон медиҳад, ки сатҳи татбиқи амалияҳои самараноки педагогӣ арзёбӣ гардида, замина барои пешниҳоди дастгирии мақсадноки методӣ, роҳнамоии касбӣ ва банақшагирии рушди минбаъдаи омӯзгор фароҳам оварда шавад.

Ҳамин тариқ, таҳлили дарс ҳамчун ҷузъи таркибии давраи рушди муттасили касбӣ хидмат намуда, робитаи пайдарпайи марҳалаҳои ташхис, банақшагирӣ, татбиқ ва бознигарии фаъолияти педагогиро таъмин менамояд ва ба такмили пайвастаи сифати таълим мусоидат мекунад.

# МУНОСИБАТИ БОСАЛОҲИЯТ ДАР ЗИНАИ ТАҲСИЛОТИ ИБТИДОӢ

Гулсара АҚНАЗАРОВА – омӯзгори синфҳои ибтидоии МТМУ №20-и ноҳияи Шуғнон

**Зинаи таҳсилоти ибтидоии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, ҳамчун зинаи муҳим ва ҷудонашавандаи таҳсилот, тахти таъсири тамоми тамоюлҳо ва навовариҳои ҷаҳонӣ қарор дорад. Аз ҷумла, яке аз чунин тамоюлҳо муносибати салоҳиятнок буда, пайдоиши он, пеш аз ҳама, ба бухрони соҳаи маориф вобаста аст. Ин бухрон дар ихтилофи байни талаботи барномаҳои таълимӣ нисбат ба хонанда, дархостҳои ҷомеа ва ниёзҳои худи шахс ба таҳсил зоҳир мешавад.**

Тағйирёбии нақши маориф дар рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии давлат имрӯзҳо ҳарчи бештар ҳам аз ҷониби давлат ва ҳам аз ҷониби ҷомеа дарк карда мешавад. Ин масъала дар тамоми Паёмҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ зикр мегардад. Борҳо таъкид намудаанд, ки маориф бароиояндаи кишвар аҳаммияти ҳаётӣ дорад: «Агар мактаб ва омӯзгор набошад, сатҳи маърифатнокии мардум паст мегардад, миллат бесавод мемонад, ҷомеа ба ҷаҳолат гирифтор мешавад ва дар натиҷа оромию сулҳу субот, амнияту осоиш ва муҳимтар аз ҳама, рушди давлат сахт халалдор мегардад. Бунёди миллати мутамаддин аз маориф оғоз меёбад. Ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад».

Бо ин мақсад, давлат ташаббусҳои гуногунро амалӣ менамояд, ки ба баланд бардоштани сифати таҳсилот ва рушди иқтидори илмии кишвар равона шудаанд. Аз ҷумла, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун роҳнамои сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф амал мекунад. Ҳамзамон, солҳои 2020-2040 ҳамчун «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ» эълон гардида, барои таҳкими тафаккури илмӣ, рушди фаъолияти тадқиқотӣ ва такмил додани малакаҳои техникӣ ва технологӣ дар МТМУ шароити нав фароҳам меорад.

Дар шароити рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ, ҷомеаи муосир давраи тағйироти амиқро аз сар мегузаронад. Дар асри интернет ва васоити электронии нигоҳдории иттилоот, тасаввуроти анъанавӣ дар бораи нақши дониш тадриҷан тағйир меёбанд. Дониши расмӣ дигар наметавонад ҳамчун сармояи ягона ва асосии шахсият баррасӣ гардад. Аз шахс талаб карда мешавад, ки қобилияти паймоиш кардан дар ҷараёни иттилоот, азхуд кардани технологияҳои нав, худомӯзӣ ва ҷустану истифодаи дониши зарурӣро дошта, ҳамчунин, хислатҳои чун фикррронии универсалӣ, ҳаракатнокӣ ва мутобиқшавӣ дошта бошад.



Пайдоиши муносибати салоҳиятнок аз мухолифати байни ҳаҷми рӯзафзуни маълумоти таълимӣ ва имкониятҳои воқеии хонандагон барои дарк ва татбиқи амалии он бармеояд. Рушди салоҳияти хонандагон айни замон яке аз масъалаҳои муҳимми низоми таҳсилоти муосир ба

ҳисоб меравад. Дар ин замина муносибати босалоҳият дар таълим метавонад ҳамчун яке аз роҳҳои баланд бардоштани самаранокии таҳсилот баррасӣ гардад. Моҳияти ин муносибат дар он аст, ки салоҳият ҳамчун воҳиди нави арзёбии дараҷаи омодагии шахс баррасӣ мешавад. Дар чунин раванд диққати асосӣ ба натиҷаҳои таълим равона мегардад, ки онҳо на танҳо маҷмуи дониш, малака ва маҳорати азхудшуда, балки пеш аз ҳама, қобилияти шахс барои амал кардан дар вазъиятҳои гуногуни мушкил ва ҳаётӣ мебошанд.

Муносибати босалоҳият аҳаммияти дониш, малака ва маҳоратҳоро инкор намекунад, баръакс, он азхудкунии амиқ ва бошууронаи онҳоро талаб менамояд. Дар баробари ин, диққати асосӣ аз ҷамъоварии иттилоот ба ташаккули қобилияти истифодаи дониш дар амал равона мегардад. Аз ин рӯ, натиҷаи таҳсил на маҷмуи одии қоидаҳои азёдшуда, балки омодагии хонанда барои истифодаи онҳо дар вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ мебошад. Маҳз аз ҳамин нуктаи назар фарқи асосии муносибати босалоҳият аз модели анъанавии донишмеҳвари таълим зоҳир мегардад.

Дар илми педагогика мафҳумҳои «салоҳият» ва «салоҳиятнокӣ» ба таври гуногун шарҳ дода мешаванд. Дар маҷмуъ, босалоҳият ва салоҳият ба доираи муайяни дониш, малака ва маҳорат дар соҳаи мушаххас ишора мекунад, дар ҳоле ки салоҳиятнокӣ қобилияти шахсро барои истифодаи самараноки ин дониш ва малака дар амалия ишора менамояд.

Барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дарк намудани он масъала муҳим аст, ки рушди салоҳиятнокии кӯдак раванди тадриҷӣ буда, бо ташаккули таҷрибаи шахсии ӯ зич алоқаманд мебошад.

Зинаи таҳсилоти ибтидоӣ марҳалаи муҳимми ташаккули шахсӣ ба ҳисоб меравад, зеро маҳз дар ин давра заминаҳои асосии фаъолияти таълимӣ, муносибати хонанда ба таҳсил ва муҳити иҷтимоӣ ташаккул меёбанд. Аз ин рӯ, татбиқи муносибати салоҳиятнок бояд аз синфҳои ибтидоӣ оғоз гардад. Хонандагони синни хурди мактабӣ бо қобилияти баланди қабулкунӣ, эҳсосотӣ ва майли зиёд ба донишандӯзӣ фарқ мекунанд. Онҳо бештар дар фаъолиятҳое, ки барои онҳо ҷолиб ва дорои аҳаммияти шахсӣ мебошанд, иштирок мекунанд. Ин ҳолат барои ташаккул ва рушди салоҳиятҳои асосии хонандагон шароити мусоид фароҳам меорад.

Воқеан, зинаи таҳсилоти ибтидоиро метавон ҳамчун таҷрибаи иҷтимоии мутобиқгардии инсоният баррасӣ кард, ки хонанда тадриҷан онро аз худ намуда, ба таҷрибаи шахсӣ табдил медиҳад. Дар доираи ин таҷрибаи иҷтимоӣ чор ҷузъи бо ҳам алоқаманд фарқ карда мешаванд: дониш, малака, маҳорат ва қобилият. Ин ҷузъҳоро метавон бо чор формулаи одӣ ифода кард: «Ман медонам», «Ман метавонам», «Ман эҷод мекунам» ва «Ман истифода мекунам», ки ҳар қадоми онҳо ҷанбаҳои гуногуни дониш ва таҷрибаи амалӣ ва шахсиятсозии хонандаро фаро мегиранд.

Ҷузъи «Ман медонам» дониши фаннӣ ва байнифанниро дар бар мегирад. Дар доираи он хонанда фанҳои гуногун, аз ҷумла, забони модарӣ, математика, экология ва дигар фанҳои таълимиро аз худ мекунад. Дар баробари ин, аҳаммияти махсус ба алоқамандии байнифаннӣ дода мешавад, ки имкон медиҳад, як мавзуъ ё падида аз нуқтаи назари фанҳои гуногун баррасӣ гардад. Омӯзгор метавонад вазъиятҳои ҳалли масъалаҳоро эҷод намояд, ки дар онҳо дониш ҳамчун воситаи зарурӣ барои ҳалли вазифаҳои таълимӣ истифода мешавад. Муҳим аст, ки дониши хонанда на танҳо хусусияти расмӣ дошта бошад, балки мазмун ва аҳаммияти он низ аз ҷониби хонанда дарк карда шавад. Ҳамин гуна дониш заминаи маърифатии рушди минбаъдаи фаъолияти таълимии хонандаро ташкил медиҳад.

Ҷузъи «Ман метавонам» бо ташаккули малакаҳои амал кардан ҳам бо роҳнамоӣ ва ҳам мустақилона алоқаманд аст, яъне қобилияти хондан ва фаҳмидани матн, ҳалли масъалаҳо, кор дар гурӯҳ, банақшагирии фаъолиятҳои худ, назорат ва арзёбии натиҷаҳоро дар бар мегирад. Дар доираи муносибати салоҳиятнок аҳаммияти махсус ба фаъолиятҳои универсалии таълимӣ дода мешавад, аз ҷумла, қобилияти муайян кардани ҳадафҳо, интихоби роҳҳои ноил шудан ба онҳо ва таҳлили натиҷаҳо. Ин малакаҳо тадриҷан тавассути ташкил намудани фаъолияти гуногун дар ҷараёни дарс ташаккул меёбанд.

Ҷузъи «Ман эҷод мекунам» ҷанбаи эҷодии омӯзишро инъикос менамояд. Барои хонанда муҳим аст, ки на танҳо намунаҳо ё моделҳои мавҷударо такрор намояд, балки ташаббус нишон диҳад, фикру андешаи худро баён кунад ва роҳҳои инноватсионии ҳалли масъалаҳоро пешниҳод намояд. Фаъолияти эҷодӣ метавонад дар навиштани ҳикояҳо, таҳияи лоиҳаҳо, иштирок дар саҳначаҳо ва иҷрои вазифаҳои тадқиқотӣ зоҳир гардад.

Ҷузъи «Ман истифода мебарам» ба татбиқи амалии дониш ва малакаҳои азхудшуда дар вазъиятҳои воқеии ҳаётӣ дахл дорад. Дар ин марҳала хонанда меомӯзад, ки дониши бадастовардаро дар ҳалли масъалаҳои амалӣ, дар фаъолияти ҳаррӯза ва дар ҳолатҳои гуногуни таълимӣ истифода намояд. Масалан, истифодаи донишҳои математикӣ дар ҳисобҳои оддии ҳаётӣ ё истифодаи меъёрҳои забонӣ дар муошírати дуруст ва босаводона. Маҳз дар ҳамин раванд дониш ва малака ба таҷрибаи шахсии хонанда табдил меёбанд ва ба ташаккули салоҳиятнокии ӯ мусоидат мекунанд.

Татбиқи самараноки муносибати салоҳиятнок бидуни муҳити махсуси таълимӣ имконнопазир аст. Зери мафҳуми муҳити таълимӣ маҷмуи шароити педагогӣ, равонӣ ва ташкилӣ фаҳмида мешавад, ки дар онҳо рушди хонанда ба амал меояд. Дар мактаби ибтидоӣ ин муҳит бояд яклухт, кушода ва аз ҷиҳати равонӣ бароҳат бошад. Хонанда бояд худро бехатар ҳис кунад, имкони баён кардани андешаҳои худро дошта бошад, савол диҳад ва аз хато кардан натарсад.

Дар шароити ҷорӣ гардидани низоми 10-холаи баҳодиҳӣ, муносибати босалоҳият аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Низоми нави баҳодиҳӣ талаб мекунад, ки сатҳи дастовардҳои хонандагон ба таври чандир ва объективӣ инъикос гардад. Дар ҳоле ки низоми анъанавии 5-хола аксар вақт бо сабти расмии натиҷаҳо маҳдуд буд, низоми 10-хола на танҳо дурустии иҷрои вазифаҳо, балки сатҳи мустақилият, эҷодкорӣ ва динамикаи рушди хонандаро ба назар мегирад. Аммо худи низоми баҳодиҳӣ дар танҳоӣ ташаккули салоҳиятҳоро таъмин намекунад. Муҳим он аст, ки баҳогузорӣ дастовардҳои воқеии хонандаро ҷиҳати азхудкунии дониш ва малакаҳо инъикос намояд.

Арзёбӣ дар доираи муносибати босалоҳият бояд на танҳо ба назорат, балки пеш аз ҳама, ба рушди хонанда равона карда шавад. Омӯзгор метавонад унсурҳои арзёбии ташаккулдиҳанда, аз ҷумла, худбаҳодиҳӣ, баҳодиҳии мутақобила ва муҳокимаи меъёрҳои муваффақиятро истифода барад. Дар ҳолате ки хонанда мефаҳмад, барои чӣ ва дар асоси кадом меъёрҳо ба ӯ баҳо дода мешавад, ё худ дар раванди арзёбӣ иштирок мекунад ва ҳамин тариқ, ба фаъолияти таълимии худ бо ҳисси масъулият ва ангезаи дохилӣ муносибат мекунад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ташаккули салоҳиятҳои асосӣ бештар тавассути усулҳои фаъоли таълим самаранок сурат мегирад. Ба онҳо омӯзиши масъалагузорӣ, кори гурӯҳӣ, фаъолиятҳои лоиҳавӣ ва супоришҳои тадқиқотӣ дохил мешаванд. Дар ин раванд фаъолиятҳои берунazсинфӣ низ нақши муҳим доранд. Маҳфилҳо, озмунҳо, саёҳатҳо ва иштирок дар чорабиниҳои мактабӣ таҷрибаи иҷтимоии хонандаро васеъ намуда, имконият медиҳанд, ки дониш дар шароити нав истифода шавад. Бе ворид намудани мазмуни таълим ба амалияи воқеӣ ташаккули салоҳиятҳо нопурра мемонад. Маҳз дар фаъолияти гуногун хонанда ҳамкорӣ кардан, қарор қабул намудан ва масъулият доштанро меомӯзад.

Барои омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ татбиқи муносибати салоҳиятнок маънои бознигарии усулҳои анъанавии таълимро дорад. Муҳим аст, ки аз равиши танҳо шарҳӣ ва тасвирӣ дур рафта, ба хонанда имконияти фаъолияти мустақилонаро фароҳам оварем. Ин маънои рад кардани шарҳи маводи навро надорад, балки фаъолтар ҷалб кардани хонандагон ба раванди таълимро дорад. Муҳим аст, ки саволҳои андешабарангез пешниҳод карда шаванд, супоришҳои дорои ҷавоби кушода дода шаванд ва вазъиятҳои интихоб фароҳам оварда шаванд.

Ҳамин тариқ, муносибати босалоҳият дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ на танҳо як тамоюли нави методологӣ, балки шарти муҳим барои баланд бардоштани сифати таҳсилот мебошад. Ин муносибат ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки қобилияти хонандагонро барои амал кардан, татбиқи дониш дар ҳаёти воқеӣ, ҳамкорӣ бо дигарон ва талош барои худтакмилдиҳӣ инкишоф диҳад. Маҳз дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ пояҳои хусусиятҳои мазкур гузошта мешаванд ва татбиқи бомуваффақияти ин муносибат дар амалияҳои таълимӣ аз сатҳи касбияти омӯзгор вобаста аст.

# МУШКИЛИ ОМӮЗИШИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ЭҶОДӢ

**Мунзима НУМОНЗОДА – директори МТМУ №23, шаҳри Душанбе**

**Омӯзиши қобилиятҳои эҷодӣ дар илм, амалияи равоншиносӣ ва педагогӣ бо дарназардошти афзоиши таваҷҷуҳ ба ин мавзуъ мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Яке аз вазифаҳои муҳимми равоншиносии таълимӣ, муайян кардани шароит барои ҳар як насли ҷавон дар масъалаи азхудкунии бомуваффақи таҷрибаи гузаштагон мебошад. Рушди қобилиятҳои эҷодӣ барои насли ҷавон ҷиҳати мутобиқ шудан ба воқеиятҳои нав, тафаккури интиқодӣ ва ҳалли мушкилоти мураккаб аҳаммияти хос дорад.**

Ворид намудани равишҳои нави фаъолият дар барномаҳои таълимӣ метавонад ба афзоиши ангезаи омӯзиш, рушди малакаҳои тафаккури мустақил ва баланд бардоштани рақобатпазирии мутахассисони ҷавон мусоидат кунад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва афзоиши рақобат дар бозори меҳнат, Тоҷикистон бояд тафаккури инноватсионӣ ва эҷодкориро дар мутахассисони оянда барои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва мутобиқшавӣ ба стандартҳои байналмилалӣ инкишоф диҳад. Кишвари мо мероси бойи фарҳангӣ, аз ҷумла, мусиқӣ, шеър, меъморӣ ва санъати тасвирӣ дорад. Омӯзиши қобилиятҳои эҷодӣ метавонад ба ҳифз ва рушди ин анъанаҳо, инчунин, ҳамгироии онҳо ба шароити муосир мусоидат кунад. Ҳамин тариқ, омӯзиши қобилиятҳои эҷодӣ дар Тоҷикистон ҳам барои рушди шахсии донишҷӯён ва ҳам барои пешрафти ояндаи иҷтимоию иқтисодии кишвар муҳим аст. С. Л. Рубинштейн нуқтаи назари худро дар бораи ин мушкилот баён карда, заминаҳои рушди қобилиятҳо, масъалаҳои истеъдоди умумӣ ва махсусро баррасӣ кардааст. Ӯ мафҳуми «қобилият»-ро ҳамчун «қобилияти анҷом додани коре, анҷом додани фаъолияти муайян медонад. Ин қобилият бояд дорои хосиятҳо ва сифатҳои гуногуни руҳӣ бошад, ки барои иҷрои фаъолияти муайян заруранд ва ба талаботи он ҷавобгӯ мебошанд» [9, с. 149]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши қобилиятҳои эҷодӣ дар марҳалаи аввал қарор дорад. Қобили зикр аст, ки омӯзиши ин масъала аз нигоҳи равоншиносӣ аз ҷониби муҳаққиқон Д. И. Фелдштейн, Н. М. Юнусова, С. Б. Бобоева, А. Р. Мансурова, М. Т. Давлатов, М. Е. Шарипова, Ҳ. А. Зайтметов ва аз нигоҳи педагогӣ аз ҷониби И. Х. Каримова, М. Б. Бобоева, М. Е. Яхшибоева, Ф. Б. Мирзоева, А. Нуров, Л. С. Хидиралиева ва дигарон анҷом дода шудааст.

Тибқи назарияи Л. С. Виготский, рушди қобилиятҳо аз таҷдиди сохтори тамоми раванд вобаста аст [6]. Рушди қобилиятҳо аз нақши воситаҳои рамзӣ ва ҳамгироии онҳо ба иттиҳодияҳои



мураккабтари сохторӣ вобаста аст. Дар айни замон, қобилиятҳои кӯдак дар раванди азхудкунии усулҳои маърифат табиатан тағйир ёфта, нодида гирифта намешаванд. Ин равиш таърихи худро дорад ва дар таҳқиқоти муосир инкишоф мeёбад. Қайд кардан муҳим аст, ки қобилиятҳо танҳо ба дониш ва малакаҳо маҳдуд намешаванд. Хислатҳо ва шахсиятҳо ба қобилиятҳо рабт надоранд, зеро онҳо мустақиман бо муваффақияти фаъолият алоқаманд нестанд. Масалан, «хашми тез»-и хос метавонад хусусияти инфиродии шахс бошад, аммо бо қобилиятҳои ӯ дар соҳаи мушаххаси фаъолият ҳеҷ иртиботе надорад. Дарки қобилиятҳо ҳамчун хусусиятҳои инфиродии муҳим барои иҷрои бомуваффақияти вазифаҳо дар муайян кардани потенсиали ҳар як шахс хеле муҳим аст. Тадқиқоти минбаъдаи Б. В. Теплов ва дастаи ӯ нишон доданд, ки қобилиятҳои

инсонро наметавон ба хусусиятҳои фитрии шахсият коҳиш дод. Қобилиятҳо натиҷаи фаъолияти муайян мебошанд. Тавре Б. М. Теплов қайд кардааст, қобилиятҳо на танҳо дар фаъолияти мушаххас зоҳир мешаванд, балки ба шарофати он низ ба вуҷуд меоянд [13]. А. Н. Леонтев ду равишро барои омӯзиши қобилиятҳо муайян кард: аз таҳлили қобилиятҳои махсус то муайян кардани хусусияти умумии онҳо ва аз хусусияти умумии инсон то таҳлили зуҳурот ва рушди қобилиятҳо дар афрод. Ӯ боварӣ дошт, ки ташаккули қобилиятҳо дар онтогенез тавассути раванди азхудкунӣ ё азхудкунии қобилиятҳо ва вазифаҳои инсонӣ, ки таърихан ташаккул ёфтаанд, ба амал меояд [7, с. 178]. Аз гуфтаҳои боло маълум мешавад, ки фаҳмиши муосири қобилиятҳо наметавонад онҳоро ба таҷриба, дониш, малака ва қобилиятҳо коҳиш диҳад, гарчанде ки он пайвастагии зичи ин ҷанбаҳои шахсияти моро бо якдигар таъкид мекунад. Ба андешаи С. Л. Рубинштейн, қобилиятҳо ду ҷузъ доранд. Аввалан, системаи амалиёт ва усулҳои фаъолият, ки моҳияти худи фаъолиятро ташкил медиҳанд ва имконияти татбиқи онро таъмин мекунанд. Дуюм, сифати равандҳое, ки ин амалиётро танзим мекунанд. Мафҳуми «қобилият»-ро ҳамчун хусусияти сатҳии шахсият баррасӣ карда, дараҷаи гузариш аз раванд ба хислати шахсиятро муайян мекунад ва дараҷаи устувории сатҳи мувофиқи фаъолиятро барои шахсияти муайян нишон медиҳад. [10]. Дар айни замон, рушди қобилиятҳои эҷодӣ аҳаммияти бештар пайдо мекунад. Тақсимоти қобилиятҳо ба эҷодӣ ва репродуктивӣ аз рӯйи дараҷа ва хусусияти навоварии маҳсулоте, ки дар фаъолиятҳои гуногун ба даст оварда мешаванд ва қобилиятҳои гуногунро амалӣ ва инкишоф медиҳанд, муайян карда мешавад. Ғайр аз ин, маълум аст, ки мафҳуми «қобилият» муваффақият, осонӣ ва суръати иҷрои фаъолиятро ҳам дар ҳузури маълумоти пурра ва ҳам дар шароити норасоии он муайян мекунад. Ҳамчунин, метавонад бар асоси имконпазир барои тақсим кардани қобилиятҳо ба репродуктивӣ ва эҷодӣ хизмат кунад. Қобилиятҳои репродуктивӣ бо муайян кардани такрористеҳсоли бомуваффақияти таҷрибаи инсонӣ, ки аз ҷониби инсоният ҷамъоварӣ шудааст, фарқ мекунанд. Онҳо дар шароити иттилооти пурра амалӣ мешаванд ва ҷиҳати ба даст овардани дониш, малака ва қобилиятҳо, инчунин, дар рушди бомуваффақи хислатҳои шахсӣ ифода меёбанд. Ғайр аз ин, таҷрибаи ба даст овардаи шахс, гарчанде ки аз ҷиҳати субъективӣ нав аст, аз ҷиҳати объективӣ нав нест; он танҳо азхудкунии репродуктивии таҷрибаи наслҳои қаблӣ аст. Мувофиқи луғат-маълумотнома оид ба масъалаҳои эҷодкорӣ, «қобилиятҳои эҷодӣ синтези хосиятҳо ва хусусиятҳои шахс, хусусияти сатҳии он буда, мавҷудияти хосияти муайянеро пешбинӣ мекунад, ки навоварӣ ва аслияти маҳсули фаъолияти иҷрошуда, сатҳи самаранокии онро таъмин мекунад» [11, с. 124].

Ҳамин тариқ, қобилиятҳои эҷодӣ муваффақиятро дар фаъолиятҳои эҷодӣ, яъне, дар фаъолиятҳое, ки дар онҳо ашёи нави фарҳанги моддӣ ва маънавӣ эҷод ва ғояҳои нав, кашфиёт, ихтироот амалӣ мешаванд, таъмин мекунанд. Одатан, ин қобилиятҳо дар шароити нокифоя будани иттилоот зоҳир мешаванд. Аҳаммияти махсуси қобилиятҳои эҷодӣ барои мушкилоти равонӣ ва педагогии имрӯза аз хусусиятҳои таҷрибаи иҷтимоии муосир вобаста буда, наслҳои оянда бояд онро аз худ кунанд.

Аввалан, ҷараёни иттилоот якбора меафзояд ва ҳаҷми он ба дараҷае мерасад, ки азхудкунии пурраи он, асосан, ғайриимкон мегардад. Қобилиятҳои эҷодӣ имкон медиҳанд, ки фаъолиятҳо ҳатто, дар шароити норасоии иттилоот бомуваффақият анҷом дода шаванд.

Дуюм, дар шароити раванди суръатбахши рушди ҷанбаҳои гуногуни ҷомеа, қобилияти шинохтан ва ёфтани роҳҳои ҳалли муносиб барои мушкилоти доимо пайдошаванда.

Сеюм, пайдоиши касбҳои нав ва тағйироти назаррас дар талаботи касбҳои мавҷуда сатҳи муайяни ҳаракати шахсиро пешбинӣ мекунад, ки ин низ рушди қобилиятҳои эҷодиро талаб мекунад.

Хулоса, дар мавзуи таҳқиқоти қобилиятҳои эҷодӣ дар илмҳои равоншиносӣ ва педагогӣ аҳаммияти ин масъаларо дар заминаи воқеияти муосири таълимӣ ва фарҳангӣ таъкид мекунад.

Якум, омӯзиши қобилиятҳои эҷодӣ ба рушди потенсиали донишҷӯён ва рушди шахсӣ ва зеҳнии онҳо мусоидат мекунад. Дар заминаи ислоҳоти низоми маориф дар Тоҷикистон, рушди тафаккури эҷодӣ ва малакаҳои эҷодӣ барои тарбияи шахсони мустақил, инноватсионӣ ва мутобиқшаванда муҳим аст.

Дуюм, дар заминаи илмҳои равоншиносӣ ва педагогӣ, омӯзиши қобилиятҳои эҷодии донишҷӯён дар Тоҷикистон имкониятҳоро барои беҳтар кардани раванди таълим фароҳам

меорад. Истифодаи равиши муосир барои рушди эҷодкорӣ, аз қабили усулҳои интерактивии таълим, ҳамгироии санъат ва илм ва фардикунонии барномаҳои таълимӣ, ба самараноктар ба даст овардани дониш ва афзоиши ангезаи омӯзиш мусоидат мекунад. Ғайр аз ин, таҳқиқоти эҷодкорӣ барои ҳифз ва рушди мероси фарҳангии кишвар муҳим аст. Эҷодкорӣ қисми ҷудонашавандаи фарҳанги тоҷик буда, рушди он метавонад ба тақвияти ҳувияти миллӣ ва интиқоли арзишҳои фарҳангӣ ба наслҳои нав мусоидат кунад.

Ҳамин тариқ, масъалаи омӯзиши эҷодкорӣ дар илмҳои равоншиносӣ ва педагогӣ барои низоми маориф, донишҷӯён ва умуман, ҷомеа таъсири бисёрҷониба дорад. Он таваҷҷуҳи бештари омӯзгорон, муҳаққиқон ва сиёсатгузоронро барои татбиқи равишҳои инноватсионӣ ва фарҳангӣ барои рушди потенсиали эҷодии насли ҷавон тақозо мекунад.

## АДАБИЁТ


1. Баришева, Т. А. Эҷодкорӣ. Диагностика ва рушд: Монография. – Санкт-Петербург: Нашриёти Донишгоҳи давлатии педагогии Русия ба номи А. И. Герцен, 2002. – 206 с.

2. Баришева, Т. А., Жигалов Ю. А. Асосҳои психологӣ ва педагогии рушди эҷодкорӣ. – Санкт-Петербург: SPbGUTD, 2006. – 268 с.

3. Богоявленская, Д. Б. Психологияи қобилиятҳои эҷодӣ. – Москва, 2002. – 319 с.

4. Вергелес, Г. И., Раев, А. И. Қобилиятҳои эҷодӣ ҳамчун мавзуи тадқиқоти психологӣ ва педагогӣ // Хонандаи мактаби ибтидоӣ: Ташаккул ва рушди шахсияти ӯ: Маҷмуаи мақолаҳои илмӣ. – Санкт-Петербург: Нашриёти Донишгоҳи давлатии педагогии Русия ба номи А. И. Герсен, 2002.

5. Виготский, Л. С. Тасаввур ва эҷодкорӣ дар кӯдакӣ. – Санкт-Петербург: Союз, 1997. – 96 с.

6. Виготский, Л. С. Тафаккур ва нутқ. – Москва: Педагогика, 2006. – 115 с.

7. Леонтев, А. Н. Лексияҳо оид ба психологияи умумӣ. Москва: - Политиздат, 2010.

8. Петровский, А. В. Масъалаҳои таърих ва назарияи психология. Москва: Феникс, 1984. – 271 с.

9. Пономарев, Я. А. Психологияи эҷодкорӣ. – Москва: Наука, 1976. – 302 с.

10. Рубинштейн, С. Л. Асосҳои психологияи умумӣ. – Санкт-Петербург: Питер Ком, 1998. – 688 с.

11. Эҷодкорӣ: Назария, ташхис, технологияҳо: Луғат ва китоби истинодӣ. Санкт-Петербург, 2008. – 296 с.

12. Теплов, Б. М. Масъалаҳои фарқиятҳои инфиродӣ. – Москва, 1961. – 536 с.

13. Теплов, Б. М. Психология. – Москава: Педагогика, 1954. – 255 с.


Ба гетӣ кадом аст, бо ман бигӯй,
Ки биафзояд аз донише обрӯй?
Чунин дод посух, ки донои пир,
Ки: «Бо озмоиш бувад, ёд гир».

**Абулқосим Фирдавсӣ**

# ТАФСИРИ МАТЕРИАЛИСТӢ, ИДЕАЛИСТӢ ВА ДУАЛИСТИИ ҚОБИЛИЯТҲОИ ИНСОН ДАР ФАЛСАФАИ ЮНОНИ ҚАДИМ



**Нуриддин САИД – узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор**

**Табиати антагонистӣ ва зиддиинсонии ҷомеаи ғуломдор ӣ, зиддиятҳои иқтисодӣ ва иҷтимоию сиёсии он наметавонистанд дар фалсафаи Юнони Қадим, махсусан, дар ҳалли мушкилоти инсон, моҳият, неруҳои моҳиятӣ, қобилият ва хосиятҳои ботинӣ ва зоҳирии одамон инъикос наёбанд. Маҳз дар ҳамин давра раванди ташаккули ду тамоюли муқобил дар фалсафа, ки бинобар ривоятҳои Диоген Лаэрти хеле пеш ба вуҷуд омада буданд, ба анҷом расида, мубориза миёни онҳо ниҳоят шиддат мегирад.**

«Ду хатти пайдарпайии файласуфон мавҷуд буд: яке аз Анаксимандр сарманша мегирифт, дигаре аз Пифагор. Аввалин аз онҳо шогирди Фалес ва дувумӣ шогирди Ферекид буд. Хатти аввал ионикӣ ва хатти дувум итолиёвӣ номида мешуд»[1]. Ин ду тамоюли муқобил баъдтар материализм ва идеализм номида шуданд. Бинобар гуфтаи Ф. Энгелс, «онҳое, ки даъво мекарданд, ки рух пеш аз табиат вуҷуд дошт, лагери идеалистиро ташкил доданд. Онҳое, ки табиатро асоси аввалия медонистанд, ба мактабҳои гуногуни материализм пайвастанд»[2].

Барои «хатти Афлотун» дар маҷмуъ, тасаввурот дар бораи қобилиятҳои инсонӣ, аз ҷумла, ҷудо кардани инсон аз қобилиятҳояш ва ҷудо кардани худи инсон ва қобилиятҳои ӯ аз табиати худи инсон хос буд. Инсон ва қобилиятҳои ӯ ҳамчун ду падидаи мувозӣ (параллелӣ) ё яке аз махлуқоти Худо, ҳамчун лаҳзае аз «ақли ҷаҳонӣ», «ғояҳои ҷаҳонӣ» ё «падидаҳои илоҳӣ» тасвир мешуданд. Афлотун дар муколамаи «Протагор» асотиреро нақл мекунад, ки «чӣ гуна Худоён инсонро аз унсурҳои заминӣ офаридаанд, ё чӣ гуна Эпиметей ба инсон қобилиятҳои гуногун дод, Прометей оташро аз Гефест ва хирадро аз Афина дуздид, то ба одамон қобилияти рушди техникиро ато кунад ва дар ниҳоят – Зевс ба одамон ҳисси виҷдон дод, то қобилияти зиндагӣ дар ҷомеаи оқилона ва махсусан, қобилияти ҳаёти умумисиёсиро дошта бошанд»[3].



Бинобар ақидаи Афлотун, табиат ва ҷомеа асоси (базиси) қобилиятҳои инсонӣ нестанд. Инсон бо қобилиятҳояш аз табиат ва ҷомеа ҷудо аст, яъне, ӯ рушд намекунад ва ташаккул намеёбад. Инсон аз нигоҳи Афлотун, на мавҷуди зинда ва мутаҳаррик, балки як мавҷуди шахшуда аст, ӯ идеализатсия шудааст, яъне, ба дараҷаи худоӣ расонида шудааст. Барои Афлотун ҳамчун идеалисти объективӣ, дар асоси ҳамаи падидаҳо, аз ҷумла, инсон ва қобилиятҳои ӯ, чизи абстрактӣ ва аз рӯи табиати худ беҷисм меистад, ки ба таври объективӣ ва новобаста аз худи субъект вуҷуд дорад. Азбаски инсони Афлотунӣ беҷисм, яъне, идеалӣ аст, пас, таълимоти ӯ дар бораи инсон идеалистист. Азбаски инсон ва қобилиятҳои

[1] Лурье, С. Я. Демокрит. – Ленинград: Наука, 1970. – С.190.
[2] Маркс, К., Энгельс, Ф. Соч. – Т. 21. – С. 283.
[3] Платон. Протагор. Соч. – Т.1. – Москва, 1968. – С. 202-205.

ӯ ҷудо аз якдигар, ба таври объективӣ ва новобаста аз ҳамдигар вуҷуд доранд, пас, таълимоти ӯ идеализми объективӣ мебошад.

Бар хилофи консепсияи идеалистии Афлотун, консепсияи материалистии Юнони Қадим, ки ба истилоҳ «хатти Демокрит» номида мешавад, аз эътирофи ваҳдати инсон ва табиат, инсон ва ҷомеа бармеояд ва ба дарки материалистии инсон ҳамчун мавҷуди табиӣ ва иҷтимоӣ асос меёбад. Инсон дар назди Демокрит на мавҷуди идеалӣ ё маҳсули ягон қувваи фавқулода аст (чунонки барои Афлотун менамуд), балки қисми ҷаҳони моддӣ мебошад. Ӯ мавҷуди ҷисмонӣ аст, яъне, маҷмуи ғояҳои (атомҳои) курашаклро мемонад, ки дар ҷараёни ҳаракати бенизом бо ҳам пайваст шуда, дар шакли инсон ташаккул меёбанд[1].

Тибқи назари Демокрит, тамоми гуногунии сифатии ҷаҳони бо эҳсос даркшаванда бояд ба шаклҳои гуногуни атомҳое, ки ин ё он ашёро ташкил медиҳанд, нисбат дода шаванд. Бинобар ривояти Диоген, Демокрит навиштааст: «Ҳеҷ чиз аз нестӣ ба вуҷуд намеояд ва ба нестӣ барнамегардад. Ҳар он чизе, ки дар ҷаҳон вуҷуд дорад, аз пайвастагии атомҳо ба вуҷуд меояд ва печидаи атомҳост»[2].

Демокрит наметавонист бо нуқтаи назари суқротиён, дар бораи он ки гӯё одамон аз ҷониби Худо комил ва қобилиятнок офарида шудаанд, розӣ шавад. Ӯ дахолати Худоёнро ба ҷараёни қонунии равандҳои пайдоиш ва ташаккули инсон ва қобилиятҳои ӯ роҳ намедод. Бинобар ривояти Ситсерон (Цицерон), Демокрит «вуҷуди ҳар як чизи ҷовидониро рад карда, дар ҳама чиз Худоро инкор мекунад ва ҳама гуна тасаввуротро дар бораи ӯ ғайриимкон месозад»[3]. Таълимоти материалистии Демокрит дар бораи пайдоиши инсон ва ташаккули қобилиятҳои ӯ аз мушоҳидаҳо ва ченкуниҳо асос ёфтааст. Ӯ ба чунин хулоса омад, ки на Худоён одамонро офаридаанду ба онҳо қобилият додаанд, балки худи онҳо дар мубоизаи шадид ва дар натиҷаи меҳнат соҳиби онҳо гаштаанд. Аммо баъзе файласуфон-муаррихон ба Демокрит як қатор ҷумлаҳои динию идеалистиро нисбат медиҳанд, ки бо онҳо ба ҳеҷ ваҷҳ розӣ шудан мумкин нест. Чунончи, дар як асар ба Демокрит чунин суханҳо нисбат дода мешаванд: «Худоён ба одамон тамоми некиҳоро ҳам дар гузашта ва ҳам ҳоло медиҳанд. Аммо ҳар он чизе, ки бад, зараровар ё бефоида аст, Худоён на дар гузашта ва на ҳоло ба одамон надодаанд, балки худи онҳо аз сабаби кӯрии руҳонӣ ва нодонӣ худро ба ин бадбахтиҳо гирифтор мекунанд»[4].

Ин гуфтаҳо ба ҳеҷ ваҷҳ наметавонанд ба Демокрит тааллуқ дошта бошанд, зеро, аввалан Демокрит иродаи илоҳиро рад мекард ва сониян, агар Демокрит дар бораи Худоён ҳарф мезад, пас зери ин ном атомҳои худро дар назар дошт, ки ҳамеша ҷисмонӣ ва моддӣ мебошанд. Демокрит Худоёнро инкор мекард. Шоҳиди ин, норозигии Афлотун аст, ки мегуфт: Бинобар таълимоти ин одамон (манзураш, Демокрит ва тарафдорони ӯ буд), Худоён на дар ҳақиқат, балки танҳо дар асоси қарордодҳои инсонӣ мавҷуданд ва ахлоқи умумии аз ҷониби Худоён додашуда вуҷуд надорад, балки ахлоқ ҳам шартӣ аст, дар назди баъзеҳо як хел ва дар назди дигарон дигар хел. Бинобар ин, намояндагони идеализм дар симои Демокрит ва гузаштагони ӯ душманони асосиро медиданд, ба онҳо сахт нафрат доштанд ва асарҳояшонро несту нобуд мекарданд. Барои он ки асарҳои Демокрит ҳифз карда шаванд, бо супориши Арасту ва ба шарофати нуфузи ӯ порчаҳои гуногуни идеалистию диниро аз номи Демокрит иншо мекарданд.

Аз нуқтаи назари Демокрит, инсон бо қобилиятҳояш бо табиат робитаи диалектикӣ дорад. Ӯ қисми табиат мебошад. Табиат дар ташаккули қобилиятҳои инсон нақши ҳалкунанда мебозад. Демокрит навишта буд, ки сарчашмаи ҳунар табиат ва ҳайвонот мебошанд. Ин гуфтаи файласуфро Плутарх чунин расонидааст: «Мо аз ҳайвонот бо роҳи тақлид корҳои муҳимтаринро омӯхтем (яъне, мо шогирди онҳоем): шогирди тортанак дар ҳунари бофандагию дӯзандагӣ, шогирди парасту дар сохтани манзил ва шогирди парандагони хушхон – қу ва булбул дар сурудхонӣ»[5].8.

Бар хилофи фалсафаи материализми атомистӣ ва идеализми афлотунӣ, Арасту пайдоиши ҷисмҳои мураккабро на дар омехташавӣ ё пайвастшавии зарраҳо ва на дар дахолати Илоҳӣ, балки дар омезиши воқеӣ мебинад. Ба ақидаи ӯ, ҷисмҳои мураккаб аз як тараф, дорои сурат (форма) ё энтелехия ва аз тарафи дигар, дорои материя мебошанд. Пас, асоси олам, инсон ва қобилиятҳои ӯро энтелехия ва материя ташкил медиҳанд. Материя – ҷисми инсон аст, энтелехия – қобилиятҳои ӯст.

[1] Макевельский, А. О. Древнегреческие атомисты. – Баку, 1946. – С. 288.
[2] Макевельский, А. О. Древнегреческие атомисты. – Баку, 1946. – С. 61.
[3] Макевельский, А. О. Древнегреческие атомисты. – Баку, 1946. – С. 289.
[4] Лурье, С. Я. История античной общественной мысли. – Москва,1929. – С. 350-351.
[5] Макевельский, А. О. Древнегреческие атомисты. – Баку, 1946. – С. 306.

Арасту ба таҳлили қобилиятҳои инсон аз нуқтаи назари таносуби материя (ҷисм) ва сурат (қобилиятҳо) наздик мешавад. Ба ақидаи ӯ, ҷисм ибтидои беҳаракат, яъне, материя аст ва қобилиятҳо ибтидои ҳаракатдиҳанда, яъне, энтелехия мебошанд, дар ҳоле ки ҷисм ба таври органикӣ аз энтелехия вобаста аст. Ҳар як ҷисм ба ҳаракат қодир нест, ҷисмҳое ҳастанд, ки онҳо беҳаракат ва бефаъолият мебошанд. Агар қобилиятҳо ҳамчун ибтидои ҳаракат баррасӣ шаванд, пас маълум мешавад, ки онҳо ҳамчун ибтидои ҳаракат аз чаҳор сабабе вобастаанд, ки мо аллакай дар мақолаҳои дигар дар бораашон гуфта будем ва сарчашмаи ин чаҳор сабаб Худо аст, ки ӯ низ дар энтелехия, яъне, дар ҳолати мукаммал анҷомёфта ё дар ҳолати комилан амалишуда қарор дорад. Дар маънои физикӣ ин чунин маъно дорад, ки Худо «нахустмуҳаррики беҳаракат» аст. Арасту маҷбур буд, мавҷудияти ӯро эътироф кунад, зеро дар акси ҳол занҷираи беохири сабабу натиҷа ба вуҷуд меомад: сабаби як падида натиҷаи падидаи дигар ва ғайра то беохирӣ. Чунин беохирӣ ғайримантиқӣ ва нораво аст, бинобар ин, Худо аз ҷониби Арасту ҳамчун муҳаррики аввал муаррифӣ шудааст. Худо сабаби ҳастии баъзе чизҳо ва нестии чизҳои дигар ва дар айни замон сабаби тағйирёбии пайвастаи ҳамаи ашё мебошад. Дар мавриди ҷисми моддӣ бошад, Арасту аз эътирофи «потенсияҳо» – имконияти ин ё он аносири материалӣ барои қабул кардани сурати муайян фаротар намеравад. Бинобар назари Арасту, қобилиятҳо бидуни ҷисм ё ҷисм бидуни қобилиятҳо дар мазмуни муайян вуҷуд дошта наметавонанд, зеро материя бидуни сурат ё сурат бидуни материя вуҷуд надоранд, аммо онҳо мустақилона ва алоҳида аз ҳамдигар мавҷуданд.

Арасту дар масъалаи таносуби биологӣ ва иҷтимоӣ дар қобилиятҳои инсон мавқеи дугона дорад, яъне, ӯ миёни материализм ва идеализм дудилагӣ ё калавиш мекунад. Мавқеи ӯ дуалистист.

Файласуфони Юнони Қадим пай бурда буданд, ки рафтори инсон, қобилиятҳо ва фаъолияти ӯ аз ҷониби кадом сабабҳое муайян карда мешаванд, ки ӯро ба ин ё он амал водор месозанд. Бинобар ин, қувваҳои барангезанда ва қобилиятҳои инсон объекти таҳқиқоти онҳо гардиданд.

Демокрит сарчашмаи рушд ва ташаккули қобилиятҳоро дар «эҳтиёҷ» (нужда) пайдо менамуд. Ба ақидаи ӯ, сарчашмаи муносибатҳои инсон бо табиат ва қувваи ҳаракатдиҳандаи ин муносибатҳо эҳтиёҷи моддӣ ва фоида барои қонеъ кардани ин эҳтиёҷ мебошад. Ҳамин тариқ, бинобар ривояти Диодор, Демокрит чунин меҳисобид, ки «онҳо (яъне, одамон) ҳар кас дар алоҳидагӣ амал карда, ба ҷустуҷӯи ғизо мебаромаданд ва барои худ алафҳои мувофиқтарин ва меваҳои худрӯи дарахтонро пайдо мекарданд, аммо азбаски ба онҳо ҳайвоноти ваҳшӣ ҳамла мекарданд, онҳо зиндагии якҷоя ва кумаки ҳамдигариро омӯхтанд»[1].

Дар ин робита, бо ақидаи файласуф ва муаррихи Шуравӣ В. Ф. Асмус, ки мегӯяд, Демокрит ҳангоми шарҳи ташаккули қобилиятҳои инсон ва қувваи ҳаракатдиҳандаи онҳо аз омили шуур баромадааст, розӣ шудан мумкин нест[2]. Зеро агар Демокрит эҳтиёҷро, он ҳам бошад, эҳтиёҷи моддиро, қувваи ҳаракатдиҳандаи ташаккули қобилиятҳои инсон эълон кунад, пас ӯ маҳз аз чизи моддӣ оғоз карда, аз он ба сӯи чизи идеалӣ меравад, яъне, дар назди Демокрит чизи моддӣ аввалиндараҷа аст. Аммо маҳдудияти фалсафаи Демокрит дар он аст, ки ӯ натавонист дарк кунад, ки эҳтиёҷ нарасидани чизи зарурӣ, яъне, талаботи комилан қонеъношуда ба чизе мебошад.

Демокрит ба ин далел таваҷҷуҳ накард, ки табдил ёфтани аҷдоди ҳайвонӣ ба инсон ва пайдоиши шуур гувоҳи он аст, ки сабаби аввалияи рушди ин раванд талаботи табиии моддӣ буданд. Талабот қувваи ҳаракатдиҳандаи қобилиятҳои инсон аст. Онҳо афзоиш ёфта, фаъолияти фаъолро аз ҳар ҷиҳат ҳавасманд мекунанд ва ҳамчун сабаби қобилиятҳо баромад мекунанд. Талаботи аввалияи инсон талаботи инстинктивии худҳифзкунӣ буда, қонеъ кардани гуруснагӣ, ташнагӣ ва нигоҳ доштани шароити ҳароратӣ ва дигар шароити зиндагиро дар бар мегирад. Талаботи шадиди худҳифзкунӣ қувваи ҳаракатдиҳандаи фитрии қобилияти инсон аст.

Демокрит қобилиятҳои инсонро аз талаботи моддии ӯ ҳамчун қувваи аввалияи барангезанда бармеорад. Ин аст моҳияти муносибати материалистии Демокрит ба ҳалли ин масъала, яъне, масъалаи он ки чи инсонро ба ҳаракат меорад ва чи ба ташаккули ӯ ҳамчун ходими фаъол мусоидат мекунад. Қобилиятҳои инсон ҳамчун хосиятҳои сифатии одамон, аз талаботи моддӣ, ки муҳаррики аввалияи фаъолияти инсон аст, бармеоянд. Дар мавриди эҳтиёҷи моддӣ бошад, бинобар назари Демокрит, дар ҳақиқат, эҳтиёҷе, ки дар табиати организми зинда ниҳон аст, ҳамчун зарурати мубодилаи энергия ва иттилоот бо муҳити атроф баромад мекунад. То даме ки мубодила идома дорад, ҳаёт низ боқӣ мемонад. Пайдоиши талабот ибтидои зиддияти

---

[1] Макевельский, А. О. Древнегреческие атомисты. – Баку, 1946. – С. 297.
[2] Асмус, В. Ф. Демокрит. – Москва , 1960. – С. 60.

организм бо муҳити атроф ва вайрон шудани мувозинати зарурӣ бо он мебошад. Зиддияти бавуҷудомада қувваи барангезандаи фаъолияти фаъол гашта, ки барои қонеъ кардани талабот равона шудааст. Ҳар қадар зиддиятҳо тезутунд бошанд, яъне, организм ба қонеъ кардани талаботи пайдошуда ҳар қадар бештар ниёз дошта бошад, фаъолияти ӯ низ ҳамон қадар қавитар мешавад.

Саволе ба миён меояд, ки талаботи моддӣ ва эҳтиёҷ (нужда) чӣ гуна бо ҳам таносуб доранд? Баъзе файласуфон бар он ақидаанд, ки талабот ва эҳтиёҷ (нужда) айният надоранд ва на ҳар як эхтиёҷ ба талабот табдил меёбад[1]. Сухан дар он аст, ки эҳтиёҷ ва талабот муносибате мебошанд, ки ҳолати субъектро муайян мекунанд. Эҳтиёҷ ба монанди талабот, зуҳуроти фаъоли фард аст ва он одамонро бо роҳҳои гуногун ба амал водор мекунад; наздикии мафҳумҳои эҳтиёҷ ва талаботро он тасдиқ мекунад, ки онҳо дар бисёр забонҳо ҳамчун муродиф (синоним) истифода мешаванд. Асосгузорони марксизм-ленинизм ин мафҳумҳоро аз рӯи мазмун хеле наздик истифода мебурданд. К. Маркс навишта буд: «Ҳар як зуҳуроти фаъоли мавҷудияти ӯ (яъне, инсон), ҳар як хосияти ӯ, ҳар як кӯшиши ҳаётии ӯ ба талабот табдил меёбад. Одами сарватманд дар айни замон одамест, ки ба тамоми паҳнои зуҳуроти инсонии ҳаёт ниёз дорад, одамест, ки дар ӯ мавҷудияти худаш ҳамчун зарурати ботинӣ, ҳамчун эҳтиёҷ (нужда) баромад мекунад»[2]. Чуноне ки мебинем, аз нуқтаи назари асосгузорони марксизм, «Эҳтиёҷ ва талабот айният доранд, аммо ҳар яке аз ин мафҳумҳо хусусияти худро доранд. Талабот ва эҳтиёҷ зуҳуроти зарурат мебошанд»[3]. Агарчи эҳтиёҷ ин «ҳолати субъект дар вазъияти камчинӣ (дефитсит)» аст ва талабот вақте ба эҳтиёҷ (нужда) табдил меёбад, ки «агар муддати тулонӣ умуман, қонеъ карда нашавад ё танҳо қисман қонеъ карда шавад»[4].

Бино бар назари Афлотун, руҳи объективӣ – Худо, ки пеш аз инсон ва новобаста аз ӯ, вуҷуд дошт ва дорад, қобилиятҳои инсон, истеъдод, қувва ва хосиятҳои ӯро ба таври тақдир пешакӣ ба таври фардӣ муайян мекунад. Афлотун мегӯяд: «Ва ин аст, ки шоирон дар бораи чизҳои гуногун суханҳои зебои зиёд эҷод мекунанд ва мегӯянд, чунонки ту дар бораи Ҳомер мегӯӣ, на бо кумаки ҳунар, балки бо таъиноти илоҳӣ. Гузашта аз ин, ҳар кас метавонад танҳо он чизеро хуб эҷод кунад, ки Муза (фариштаи илҳом) ӯро ба он водор кардааст: яке – дифирамбҳо (мадҳияҳо), дигаре энкомийҳо, ин гипрохемаҳо, он достонҳои эпикӣ, зеро онҳо инро на аз рӯи маҳорат, балки ба шарофати қувваи илоҳӣ мегӯянд»[5].

Ба ақидаи Афлотун, ҳар гуна фаъолият, аз ҷумла, эҷоди шеър тавассути «қувваи илоҳӣ» сурат гирифта, дар қисмҳои дигари муколама, инчунин, «илҳоми илоҳӣ», «ваҷд», «тухфаи илоҳӣ» ва ғайра номида мешавад. Ин қувва на тавассути ақл, балки ба таври комилан физикӣ, мисли оҳанрабое амал мекунад, ки як ҳалқаро ба худ мекашад ва аз паси он ҳалқаи дувум, севум ва ғайра меоянд.

Худо ба инсон ду ҷон додааст: ҷовидона ва фонӣ; маҳз ҷони фонӣ барандаи талабот мебошад. Соҳаи талаботи инсон аз хусусиятҳои ҷон ё руҳ вобаста аст, зеро аз рӯи табиати худ ҷон ваҳдати се соҳа мебошад: ақл, хоҳиш ва хашм, ки вазифадоранд он чизеро, ки оқилона аст, муҳофизат кунанд. Ақл сарчашмаи талаботи руҳонӣ ва хоҳиш (шаҳват) сарчашмаи талаботи табиии инсон мебошад. Талаботи табиӣ бо нигоҳ доштани ҳаёт алоқаманд буда, Афлотун онҳоро ба ҳайвонот ва ба чизҳои паст нисбат медиҳад. Талаботи руҳонӣ бошад, олӣ ва илоҳӣ мебошанд. Чунонки мебинем, қобилиятҳо, бинобар назари Афлотун, аз талабот вобаста нестанд, балки аз Худо ва аз руҳ бармеоянд.

Дар коркарди масъалаи қувваҳои барангезандаи қобилиятҳои инсон хидмати Арасту бузург аст. Арасту аввалин бор дар фалсафа кӯшиш кард, ки талаботро ба талаботи наботӣ (ҳайвонӣ) ва талаботи ҳақиқии инсонӣ, ки бо фазилатҳои ахлоқӣ алоқаманданд, тасниф кунад. Хушбахтии олии инсонро Арасту дар қобилият ва фаъолияти ҷон медид. Хоҳишҳо ва кӯшишҳои гуногун комилан аз ақл, ки он сарчашмаи қобилияти одамон мебошад вобастаанд. Дар рисолаи «Дар бораи ҷон» ӯ қайд мекунад, ки «... маҳз мавзуи кӯшиш (хоҳиш) инсонро ба ҳаракат меорад» ва тавассути он тафаккур ба ҳаракат меояд, зеро мавзуи кӯшиш ибтидо барои он мебошад[6].17.

Дар тафсири қувваҳои барангезандаи инсон, яъне, талабот ва робитаи онҳо бо фаъолияти амалӣ Арасту миёни материализм ва идеализм калавандагӣ мекунад. Аз як тараф, ӯ дар бораи

---

[1] Михайлов, Н. Н. Социализм и разумные потребности личности. – Москва, 1982. – С. 25.
[2] Маркс, К., Энгельс, Ф., Соч. – Т . 2. – С. 125.
[3] Тарасенко, В.И. Социальные потребности личности: формирование, удовлетварение, развитие. – Киев, 1982. – С.19.
[4] Тарасенко, В. И. Социальные потребности личности: формирование, удовлетварение, развитие. – Киев, 1982. – С. 21.
[5] Платон. Ион. Соч. – Т.1. – Москва, 1968. – С.138.
[6] Аристотель. О душе. Соч. – Т.1. – Москва, 1976. – С. 443.

пайдоиши хоҳишҳои табиии инсон сухан мегӯяд ва аз тарафи дигар, ба кӯшишҳои рӯҳӣ аҳаммияти мутлақ медиҳад, ки дар байни онҳо дараҷаи олии фазилат ҷустуҷӯи ҳақиқат аст. Муносибати Арасту ба қувваҳои барангезандаи қобилиятҳои инсон, албатта, дуалистист.

Ф. Энгелс дарки идеалистӣ ва дуалистии қувваҳои барангезандаи қобилият ва фаъолияти инсонро танқид ва қайд намудааст, ки «одамон одат кардаанд, ки амалҳои худро аз тафаккури худ шарҳ диҳанд; ба ҷои он ки онҳоро аз талаботи худ (ки дар ин ҳолат, албатта, дар сар инъикос ёфта, дарк мешаванд) шарҳ диҳанд ва бо ин роҳ, бо гузашти вақт он ҷаҳонбинии идеалистие ба вуҷуд омад, ки махсусан, аз замони сукути ҷаҳони антиқа дар зеҳнҳо хукмрон шуд»[1].

Ҳамин тариқ, бояд қайд кард, ки файласуфони антиқа қувваҳои барангезандаи қобилиятҳои инсониро дар иртибот бо нигоҳи умумӣ ба ҷаҳони инсон, дар маҷрои муборизаи материализм ва идеализм баррасӣ мекарданд. Онҳо тавонистанд, бисёр масъалаҳоро вобаста ба соҳаи ҷаҳони ботинии инсон ба миён гузоранд, мулоҳизаҳои арзишманд ва ҳадсҳои нобиғавӣ дар бораи моҳият ва пайдоиши қобилиятҳои инсонро баён намоянд. Файласуфони Юнони Қадим кӯшиш карданд, муайян созанд, ки чӣ тавр ва чаро қувваҳои барангезандаи инсонро ба моддӣ ва рӯҳонӣ ҷудо кардан мумкин аст ва андешаро дар бораи беканор будани талаботи рӯҳонии инсон асоснок намуданд. Онҳо медонистанд, ки талабот пас аз гузаштан аз шуур ва «коркард» дар ҷон, ба манфиатҳо, кӯшишҳо ва ангезаҳо (мотивҳо) табдил меёбанд.

Мутафаккирони Юнони Қадим робитаи қобилиятҳои инсонро бо истеҳсолот мушоҳида карда буданд, аммо бинобар номукаммалии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва сатҳи пасти фарҳанги моддӣ, онҳо нақши ҳалкунандаи истеҳсолотро нисбат ба қобилиятҳои инсон, қувваҳои ҷисмонӣ ва рӯҳонии ӯ ба таври кофӣ арзёбӣ накарданд.

Чаро маҳз материалистони Юнони Қадим, на идеалистон, ба чунин хулоса омаданд, ки қобилиятҳои инсон аз ҷониби касе дода нашудаанд, балки дар ҷараёни зиндагӣ ташаккул меёбанд ва асоси ташаккули онҳо эҳтиёҷи моддӣ, меҳнат ва ғайра мебошад? Сухан дар бораи он меравад, ки материалистони Юнони Қадим, махсусан, Демокрит, рӯҳияи табақаи тоҷирону косибонро инъикос ва намояндагӣ мекарданд. Бисёре аз одамони ин табақа аз байни камбағалон ва табақаҳои поёнии мардум ба шарофати меҳнати худашон баромада буданд.

Консепсияи идеалистии қобилиятҳои инсонӣ дар фалсафаи Юнони Қадим низ решаҳои гносеологӣ ва онтологии худро дорад. Идеализми Афлотун ба лаҳзаҳои воқеии ҳастӣ ва маърифати ҷомеаи ғуломдорӣ такя мекунад. Афлотун мисли ҳар як идеалист, онҳоро аз тасвири умумии ҳаёти одамон таҷрид (абстрактсия) мекунад.

Дар адабиёти фалсафӣ, хусусан, вақтҳои охир баъзан решаҳои гносеологӣ ва иҷтимоии идеализмро нодуруст тафсир мекунанд ва ба таври ноҳақ мутлақ мегардонанд. Ин, пеш аз ҳама, ба идеализми Афлотун дахл дорад. Решаҳои гносеологии идеализми Афлотун дар тафсири қобилиятҳо он аст, ки раванди шинохти қобилиятҳои инсон на танҳо тавассути эҳсосот, балки тавассути мафҳумҳо низ сурат мегирад, ки онҳоро метавон мустақил гардонд ва баъзан ҳатто ба худи инсон муқобил гузошт. Ҳангоми мустақил гардонидани мафҳумҳо, чизи умумӣ, ки танҳо дар шуури инсон вуҷуд дорад, ба як ашёи махсуси рӯҳонии комилан объективӣ табдил меёбад.

Дар бораи сарчашмаҳои идеализми Афлотун ҳанӯз Арасту қайд карда буд, ки ҷорӣ кардани «ғоя»-и Афлотун ба таҳқиқот дар соҳаи мафҳумҳо вобаста буд. Аммо барои он ки ғояи қобилиятҳо аз худи инсон қавитар ва воқеитар ба назар расад, исбот кардан лозим буд, ки қобилиятҳо на танҳо ба таври субъективӣ, балки ба таври объективӣ, берун аз инсон ва новобаста аз ӯ, дар воқеияти идеалӣ вуҷуд доранд. Решаҳои гносеологии чунин даркро В. И. Ленин ошкор карда, навишта буд: «Идеализми ибтидоӣ: чизи умумӣ (мафҳум, идея) як мавҷуди алоҳида аст. Ин ваҳшиёна, ба таври даҳшатнок (дурусттараш: тифлона) бемаънӣ менамояд. Аммо магар идеализми муосир, Кант, Гегел ва ғояи Худо аз ҳамин қабил (комилан аз ҳамин қабил) нестанд? Мизҳо, курсиҳо ва ғояҳои мизу курсӣ: ҷаҳон ва ғояи ҷаҳон; ашё ва «ноумен» — ашёи дар худ шинохтанашаванда; робитаи замину офтоб, табиат дар маҷмуъ ва қонун, логос, Худо. Дугонашавии маърифати инсон ва имконияти идеализм (дин) аллакай дар аввалин абстрактсияи одӣ («хона дар умум ва хонаи алоҳида») ба вуҷуд омада буданд»[2].

Решаҳои онтологии идеализми Афлотун дар соҳаи инсоншиносӣ дар он нуҳуфтааст: ҷомеа хаос (бесарусомонӣ) нест, он аз маҷмуи падидаҳо ва равандҳои ба ҳам монанд иборат аст, ки дар бисёр ҳолатҳо якдигарро гӯё аз рӯи образҳои ягона такрор мекунанд. Ин образҳо гӯё ҳамон ғояҳо мебошанд.

---

[1] Маркс, К., Энгельс, Ф. Соч. – Т. 20. – С. 493.
[2] Ленин, В. И. Пол. Философские тетради. Полн. соб. соч. – Т. 29. – С. 329-330.

Ҳамин тариқ, андешаи асосии Афлотун чунин аст: бояд ду ҷаҳонро аз ҳам фарқ кард – як ҷаҳон он чизест, ки ҳаст ва ҳеҷ гоҳ намеистад ва ҷаҳони дигар он чизест, ки тавассути ташаккул ба вуҷуд меояд ва ҳеҷ гоҳ соҳиби ҳастӣ нест. Аввалӣ тавассути ақл шинохта мешавад, дувумӣ мавзуи дарки эҳсос мебошад.

Тафсири идеалистии Афлотун дар бораи қобилиятҳои инсон, инчунин, решаҳои иҷтимоӣ-синфӣ дорад. Афлотун дар фалсафаи худ манфиатҳои аристократҳо ва табақаҳои болоии диниро ҳимоя мекунад. Ин бо гузаштаи ӯ шарҳ дода мешавад: «Афлотун дар оилаи сарватманд, дар ҷазираи Эгина, дар наздикии Афина ба дунё омадааст; аз тарафи падар – Аристон насаби Афлотун ба охирин шоҳи Аттика Кодр ва аз тарафи модар – Периктиона ба оилаи хешовандони қонунгузори машҳур Солон мерасад»[1].

Консепсияи идеалистии қобилиятҳои Афлотун – идеализми мақсаднок аст ва он бо теология (илоҳиётшиносӣ) зич алоқаманд мебошад. Афлотун на танҳо пинҳон намекунад, балки баръакс, робитаи идеализми худ ва назарияи худро бо ғояҳои дин ва мистика таъкид менамояд. Аз назари Афлотун, мавҷудияти Худо барои худи шинохти «ғоя» зарур аст. Ақли илоҳӣ мавҷудияти ҳаёти илоҳиро тақозо мекунад. «Худо на танҳо як мавҷуди зинда, балки комилан некхоҳ аст»[2]. Афлотун ба ҳар восила кӯшиш мекунад, ки худаш, дин ва ҳатто худи Худоро ба хидмати «ғоя»-и худ гузорад.

Ҳамин тариқ, дар таълимоти Демокрит, Афлотун ва Арасту дар бораи инсон ва қобилиятҳои ӯ материализм ва идеализм ифодаи комилтарини худро ёфтанд. Бинобар ин, танқиди Арасту нисбат ба таълимоти афлотунӣ дар бораи қобилиятҳое, ки ҷаҳони фароэҳсосиро ташкил медиҳанд, аз нуқтаи назари мубориза материализм ва идеализм аз ҷониби В. И. Ленин баланд арзёбӣ шудааст. «Вақте ки як идеалист», – навиштааст Ленин, – «асосҳои идеализми идеалисти дигарро танқид мекунад, аз ин ҳамеша материализм бурд мекунад»[3].

Аммо аз ҷониби Ленин маъқул донистани танқиди Арасту нисбат ба консепсияҳои афлотунӣ, аввалан, чунин маъно надорад, ки худи Афлотун нисбат ба таълимот дар бораи қобилиятҳо ҳеҷ гуна муносибати танқидӣ надошт. Рост аст, ки он аксар вақт аз сабаби сохтори пароканда ва зиддиятнокии «муколамаҳо»-и худи Афлотун ноаён мемонад.

Сониян, Арасту барои Ленин ба ҳеҷ ваҷҳ он файласуфе нест, ки бо ӯ комилан розӣ шудан мумкин бошад. В. И. Ленин Арастуро барои нопайвастагӣ, омехтагӣ ва зиддиятнокӣ дар фалсафааш танқид мекунад. Зиёда аз ин, гуфтаҳои боло чунин маъно доранд, ки танқиди афлотуния аз ҷониби Арасту, ҳарчанд асоснок бошад ҳам, ислоҳоти гуногуни назариявию фалсафӣ ва таърихию фалсафиро талаб мекунад. Аз ҷумла, ин далел ҷолиб аст, ки дар он ҷойҳои асарҳояш, ки Арасту ақидаҳои Афлотунро баён мекунад, ӯро тақрибан танқид намекунад, вале дар он ҷойҳое, ки таълимоти ӯро дар бораи қобилиятҳо танқид мекунад, номи Афлотунро тақрибан намегирад.

Бинобар ин, ҳеҷ ҷои тааҷҷуб нест, ки зери консепсияи фалсафии Афлотун Арасту на танҳо консепсияи Афлотун, балки тамоми суқротиёнро дар назар дошт, ки онҳо воқеан ҳам ғояҳои аз инсон ҷудо ва комилан абстрактро дар бораи қобилиятҳо тарғиб мекарданд.

Ғайр аз ин, мансубият ба материализм ё идеализм ҳангоми ҳалли мушкилоти қобилиятҳои инсонӣ хусусияти ҷудонопазири фалсафаи Юнони Қадим аст. «Фалсафаи навтарин, - таъкид мекард В. И. Ленин, - мисли ду ҳазор сол пеш ҳизбӣ (партиявӣ) аст. Ҳизбҳои мубориз материализм ва идеализм мебошанд»[4].

Аҳаммияти таърихии фалсафаи Юнони Қадим дар мавриди мушкилоти қобилиятҳои инсонӣ дар он аст, ки масъалаҳои муҳимтарини ин мушкилотро ба миён гузошт, ки ҳалли онҳо вазифаи таърихи минбаъдаи андешаи фалсафӣ, аз ҷумла, материализми фаронсавии асри XVIII ва фалсафаи классикии олмонии асри XIX гардид.

Нақши муҳимми файласуфони Юнони Қадим, ҳамчунин, дар он аст, ки ҳанӯз дар таълимоти онҳо ғояҳо дар бораи инсон ва қобилиятҳои ӯ ба вуҷуд омада, баъдтар аз ҷониби илми фалсафаи Давраи Нав рушд дода шуданд. Ҷаҳонбинии насронӣ ва исломии асрҳои миёна тамоми кӯшишро ба харҷ доданд, то ин андешаро аз тасаввуроти мо берун созанд. Бо вуҷуди ин, ҷараёни нав дар инсоншиносӣ, ки манбаи қобилиятҳои инсонро дар худи ӯ ва дар табиати атрофаш мебинад, сарфи назар аз тамоми монеаҳо, аз ҷониби дин ва давлат пайваста рушд мекард.

---

[1] Асмус, В.Ф. Платон. – Москва, 1975. – С. 13-14.
[2] Платон. Тимей. Соч. – Т.3. – Москва, 1971. – С. 470.
[3] Ленин, В. И. Философские тетради. Полн. соб. соч. – Т. 29. – С. 255.
[4] Ленин, В. И. Философские тетради. Полн. соб. соч. – Т. 29. – С. 380.

# РУШДИ БАРВАҚТИИ КӮДАК – ТАЛАБОТИ ЗАМОНИ МУОСИР

**Сафдар РАҶАБЕКОВ – номзади илмҳои иқтисодӣ, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

**Ба хотири муассир сохтани раванди таълим ва таъсири он ба насли наврас тадқиқотҳои зиёде анҷом дода шудаанд, ки дар тарбияи насли нав дигаргуниҳои кулллиро ба вуҷуд меоваранд. Кишварҳои пешрафта маълум кардаанд, ки беҳтарин ва муассиртарин замони омӯзиш дар ҳаёти кӯдак се соли аввали ҳаёташ ба ҳисоб меравад.**

Ҳангоми омӯзиши мағзи сари кӯдакон дар Донишгоҳи Ҳарварди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар аввали қарни навин (ниг: ба графики №1) маълум гардид, ки дараҷаи омӯзиши забонии кӯдак аз моҳи шашуми дар батни модар будан шуруъ мешавад ва кӯдаки навтаваллудшуда аллакай забони модарии хешро медонад. Ин нукта моро водор мекунад, ки бо волидайни кӯдакони дар батни модарбуда бояд суҳбатҳои равоншиносӣ дошта бошем, зеро кӯдаки дар батни модарбуда чизеро мешунавад ва ҳифз мекунад, ки дар навбати аввал падару модар ва баъдан дар муҳити оила мавриди истифода қарор мегирад. Тасаввур кардан мумкин аст, ки агар оила меҳрубон ва рафтори дуруст дошта бошад, кӯдак чиро мегирад ва агар баръакси он бошад, чиро мунтазир шудан мумкин аст. Дақиқтар фикр кунем, мусаллам аст, ки қисмати зиёди бемориҳои кӯдаки навзод, бахусус, фишори мағзи сар, ки имрӯз ба назар мерасад, аз куҷо манша мегиранд.




Илми муосир мушаххас кардааст, ки ҳангоми нав таваллуд шудани кӯдак мағзи сари вай аллакай 25% рушд ёфтааст, яъне, ҳар як кӯдак ҳангоми таваллуд чоряки рушди хешро гирифтааст ва дар давоми ду соли баъдӣ ҳар як кӯдак боз 50% рушдро мегирад, ё дигар хел карда гӯем, дар дусолагӣ кӯдак аллакай 75% рушди мағзи сари хешро дарёфт мекунад. Агар падару модар ба кӯдак дар тули ду соли ҳаёташ бетафовут бошанд, онҳо аллакай се чоряки рушди мағзи сари кӯдакашонро аз даст доданд, ё ин ки вай ба шакли барояшон номувофиқ рушд ёфта, минбаъд барои эшон мушкилоти тарбиявиро ба бор меорад. Барои ҳамин бетараф будан ба

тарбияи кӯдак дар тули се соли аввали ҳаёташ метавонад ба рушди минбаъди ӯ таъсири ниҳоят калон расонад. Мувофиқи маълумотҳо, дар ҷомеаи мо ба ин масъала диққати ҷиддӣ зоҳир карда мешавад, вале манзур он аст, ки ин масъала бояд дар маркази диққати вазорату идораҳои дахлдор бошад, агар хоҳони рушди ояндаи кишвар, ҷомеа ва насли нави кишвар бошем.

Ҳангоми таҳлили графики дар боло овардашуда, ки мо фақат як нуқтаи онро дида баромадем, маълум мешавад, ки дараҷаи омӯзиши забондонии кӯдак баъди таваллуд яку якбора боло рафта, ба нуқтаи болотарини хеш дар нуҳмоҳагӣ мерасад. Ин синнест, ки баъзе кӯдакон ҳанӯз гап зада наметавонанд, ё нав ба сухан кардан шуруъ мекунанд. Барои ҳамин, олимон ба хулосае омаданд, ки ба сухан даромандани кӯдакон низ аз дараҷаи гап задани падару модар бо кӯдак, дар муҳити кӯдакони дигар ҷо доштани кӯдак ва аз кору суҳбат бо онҳо вобастагии пурра ва ҳамаҷониба дорад. Ҳар қадаре бештар бо кӯдак суҳбат карда шавад, бахусус, дар муҳити кӯдакони дигар, ҳамон қадар вай тезтар сухандон мешавад. Ҳамзамон, агар кӯдак дар тули ду-се соли аввал бо муҳити чандзабона дучор шавад, вай ҳамаи забонҳои мешунидагии хешро бо сабукӣ аз худ мекунад ва ба ҳамаи онҳо озодона ҳарф заданро ёд мегирад. Аз ин рӯ, баъзе кӯдаконе, ки дар солҳои аввали ҳаёташон аз тариқи телевизион барномаҳоро бо забонҳои дигар гӯш медиҳанд ва ё дар муҳити кӯдакони бо забонҳои дигар гапзананда бештар қарор ёфта бошанд, ба содагӣ аз худ мекунанд. Ин омил ҷомеа ва волидайнро водор мекунад, ки кӯшиш ба харҷ диҳанд, то кӯдакон дар соли аввали зиндагӣ забонҳои гуногунро бештар шунаванд ва бо онҳо бештар бархӯрд намоянд. Чунин ҳолат дар баробари аз худ намудани забонҳои дигар барои беҳтар ва чуқуртар аз худ намудани забони модарии кӯдак низ аҳаммияти ниҳоят калон дорад. Чунин амал барои кӯдакон имкон медиҳанд, ки бо ҳамаи ин забонҳо бехато ва дуруст суҳбат карданро ёд гиранд.

Дар баробари ин, агар ба ду нуқтаи дигари дар график омада низ таваҷҷуҳ карда шавад маълум мешавад, ки эҳсосоти биноӣ ва шунавоӣ дар 4-5-моҳагӣ ба дараҷаи баландтарини хеш мерасад ва дарки маърифатии кӯдак бошад, дар яксолагӣ ба нуқтаи болотар мерасад. Ин равандҳо мушаххас месозанд, ки мағзи сари кӯдакон дар соли аввал ба рушди максималии хеш мерасад ва агар падару модари кӯдак ва ё ҷомеа дар ин кор дермонӣ кунанд, рушди минбаъдаи кӯдакон зери савол мемонад ва онҳо дар тадриси минбаъдаи хеш дар муассисаҳои таълимӣ камҳаракат ва камнатиҷа хоҳанд шуд.

Муҳаққиқони ҷопонӣ баъди омӯзиши тулонии мағзи сари кӯдак ва дараҷаи азхудкунии кӯдакон ба хулосае омаданд, ки ҳар як кӯдак то сесолагӣ нобиғаи забономӯзӣ мебошад, яъне, агар дар ин муддат мо чанд забонро омӯзонем, онҳо бе мушкилӣ аз худ мекунанд. Барои ҳамин, дар кишварҳои Ғарб имрӯз ба раванди барномаҳои гуногуни солҳои аввали рушди кӯдак диққати ҷиддӣ зоҳир мегардад. Умуман, амали таълими кӯдакони хурдсол аз нимаи дувуми қарни гузашта бар мабнои усули яке аз олимон ва педагогони машҳури итолиёвӣ Мария Монтессори, барои кӯдакони синни 3 то 6-сола мавриди истифода қарор гирифта буд. Мушаххасоти асосии барнома аз он иборат аст, ки барои кӯдак имконияти бештари ҳаракат, омӯзиш аз тариқи шиносоии бевосита бо ашё ва таҷрибаи шахсӣ дода мешавад. Ҳоло бар мабнои усули Монтессори чандин барномаи мухталифи омӯзиши кӯдаконро пиёда карда истодаанд ва ҳамаи онҳоро дар маҷмуъ, бо номи «Рушди барвақтии кӯдак» ба қалам медиҳанд. Аз ҷумла, дар Олмон имрӯз як барномаи маъруфи Монтессори таҳия карда шудааст, ки дар замина бо кӯдакони синни то сесола кору таълимро пеш мебаранд ва ҳар сол афроди зиёди давлатҳои рӯ ба инкишофро низ шомили ин барнома сохта, муаллимони зиёдро таълим ва омодаи кор мекунанд.

Дар ин барнома намояндагон аз Тоҷикистон низ шомил шуда, баъди шиносоӣ кори онро дар нуқтаҳои гуногуни кишвар ба роҳ монда истодаанд. Барои ба таври системанок амалӣ сохтани ин барнома бояд корро дар сатҳи давлат ба миён гузошта, нақшаҳои мушаххаси амалисозии он бо ташкилотҳо ва вазорату сохторҳои дахлдор таҳия карда шавад, то насли нави кишвари соҳибистиқлоли мо низ имконияти рушди бештар пайдо намоянд ва аз дигар кишварҳои минтақа ва ҷаҳон ақиб намонанд.

Агар давлати ҷавони мо ба чунин масъала диққати ҷиддӣ зоҳир намояд, ягона роҳи ҳалли дуруст ривоҷу равнақ додани барномаи рушди барвақтии кӯдак мебошад. Мусаллам аст, ки натиҷаи ин амал дар муддати кутоҳ не, балки баъди 15 ё 20 сол ба даст оварда мешавад. Ин кор барои кишвари мо имконият медиҳад, ки насли нав барои омӯзиш бештар омода шавад ва ба натиҷаҳои беҳтар ҳам дар мактаб ва ҳам дар зиндагӣ ноил шаванд. Агарчи имрӯз мо дар озмунҳои байналмилалӣ ширкати фаъолона дошта, дорои натиҷаи хуб ҳам ҳастем, масъалаи мазкур кору натиҷаи моро ба зинаи болотар бурда, моро пешсафи илму маориф месозад. Барои ин кор мо тамоми имкониятро имрӯз дорем ва фақат кӯшишу ғайрат ва тасмими дуруст гирифтан лозим аст.

# ТАҲҚИҚОТИ БУНЁДӢ ДАР ХУСУСИ ДУ НОБИҒАИ ТОҶИКУ ФОРС

**Муҳаммадюсуф ИМОМЗОДА – академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,**
**Эҳсон САФАРЗОДА – номзади илми филология**

**Доктори илми филология, профессор Абдусалом Мамадназаров дар баробари забоншиноси шинохта будан, ба фаъолияти тарҷумонӣ низ машғул мебошад ва ба ҳайси тарҷумон аз забонҳои англисӣ ба тоҷикӣ ва аз тоҷикӣ ба англисӣ беш аз 20 асари илмӣ, таърихию фарҳангӣ ва адабиро тарҷума кардааст.**

**Аз забони англисӣ ба тоҷикӣ А. Мамадназаров, аз ҷумла, асарҳои «Ҳукумати Амрико» (Вена, 1995), «Иқтисодиёти Амрико» (Вена, 1996), «Таърихи Амрико» (Вена, 1998); Ф. Старр. «Маърифати гумшуда. Асри тилоии Осиёи Марказӣ аз истилои араб то Темурланг» (Душанбе, 2016, 2017, 2023) ва ғайраро бевосита аз забони англисӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст.**

Мавсуф соли 2023 очеркҳои таърихӣ-адабии устод Айнӣ – «Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик»-ро аввалин маротиба, баъди 80 соли ба нашр расиданашон ба забони англисӣ тарҷума кард ва ин асарҳои безаволро соли 2024 яке аз нашриётҳои бонуфузи адабиёти илмӣ-фарҳангӣ ва таърихии Британияи Кабир ва Амрико бо номи «Роутлич, Лондон, Ню-Йорк» ба табъ расонд. Ин ду очерки таърихӣ-адабӣ аввалин асарҳои устод Айнӣ мебошанд, ки дар ИМА ва Британияи Кабир ба забони англисӣ чоп шудаанд ва дар шабакаҳои интернетӣ бо унвони «Tajikistan’s National Epics: Muqanna’s Rebellion and Tajik People’s Hero Temur Malik» (ниг.) ба забони англисӣ дастраси тамоми ҷаҳониён шудаанд. Зиёда за 120 китобхонаю донишгоҳи ҷаҳон ин асарҳоро дар муддати кутоҳ харидорӣ кардаанд.

А. Маҳмадназаров соли 2024 ду асари маъруфи дигари устод С. Айнӣ – «Марги судхӯр» ва «Ҷаллодони Бухоро»-ро ба забони англисӣ тарҷума кард, ки тавассути шабакаҳои Интернет ба таври ройгон дастраси хонандагон гардидаанд. Профессор А. Мамадназаров тасмим гирифтааст, ки тарҷумаи «Ёддоштҳо»-и С. Айниро низ дар солҳои наздик ба забони англисӣ анҷом диҳад.




Устод А. Мамадназаров дар таълифи фарҳангномаҳои тарҷумавии тоҷик, аз қабили «Фарҳанги донишгоҳии англисӣ-тоҷикӣ» (2000, 2009, 2023), «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ,» (2007, 2011, 2021), «Луғати мухтасари тафсирии англисӣ-тоҷикии истилоҳоти рӯзноманигорӣ» (2015), «Фарҳанги англисӣ-тоҷикии Оксфорд 3000» (2020), «Фарҳанги тафсирии англисӣ-русӣ-тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносӣ» (2023), «Луғати мухтасари синонимҳои забони англисӣ ва тоҷикӣ» низ ҳиссагузорӣ кардааст. Силсилаи фарҳангҳои англисӣ-тоҷикии ӯ, ки нашри сеюм ва тозатаринаш дар солҳои 2011, 2015, 2017, 2019, 2021 рӯйи чоп омадаанд, дар ҳаҷми сад ҳазор калима ва ибора чоп шуда, дастраси хонандагони тоҷик гардидааст. Нашриёти Донишгоҳи Оксфорди Британияи Кабир - «Оксфорд Паблишинг Ҳаус» «Фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ»-и А. Мамадназаровро соли 2018 дар Интернет дар шакли онлайн интишор намуд: (ниг. http://tg.oxforddictionaries.com; http://bla.ba) ва он айни ҳол дастраси ҳамагон дар тамоми кишварҳост. А. Мамадназаров бо мукофоти давлатии «Корманди шоистаи Тоҷикистон» ва медали «Хизмати шоиста» сарфароз гардидааст. Тарҷумаи китоби Ф. Старр «Нобиғагони даврони хеш. Ибни Сино ва Берунӣ» соли 2025 аз ҷониби А. Мамадназаров ба забони тоҷикӣ тарҷума шуда, дастраси алоқамандони илму адаб гашт, ки мехоҳем атрофи чанд андешаи хешро ба таври иҷмолӣ баён намоем.

***

Дар таърихи адабиёт, фарҳанг ва илми тоҷик дар тули асрҳо шахсиятҳое зуҳур кардаанд, ки фаъолият ва корномаҳои онҳо сазовори омӯзишу таҳқиқоти бунёдӣ мебошанд. Осори таълифнамудаи онҳо гувоҳи он аст, ки ин абармардон дар замони худ тавонистанд дар соҳаҳои гуногуни илм дастовардҳои муҳим ба даст оваранд. Аз ин рӯ, омӯзишу таҳқиқ ва бозтоби мероси онҳо, аз як тараф, барои шинохти амиқтари ин шахсиятҳо мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, илму адабиёт ва фарҳанги ғании миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ месозад. Аз ин ҷост, ки ҳар як пажуҳиши анҷомдодаи олимон ба мо имкон медиҳад, то шахсият ва мақоми онҳоро равшантар дарк намоем. Бинобар ин, фаъолияти илмӣ ва таҳқиқотии мутафаккирони тоҷик барои тамоми башарият аҳаммияти бориз дошта, мероси илмии онҳо дар саросари ҷаҳон паҳн гардидаву таваҷҷуҳи муҳаққиқони хориҷиро низ ба худ ҷалб намудааст. Дар миёни нобиғагони ҷаҳонӣ Абуалӣ ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ ҷойгоҳи махсус доранд. Ин ду шахсияти барҷаста дар як давраи муайяни таърихӣ фаъолият намуда, дар соҳаҳои гуногуни илм ба дастовардҳои бузург ноил гардидаанд. Дар бораи зиндагӣ, осор ва фаъолияти илмии онҳо дар тули асрҳо таҳқиқоти фаровон анҷом дода шудааст ва бо гузашти замон аҳаммияти мероси онҳо боз ҳам бештар мегардад.

С. Фредерик Старр – донишманд, муаррих ва муҳаққиқи маъруфи амрикоӣ бештар бо таҳқиқоти худ дар соҳаи таърих, фарҳанг ва тамаддуни Осиёи Марказӣ ва Қафқоз шинохта шудааст. Ӯ яке аз муҳаққиқони номвар дар масъалаи нақши ин минтақа дар ташаккули илму фарҳанг ва тамаддуни умумибашарӣ ба ҳисоб меравад. Ба ин мазмун, китоби нави ӯ таҳти унвони «Нобиғагони даврони хеш: Ибни Сино ва Берунӣ» аз таҳқиқоти арзишманд маҳсуб ёфта, дар он зиндагинома ва корномаи ин ду мутафаккир ба таври муфассал баррасӣ ва нақши онҳо дар рушди илму адабиёт ва пажуҳишҳои илмӣ нишон дода шудааст. Муаллиф таъкид мекунад, ки ин ду донишманди бузург бо донишу ҷаҳонбинии фарохи худ на танҳо дар минтақа, балки дар саросари ҷаҳон шуҳрат пайдо карда, дар пешрафти тамаддуни башарӣ саҳми бузург гузоштаанд. Китоби мазкур аз муқаддима ва 19 боб иборат мебошад, ки ба ҳам пайванди мантиқӣ ва косептуалӣ доранд.

Муаллиф дар хусуси таваллуд ва вазъи оилавии нобиғагон таваҷҷуҳ намуда, ин марҳалаи зиндагии онҳоро батафсил таҳлил кардааст. Берунӣ ятим ба дунё омада, падари худро намешинохт. Ибни Ироқ ӯро ба фарзандӣ пазируфта, тарбия ва таълимашро ба уҳда гирифт. Ба шарофати ҳамин муҳит Берунӣ аз хурдӣ дар ҳалқаи олимон ва ашхоси донишпарвар ба воя расида, аз дастгирии доираҳои илмӣ ва дарборӣ бархӯрдор гардид ва дар ҷавонӣ ба мартабаҳои баланд ноил шуд. Ибни Сино бошад, дар оилаи сарватманд ва дорои мақоми хосса дар ҷомеа ба дунё омада буд, ки ин ба ӯ имкон дод, ба манбаъҳои муҳимми илмӣ, дониш ва таҳқиқоти илмӣ дастрасии бевосита дошта бошад.

Мусаллам аст, ки Ибни Сино ва Абурайҳони Берунӣ дар соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла, риёзиёт, фалсафа, нуҷум, метафизика, тиб, антропология ва геодезия осори арзишманд таълиф намуда, дар ҳамин замина ба дастовардҳои муҳимми илмӣ ноил гардидаанд. Бо вуҷуди ин, муаллиф дар китоб таваҷҷуҳи асосиро бештар ба зиндагӣ ва саргузашти ин ду абармард равона намуда, ҳар як марҳала ва лаҳзаҳои муҳимми ҳаёти онҳоро ба риштаи таҳқиқ мекашад. Аз ҷумла, муаллиф вазъи сиёсӣ, иҷтимоӣ, илмӣ ва фарҳангии замон, инчунин, ҳокимон ва шароитеро, ки онҳо барои фаъолияти илмии ин ду нобиға фароҳам оварда буданд, мавриди баррасӣ қарор дода, ба ин натиҷа мерасад, ки маҳз муҳити мусоид ва имконоти мавҷуда ба ташаккул ва рушди фаъолияти илмии Ибни Сино ва Берунӣ замина фароҳам овардаанд.

Дар китоб зина ба зина корномаи ин нобиғагон барои хонанда ба таври равшан баён карда мешавад. Дар заминаи таҳлил ва баррасии вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, инчунин, сатҳи илмӣ-маърифатӣ ва рушди адабу фарҳанг муаллиф маълумоти муфид пешниҳод менамояд. Аз мазмуни китоб бармеояд, ки мавсуф ҳар як амал ва корномаи ин шахсиятҳоро амиқ омӯхта, ба таълифоти онҳо аз нигоҳи илмӣ, муқоисавӣ ва интиқодӣ муносибат кардааст.

Ҳамчунин, ин донишманд мукотибаҳои онҳоро дар давраҳои гуногун мавриди таҳқиқ қарор дода, ба ихтилофи назарҳои миёни онҳо таваҷҷуҳ зоҳир менамояд ва дар ин замина, бар асоси навиштаҳояшон, ба онҳо баҳои илмӣ медиҳад. Ба ҳамин маънӣ менависад: «Мукотиба миёни Ибни Сино ва Берунӣ аз соли 998 оғоз ёфта, нахустин мулоқоти рӯ ба рӯйи онҳо ба соли 1004 ё аввали соли 1005 рост меояд. Дар ин муддат, тақрибан шаш сол низоъҳои геополитикӣ, ки

бар асари сукути қудрати Сомониён дар саросари Осиёи Марказӣ ба вуҷуд омада буданд, ба сарнавишти онҳо таъсири ҷиддӣ расонданд. Бо вуҷуди ин, сарнавишти онҳо, чунонки қайд кардем, комилан гуногун буд: Берунӣ аз ҷониби чанд ҳокими маҳаллӣ пас аз Сомониён дар минтақа мавриди парасторӣ қарор дошт, дар ҳоле ки Ибни Сино маҷбур буд, фаъолияти идорииро пеш барад ва ҳамзамон, талош кунад, таҳсили худро идома диҳад. Танҳо дар даврае, ки онҳо ба Гурганҷ омада буданд, амнияти Ибни Сино, ҳарчанд барои муддати кутоҳ ҳам бошад, то андозае таъмин гардид».

Маълум мегардад, ки таъсиси давлати муқтадири Сомониён имкон фароҳам овард, то адибон, муҳаққиқон ва мутафаккирони барҷастаи тоҷик ба камол расанд. Маҳз дар ҳамин давра илму фан ва таҳқиқу пажуҳишҳои тоҷикон ба авҷи аъло расида, осори мондагори ин замон барои инсоният боқӣ мондааст. Ин нуктаро метавон дар рушди адабиёт ва илми тоҷик дар он давра ба равшанӣ эҳсос намуд.

Маҳз фароҳам омадани шароити мусоид, муҳити омӯзиш ва қадршиносии аҳли илм сабаб гардид, ки нобиғаҳои зиёде зуҳур намуда, дар рушду пешрафти адабиёт ва илми тоҷик саҳми арзанда гузоранд. Бо заволи ин давлати пуриқтидор ҳаёти аҳли илм ва адаб бо мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ гардид, ки онҳо маҷбур шуданд, сафарҳо ва ҳиҷратҳои пайдарпай анҷом диҳанд ва рӯзгори пурмашаққатро таҷриба намоянд.

Бо вуҷуди ин, давлатҳо ва сулолаҳои хурдтаре, ки дар гӯшаю канорҳои минтақа таъсис ёфта буданд, ба аҳли илм, адаб ва шоирону адибон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекарданд. Дар китоби мазкур ба ҳамин ҷанбаҳои фаъолияти эҷодӣ ва зиндагии ин нобиғагон диққати хосса дода шуда, далелҳои мушаххас аз ҳаёти ин мутафаккирон пешкаши хонандагон мегардад. Ин нукта дар китоб чунин зикр шудааст: «То ин замон бад шудани вазъи сиёсӣ дар Осиёи Марказӣ монанди абрҳои сиёҳе буд, ки дар фазои минтақа дар парвоз буданд. Бо кушта шудани Маъмун ва тобеи Маҳмуд гардидани Хоразм ин абрҳо дар шакли тӯфони хашмгин таркиданд. Ин таҳаввулот сулолаҳои бостониро решакан намуда, як табақаи ҳукмрони комилан навро ба вуҷуд овард, ки аъзои он аз ҷиҳати қавмӣ ва фарҳангӣ аз пешиниёни худ фарқ мекарданд. Ин дигаргунӣ, ҳамчунин, анъанаҳои қадимии ҳимоят ва сарпарастиро аз байн бурда, рассомон, навозандагон, шоирон ва олимонро ба гирдоби номуайянӣ андохт. Фирори ногаҳонии Ибни Сино ба Гургон ва баъдан ҳаракати маҷбурии Берунӣ дар саросари Осиёи Марказӣ то ба Афғонистон, натиҷаи таъсири ҳамон неруҳо буд, ки гӯё ин ду мутафаккири ҷавон ва тулуъкардаро аз ҳам ҷудо карда буданд».

Муаллиф оид ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии ин ду нобиға ба таври муфассал маълумот додааст. Маълум мегардад, ки онҳо ба беҳтарин китобхонаҳои давр дастрасӣ дошта, ганҷинаи илму адаби дар асрҳои пешин вуҷуддоштаро мутолиа кардаанд. Ба ҳамин маънӣ, Ибни Сино ҳамчун энсиклопедист тавонист ба аксари мавзуъҳои муҳимми илмӣ рӯ оварад ва дар бисёр соҳаҳо ба дастовардҳои назаррас ноил гардад.

Ин маъниро метавон аз баҳсҳое дарёфт, ки ӯ бо мутафаккирони пешин ҳангоми баррасии осори онҳо дар навиштаҳояш зикр кардааст. Дар он давра мутафаккирон ҳангоми таҳлили осори гузашта ба се масъалаи асосӣ такя менамуданд: аввал, муаррифии андешаҳо ва гуфтаҳои қадимиён дар мавзуи муайян; дуюм, ошкор намудани мушкилот ё иштибоҳҳои мавҷуда дар матнҳои куҳан ва сеюм, пешниҳоди роҳҳои мантиқӣ ва илмии бартараф кардани ин мушкилот. Ин равиш дар осори Ибни Сино низ ба равшанӣ мушоҳида мешавад. Ӯ бо баррасии амиқи осори мутафаккирон ва олимони пешин, таҳлили ҳамаҷониба анҷом дода, андешаҳои шахсии худро бо такя ба донишу маърифати баланд ва усулҳои илмӣ баён кардааст.

Дар зимн, Ибни Сино ҳангоми таълифи асари мондагори худ – «Қонуни тиб» таҷриба ва мероси илмии гузаштагонро ба таври густурда ҷамъбаст намуд ва аз синни тақрибан чиҳилсолагӣ ба навиштани асарҳои бузурги таърихии хеш пардохт. Ин асари воқеан, дорои аҳаммияти нодири илмӣ дар тарҷумаҳои муосир тақрибан 2500 саҳифаро дар бар мегирад ва дар тули беш аз ним ҳазор сол дар ҷаҳони илм ҳамчун яке аз маъруфтарин ва муътабартарин осори илми тиб пазируфта шудааст.

Бо дигаргун гардидани вазъи сиёсӣ ва ба сари қудрат омадани давлати Ғазнавиён, дар зиндагии Берунӣ ҳолати парешонӣ ва ноороми ба вуҷуд омад, ки дар натиҷа қисми зиёди осори ӯ

аз байн рафт. Бо вуҷуди ин, Берунӣ аз ҷумлаи аввалин муҳаққиқоне ба шумор меравад, ки масоили геодезиро ба таври илмӣ ва дақиқ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Аҳаммияти тадқиқоти геодезии Берунӣ, пеш аз ҳама, дар шарҳи чигунагии муайян кардани тули ҷуғрофӣ зоҳир мегардад. Маълум аст, ки дар тули садсолаҳо ҳеҷ як масъалаи илмӣ, ҳам амалӣ ва ҳам назариявӣ ба ин андоза мушкил набудааст. Агар арзҳои ҷуғрофӣ масъалаи нисбатан сода бошанд (зеро онҳо дар доираҳои мувозӣ бо экватор ва дар масофаҳои баробар ҷойгир мешаванд), мушкилоти муайян кардани тули ҷуғрофӣ аз он бармеояд, ки ҳамаи ин тулҳо дар қутбҳои шимолӣ ва ҷанубӣ дар як нуқта ба ҳам меоянд.

Ба ҳамин маънӣ, Берунӣ барои ҳалли ин масъала асбобу усулҳои махсус ихтироъ намуда, онҳоро дар ҷойҳои муайян истифода бурд ва пажуҳишҳои фарогир анҷом дод. Дар натиҷа, ба дастовардҳои муҳимме ноил гардид, ки дар он замон ҳеҷ як муҳаққиқ ё донишманди дигар ба чунин сатҳи дақиқи илмӣ даст наёфта буд. Ба таъкиди муаллиф, «Дар ниҳоят, ӯ диаметри Заминро бо дақиқияти баланд андозагирӣ кард. Дар натиҷаи муҳосиботи ӯ рақаме ба даст омад, ки аз ҳисоби муосир ҳамагӣ 34,62 километр (21,51 мил) ё тақрибан 0,003 фоиз фарқ мекунад. Ҳисоби ӯ дар иртибот бо экватори кураи Замин танҳо 0,007 фоиз камтар аз рақами муосир аст. Ин дар ҳолест, ки андозагирии ӯ аз як дараҷаи тул дар экватор ҳамагӣ 0,085 фоиз камтар аз нишондиҳандаи муосир мебошад».

Дар идома, муаллиф ба таҳлилу баррасии осори ҷудогонаи мутафаккирон пардохта, паҳлуҳои норавшан ва камомӯхташудаи осори онҳоро бо услуби ҷолиб барои хонанда шарҳу тавзеҳ медиҳад. Муҳаққиқ тавонистааст мазмун ва аҳаммияти ин асарҳои нобиғагонро ба гунаи фаҳмо ва муназзам муаррифӣ намояд. Масалан, боби 13 таҳти унвони «Ал-Қонун фи-т-тиб» ба таҳлили амиқи асари оламшумули ин нобиға бахшида шудааст. Дар ин бахш донишманди закӣ масъалаҳои гуногуни марбут ба муолиҷаи беморонро хеле моҳирона шарҳ дода, ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии онро баррасӣ мекунад. Мусаллам аст, ки китоби «Қонуни тиб» ҳам назарияи тиб ва ҳам амалияи онро дар бар гирифта, ҳазорон масъалаи алоҳидаро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Дар ҷилди якуми ин асар, ки аз ду бахши асосӣ иборат аст, дар бахши аввал асосҳои фалсафии тиб, масъалаҳои умумии анатомия, психология, сабабҳои беморӣ ва саломатӣ, инчунин, масоили геронтология ба таври муфассал баён шудаанд. Бахши дуюм бошад, ба шарҳи муфассали равишҳои маъмули табобат ва роҳҳои рафъи бемориҳо бахшида шудааст.

Ҷилди дуюми «Қонуни тиб» феҳристи муфассали маводи тиббӣ ва хосиятҳои онҳоро пешниҳод менамояд. Ҷилди сеюм ба табобати бемориҳои хоси узвҳои алоҳидаи бадан бахшида шуда, роҳҳо ва усулҳои муолиҷаи онҳоро дар бар мегирад. Ҷилди чорум бемориҳоеро фаро мегирад, ки ба таври умумӣ ба тамоми организм таъсир мерасонанд.

Ҷилди панҷум ба мавзуи фармакология ихтисос ёфта, дар он садҳо формула барои тайёр кардан ва санҷиши пайвастагиҳои тиббӣ, ҳамчунин, маълумоти мушаххас оид ба тарзи истифодаи онҳо пешниҳод шудааст. Муаллиф ин асари бузурги Ибни Синоро ба таври ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ ва дастовардҳои илмии ӯро равшан нишон додааст ва аҳаммияти онро дар қолаби омӯзиш, таҳқиқ ва амалияи тиббӣ таъкид менамояд. Аз ҷумла, дар китоб чунин зикр шудааст: «Ибни Сино ҳамчун файласуф фарзияҳоеро, ки пешиниён матраҳ карда буданд, ба таври мунтазам месанҷид. Аммо ҳамчун пизишки амалкунанда ӯ аксаран аз осори гузаштагон истифода мебурд. Яке аз истисноҳои калидӣ таваҷҷуҳи ӯ ба тасдиқи нишондодҳои марбут ба доруҳои нав тавассути амалия буд, ки имрӯз онро ба озмоишҳои клиникӣ монанд медонем».

Дар боби 14 асари Ф. Старр «Қонуни Масъудӣ»-и Берунӣ таҳлил шудааст, ки дар он масъалаҳои марбут ба Замин, Моҳ, Офтоб ва сайёраҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Берунӣ дар осори пешини худ низ ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда, аз ҷумла, дар асарҳои «Ҳинд», «Осор-ул-боқия» ва дигар навиштаҳояш онҳоро баррасӣ намудааст. Ба ҳамин маънӣ, дар «Қонуни Масъудӣ» ӯ ин мавзуъҳоро боз ҳам амиқтар омӯхта, ба хулосаҳои дақиқтар ва илмитар даст ёфтааст. Аз ҷумла, муҳаққиқ таъкид менамояд: «Акнун дар «Қонуни Масъудӣ» Берунӣ нишон медиҳад, ки агар муддати дақиқи офтобгирифтани комилро дар ихтиёр дошта бошад, метавонад диаметри Офтобро андозагирӣ кунад. Яъне, ӯ алтернативаи ҷолиберо нисбат ба доштани асбобҳои беҳтар пешниҳод кард».

Дар ин асар Берунӣ қариб тамоми соҳаҳои нуҷуми мушоҳидавӣ, андозагирии масофа ва замонро бо такя ба усулҳои риёзӣ фаро гирифта, дар рушди илмҳои дақиқ саҳми арзишманд гузоштааст.

Боби 16-и «Нобиғагони даврони хеш. Ибни Сино ва Берунӣ» ба баррасии асари «Аш-Шифо»-и Ибни Сино бахшида шудааст. Ин асари мондагор аз чор бахши асосӣ - метафизика, мантиқ, риёзиёт ва физика иборат буда, муҳимтарин масъалаҳои замонро дар бар мегирад. Аз мазмуни китоб бармеояд, бисёре аз масъалаҳое, ки имрӯз низ ҷаҳонро таҳти таъсир қарор медиҳанд ва ба шинохти моҳияти инсон марбутанд, аз ҷониби Ибни Сино ҳанӯз садсолаҳо пеш бо равшании тафаккур ва амиқӣ пешбинӣ ва таҳлил гардидаанд. Ба ҳамин маънӣ, муаллиф зикр намудааст: «Таваҷҷуҳи Ибни Сино ба дарки инсон ӯро вориди ҳавзаи равоншиносӣ кард. Дарк аз эҳсосот, аз тасаввур ва аз истифодаи ақл ба вуҷуд меояд. Инҳо силсиламартабаҳои табииро ташкил медиҳанд: эҳсосот, бинобар маҳдуд буданашон ба ҷаҳони моддӣ, дар зинаи поёнтарин қарор мегиранд, дар ҳоле ки ақл дар болотарин зинаи ин нардбон ҷой дорад».

Ҳамчунин, Берунӣ дар осори худ оид ба илми геодезия ва дар китоби «Минералогия» таъкид мекунад, ки донишу фаҳми инсонҳо яксон нест. Ба ақидаи ӯ, инсонҳо бо назари таҷрибавӣ ва таҳлили масъалаҳо, бо истифода аз далелҳои мушаххас ва усулҳои илмӣ метавонанд мушкилоти мавҷударо ҳал намоянд. Ин равиши ақлгароёна ва таҷриба заминаи рушди илмҳои дақиқро фароҳам овардааст.

Зимни таҳлил ва баррасии ҳаёти онҳо Ф. Старр лаҳзаҳои сарнавиштсози зиндагии ин ду нобиға, фирорҳо ва муҳоҷиратҳои иҷборӣ, офариниши асарҳои бисёр ва аз байн рафтани қисми зиёди онҳо бар асари ҳуҷуму ғоратгариро амиқ ва ҷолиб нишон додааст. Бо вуҷуди ҳамаи ин мушкилиҳо, онҳо ҳамчун бузургтарин мутафаккирони ҳама давру замонҳо эътироф шудаанд. Аз ҳамин ҷост, ки баъд аз вафоташон ном ва мақоми онҳо боз ҳам баланд гардида, таҳқиқоти анҷомдодаашон ҳамчун қуллаи баланди илм дар тули асрҳо мавриди таваҷҷуҳи донишмандон қарор гирифтааст.

Китоби «Нобиғагони даврони хеш. Ибни Сино ва Берунӣ» тамоми таҳқиқоти то имрӯз анҷомдодашударо дар ин замина хеле моҳирона ҷамъбаст ва таҳлил намуда, ҳамзамон, пажуҳишҳои баъдиро низ дар бораи ҳаёт ва эҷодиёти онҳо низ баррасӣ мекунад. Аз мазмуни китоб бармеояд, ки қариб тамоми пажуҳишҳои муҳимме, ки дар ин самт анҷом шудаанд, мавриди омӯзиш қарор гирифта, арзёбӣ ва ҷойгоҳи онҳо барои хонандаи имрӯзӣ муайян карда шудааст. Тарҷума ва бо ин восита, омӯзиши китоби мазкур барои хонандагон судманд мебошад, зеро:

Якум, дар ин асар ҳаёт ва фаъолияти илмии ин ду нобиға ба таври амиқ, ҷолиб ва аз нигоҳи илмӣ бо такя ба сарчашмаҳои боэътимоди таърихӣ ва осори мавҷуда таҳлил ва пешниҳод гардидааст.

Дуюм, зина ба зина раванди таълифи асарҳои Ибни Сино ва Берунӣ барои хонанда равшану бармало гардида, нақш ва аҳаммияти ин осор дар рушди илм нишон дода мешавад.

Сеюм, рақобати илмии ин ду нобиға, муколамаҳо ва баҳсҳои онҳо баррасӣ гардида, нишон дода мешавад, ки маҳз ҳамин рақобати созанда ба рушди ҳамаҷонибаи онҳо такони ҷиддӣ бахшидааст.

Чорум, ҳангоми мутолиа хонанда бо андешаҳо ва таҳқиқоти дигар донишмандони тоҷик, форс ва ҷаҳон, ки дар бораи ин ду нобиға асар таълиф кардаанд, ошно мегардад. Ҳамчунин, баҳсҳои илмие, ки баъд аз вафоти онҳо миёни донишмандон ба вуҷуд омадаанд, мавриди баррасӣ қарор гирифта, маълумоти ҷолиб пешниҳод мешавад.

Панҷум, услуби китоб ҷолиб ва илмӣ-публитсистӣ буда, тарҷумаи он низ равону фаҳмо анҷом ёфтааст. Тарҷумон то тарҷумаи ин асари арзишманди Ф. Старр дар ин ҷода пайроҳаи устувори хешро пайдо карда буд ва асар бо тамоми нозукиҳои ҳунари тарҷумонӣ пешкаши хонанда гардидааст. Ошноӣ бо мафҳумҳо ва истилоҳоти таърихиву илмӣ, дастрасӣ ба манбаъҳову сарчашмаҳои ибтидоиву асл, аз ҳама муҳимтар, касбияту муҳаббат ва интихоби асар аз ҷониби тарҷумон ба натиҷаҳои бозгӯи ҳадафҳои муаллиф мусоидат намудааст. Мутолиаи асар барои хонандаи тоҷик аз чанд ҷиҳат арзишманд аст: аввалан, маърифати ин ду нобиға дар зеҳну ҷаҳонбинии хонанда ва сониян, шинохту дарки дараҷаи омӯзиш ва маъруфияти таърихиву воқеии ин шахсиятҳо миёни хонандагони кишварҳои дигар. Ба ин маънӣ, омӯзиши ин асар барои ҳамагон ҷиҳати шинохти амиқтари ин ду нобиға аз диди нав мусоидати бештар хоҳад кард.

# НИШОНАВУ МЕЪЁРҲОИ ШИНОХТИ ИҚТИБОСОТИ АРАБӢ



**Шаҳбоз КАБИРОВ – доктори илмҳои филологӣ, профессори ДМТ**

**Дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ микдори зиёди калимаву ибораҳои иқтибосӣ мавҷуд аст, ки дар байни онҳо калимаву ибораҳои иқтибосии арабӣ мавкеи хос доранд. Тибқи маълумоти мутахассисони соҳа, тақрибан 60-70% захираи луғавии забони тоҷикиро вожаҳои арабӣ ташкил медиҳанд. Мавҷудияти истилоҳоти илмии арабиаслро то 80% ба қалам додаанд, ва ин ҳам бесабаб нест, чаро ки дар асрҳои миёна забони илм дар Аврупо забони лотинӣ ва дар кишварҳои мусулмонӣ забони арабӣ маҳсуб мешуд.**

Ҷойи таъкид аст, ки дар тули беш аз ҳазор сол калимаву ибораҳои иқтибосии арабӣ то ба дараҷае ҳазму худӣ шуда, ба қоидаву меъёрҳои фонетикӣ ва грамматикии забони тоҷикӣ мутобиқ гардидаанд, ки ҳатто дар ташхису фарқ намудани онҳо аз калимаҳои аслан тоҷикӣ душворие ба миён меояд. Воқеан, аслан арабӣ будани калимаҳои ***китоб, қалам, маориф мактаб, дафтар, муҳаббат, ишқ, шеър, шоир, халқ, сулҳ, ваҳдат***, ***аскар*** ва садҳо вожаро на ҳама медонад.

Инак, барои шинохти вожаҳои арабӣ мо мухтасаран якчанд нишонаву меъёрҳои ташхис ва вижагиҳои вожаҳои иқтибосии арабиро барои алоқамандон манзур менамоем:

1. Вожаҳое, ки дар таркибашон ҳарфи сакта **(ъ)**доранд: ***баъд, ваъда, суръат, шамъ, ҷамъ, маъно, даъват, мавзуъ*** ва ғайра (баъзе калимаҳои иқтибосии русӣ ва русӣ-байналмилалӣ низ ҳарфи сакта (ъ) доранд, бинобар ин набояд онҳо омехта карда шаванд: ***съезд, объект, субъект*** ва ғайра).

2. Калимаву ибораҳое, ки артикли ***ал*** доранд: ***алвидоъ, алҳақ алғараз, аксуламал, «Ал-Қонун», Абулқосим, Абдуллоҳ, «Шеър-ул-аҷам, «Лубоб-ул-албоб»*** ва ғайра.

**Эзоҳ:** Артикли мазкур пеш аз ҳарфҳои шамсӣ (14-то) вобаста ба ҳодисаи фонетикии ассимилятсия гунаҳои (вариантҳои) гуногунро (***ул, уд, ун, ус, уш, ид, ур*** ва ғайра) зоҳир мекунад: ***Садриддин, Шамсиддин, Ҳабибуллоҳ, «Ҳабиб-ус-сияр», Мовароуннаҳр, маликушшуаро, шайхурраис*** ва ғайра.



3. Вожаҳое, ки яке аз ҳамсадои таркиби он ташдид мегирад: ***аввал, аммо, муаллим, наққош, наттоқ, муқаддас, хаттӣ*** (бо истисноии якчанд калимаи тоҷикӣ: ***арра, барра, бурро, пурра, зарра***). Ё ки садоноку ҳамсадо пайи ҳам ташдиднок омадаанд: ***шуур, тааҷҷуб, тааммул, таассуф, таал-луқ, мутаассифона*** ва ғайра (ба истисноии баъзе калимаҳои иқтибосии русӣ-байналмилалӣ: ***кооператив, ком-пресс, коммунист, профессор*** ва ғайра).

4. Калимаҳои зарфие, ки аломати фатҳа танвини ***-ан*** доранд: ***қасдан, ҳатман, шартан, хусусан, ҷиддан, умуман, тасодуфан, тадриҷан, комилан*** ва ғайра (ба истисноии калимаи *тоҷикии* ***зӯран ва*** *русии* ***принсипан***).

«*Ан*»-и фатҳаи танвинро набояд ба «*ан*»-и калимаҳои масдарӣ ***(хондан, рафтан, давидан, омадан, хобидан*** ва ғайра) омехта кард.

5. Азбаски забони арабӣ забони флективист, бинобар ин ба асоси флексияи дохилӣ (шикастани решаи калимаҳо) як калима шаклҳои гуногунро гирифта метавонад ва бисёр категорияву хусусиятҳои морфологии калимаҳо бо ин роҳ ифода мегарданд: ***шеър, ашъор, шоир, шоира; ишқ, ошиқ, маъшуқ, маъшуқа; китоб, котиб, мактуб, мукотиба; илм, олим, улум, муаллим*** ва ғайра.

6. Вожаҳое, ки бо пасвандҳои ҷамъбандии арабии ***-от (-ёт, -вот, -ҷот), -ин (-айн), -ун (-юн)*** ҷамъ баста шудаанд: ***тавзеҳот, ахборот, ҳашарот, газовот, куллиёт, нашриёт, тарафайн, волидайн, муаллимин, инқилобиюн*** ва ғайра (ба истисни калимаҳои тоҷикии ***боғот, сабзавот, меваҷот, деҳот, боришот***).

7. Ба асоси вазнҳои (қолабҳои) муайян калимаҳои ҳамвазни мухталифмаънои арабӣ ташкил меёбанд. Миқдори чунин вазнҳо хеле зиёд буда, дар забони тоҷикӣ миқдоре аз онҳо иқтибос шудаанд. Маъмултарини онҳо, ки ба асоси онҳо дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ калимаҳои зиёде вуҷуд доранд:

– вожаҳое, ки бар вазнҳои **мафъул, мафъил, мафъал** сохта шудаанд ё ба истилоҳи арабиашон **мазид** (пешванд)-и ***ма-*** доранд: ***мактуб, мавзуъ, макруҳ, маҳмуд, маълум, маъсум, маҷбур, масрур, матлуб, мағлуб; мактаб, машраб, мақсад, матлаб, масҷид, мағриб*** ва ғайра;

– вожаҳое, ки бар вазни ***тафаъъул***, яъне бо мазиди **та-** ва ташдиди ҳамсадои сеюм омадаанд: ***табаррук, таҷассум, таваллуд, такаллум, таваҳҳум, ташаббус, ташаккур, тасарруф, таҳаввул, талаффуз*** ва ғайра;

– вожаҳое, ки бар вазнҳои ***муфаъъал, муфаъъил,*** яъне бо мазиди ***му-*** ва ташдиди ҳамсадои сеюм омадаанд: **муҳаббат, муҳаррам, мушаххас, мунаввар, мукаммал,** ***мусаддас, муваққат, мукаррам, мураккаб, Муҳаммад, муқаддас; муҳаррир, мусаввир, муқарриз, муфаттиш*** ва ғайра;

– вожаҳое, ки бар вазни ***фаъъол*** (бо ташдиди ҳамсадои дуюм) омадаанд ва ба касбу машғулият алолат мекунанд: ***фаттоҳ, раззоқ, наққош, наҷҷор, қаллоб, рассом, ҷаббор, қаҳҳор*** ва ғайра;

– Вожаҳое, ки бар вазни **истифъол** бо мазиди ***ист-*** омадаанд: ***истисмор, истиқлол, истибдод, истеҳсол, истеҳком, истеъдод, истиқбол, истибсор*** ва ғайра.

– вожаҳое, ки бар вазни **мутафаъъил** бо мазиди ***мута-*** ва ташдиди ҳамсадои чорум омадаанд: ***мутафаккир, муташанниҷ, мутакаббир*** ва ғайра.

8. Тамоми исмҳои хоссе, ки ҷузъҳои ***аб-, абд-, -дин*** ва ***-аллоҳ*** доранд, ба забони арабӣ мансуб мебошанд, зеро ин калимаҳо ба исмҳои хосси аслан тоҷикӣ (номҳо) ҳамнишин намешаванд; Муқоиса кунед: ***Абулқосим, Абдунабӣ, Абдумалик, Шамсуддин (Офтобиддин?), Шамсулло(ҳ) (Офтобулло(ҳ)?), Қамариддин (Маҳтобиддин? // Моҳиддин?), Сайфуддин (Шамшериддин?), Абдулло(ҳ) (Бандаулло(ҳ)?), Хайрулло(ҳ) (Некулло(ҳ)?)*** ва ғайра.

9. Ҳамчунин як қатор номҳои одамон аз калимаҳои арабӣ, ки ному сифатҳои Худованд ва паёмбарону наздикони эшон, идҳои мазҳабӣ, тақвими солшумории қамариро ифода мекунанд, калимаҳои арабианд: ***Карим, Кабир, Раҳмон, Раҳим, Муҳаммад, Рамазон, Қурбон, Ойша, Зайнаб, Хадича, Юсуф, Яъқуб, Исо, Яҳё, Зулҳиҷҷа, Зулқаъда*** ва ғайра.

10. Шахсоне, ки алифбои арабиро медонанду аз уҳдаи хондани матнҳои адабиёти классикиамон мебароянд, калимаҳои арабиро ба асоси ҳарфҳои хосси забони арабӣ (***ҳои ҳуттӣ, айн, сод, зод, зои изғӣ, тои итқӣ, сеи мусалласа***) низ ташхису ҷудо карда метавонанд.

Ҳамчунин вожаҳое, ки ***йои*** мақсура (алифи шикаста) доранд, мансуби забони арабӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, аломатҳои лингвистӣ ё худ нишонаҳои фарққунандаи калимаву ибораҳои арабиро ба таври мухтасар баён кардем ва умедворем, ки барои алоқамандон ва посдорони забони тоҷикӣ кумаке хоҳад шуд.

# РОҲҲОИ ТАШАККУЛ ДОДАНИ МАФҲУМИ «ВАҚТ»

**Ҳ. ХУДОЯРЗОДА – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоии ДДОТ ба номи С. Айнӣ,**
**А. РАЗЗОҚОВ – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими математикаиДДОТ ба номи С. Айнӣ**

**Дар ҳаёт бузургиҳое вомехӯранд, ки дар ҳама гуна фаъолият инсон аз онҳо васеъ истифода мебарад. Яке аз чунин бузургиҳо «вақт» мебошад. Бо мафҳуми «вақт» инсон ҳар рӯз вомехӯрад. Ҳаёти инсон бо ин мафҳум зич робита дошта, маҳорати ченкунӣ ва арзёбии он барои ӯ ниҳоят зарур мебошад. «Вақт» барои батанзимории ҳама гуна амалиёти инсон зарур мебошад.**

Барои инсон истилоҳи «вақт» тез ё суст мегузарад, дар ин фосила бо кадом намуд ҳодиса рӯй медиҳад, сарукор мегирем [1].

Салоҳияти арзёбии фосилаҳои вақт бо ҳаракати равандҳои бедоршавӣ ва манъшавӣ муайян карда мешавад. Бинобар ин, дарки хусусияти мафҳуми «вақт» ҳамчун ҳақиқати объект ба назар душвор менамояд ва аз ин рӯ, эҳсоси муътадили он аз тарафи хонандагони хурдсол душвор мегузарад. Тасаввуроти бо мафҳуми «вақт» робитадошта ниҳоят суст мегузарад, ин дар раванди мушоҳидаҳои тулонӣ, таҷрибаи ҳаётӣ ва омӯзиши дигар бузургиҳои математикӣ инкишоф меёбад.

Дар аксарияти хонандагони хурдсол ноқисиҳои инкишофи эҳсосот мушоҳида карда мешавад, ки ин монеаи ташаккул ёфтани дарки тасаввурот доир ба мафҳуми «вақт» мешаванд. Инчунин, он ба хусусиятҳои инкишофёбии равонии бачаҳо, хусусан, ба фикррони онҳо вобастагии ногусастанӣ дорад.

Бачаҳо тасаввуроти аввалинро доир ба мафҳуми «вақт» дар давраи томактабӣ мегиранд. Тағйирёбии рӯзу шаб, фаслҳои сол, такроршавии лаҳзаҳои ҳаёти хонандагони синфҳои ибтидоӣ мувофиқи реҷаи рӯз, дар маҷмуъ, ин боиси пайдошавии тасаввурот оид ба мафҳуми «вақт» дар онҳо мебошанд. Лекин пайдарпайии рӯйдоди ҳодисаҳо дар вақтҳои муайян, асосан, ҳангоми рӯйдоди ҳодисаҳо бо заҳмати зиёд аз тарафи хонандагони хурдсол аз худ карда мешавад.

Асосан, мафҳумҳои математикӣ муносибатҳои мураккаб ва шаклҳои ҷаҳони муосири мо иҳотанамударо инъикос менамоянд, инҳо «миқдор», «шумор», фазоӣ, тасаввурот доир ба мафҳумҳои «вақт», «шакл» ва бузургӣ мебошанд.

Мафҳуми объектҳо дар математика аз як тараф, характери аёнии атроф ва дараҷаи фикррони хонандагони худсол, аз тарафи дигар, интихоби мундариҷаи дониш, усул ва роҳҳои муаррифӣ барои таълими онҳоро пайдо мекунад. Аз ин лиҳоз, мумкин аст мундариҷаи бо дониш мусаллаҳгардидаи хонандагон ба муассисаҳои таълимӣ дохилшавии онҳоро муайян намояд. Инҳо:



- ✓ тасаввурот дар бораи миқдор (ҳисоб, амалҳои ҳисоб, ҳалли мисолу машқҳо ва масъалаҳои арифметикӣ). Ба ин ҳисоби роста ва баръакс, яъне, дониши пайдарҳамии ададҳо, ҳисобкуниҳои бинои, овозӣ ва имовӣ-ишоравӣ, ҳисоби гурӯҳи ашё, тақсими бутун ба қисм, машқҳо доир бахотирнигоҳдории ададҳо, муқоиса кардани ашё, новобастагии шумораи ашё аз ҳаҷму шакл ва ҷойгиршавии онҳо, ҳисобкунии ботартиб, ҳалли масъалаҳои арифметикӣ ва ғайра дохил мешаванд;
- ✓ тассавурот дар бораи бузургиҳо ва ченкунии онҳо (дарозӣ, баландӣ, бар ва ғайра);
- ✓ тассавурот дар бораи шаклҳои геометрӣ ва шакли онҳо;

✓ тассавурот дар бораи вақт (дақиқа, соат, шабонарӯз, ҳафта, моҳ, рӯз, сол ва аср);

✓ тассавурот дар бораи фазо (муайян намудани мавқеъ нисбат ба атроф, сохти ҷисм, ҳамвории коғази рӯйи миз).

Ин мафҳумҳо дар раванди дарк кардани тағйироти ҳодисаҳо аз тарафи инсон пайдо шудаанд. хоб бо бедорӣ иваз мешавад, шабу рӯз ва ғайра. Ин ба дарки фикри дарозии мафҳуми «вақт» овардааст.

Дар байни дарозии ҳодисаҳои гуногун муносибатҳои вақти пайдарҳамии муайян вуҷуд дорад. Тартиби «ҳозир-пеш-баъд» ифодакунандаи муносибатҳои пайдарпайии вақт мебошанд. Муайян кардани вақти ҳодисаҳо аз қисматҳои он иборат аст. Дар навбати худ байни мавҷудияти якрангию пайдарҳамии ҳодисаҳои муносибати байни ҷисмҳо боз сохти воқеаҳо мавҷуд мебошад. Мафҳуми «вақт», новобаста аз шуури мо ва берун аз он, объективона вуҷуд дорад. Он, асосан, дорои хусусиятҳои зерин мебошад: гузарандагӣ - вақт бо ҳаракат алоқаманд аст; барнагарандагӣ; шакли аёнӣ надорад - «вай ноаён ва беовоз» аст [3].

Маълум аст, ки гузашта, ҳозир ва оянда бо ҳамдигар алоқаманд буда, байни худ ҷой иваз карда наметавонанд. Хосияти барнагардандагии вақт, гузаштани вақт ба як самт мебошад. Дар табиат мунтазам фаслҳои сол, рӯз ва шаб иваз мешаванд. Ин ҳодиса бо чархзании кураи Замин ва ҳаракати Моҳтоб дар атрофи Офтоб алоқаманд аст. Дар ин асос воҳидҳои асосии ченкунии вақт: шабу рӯз, ҳафта, моҳ ва сол пайдо шудаанд. Тақсим намудани шабу рӯз ба қисматҳо (саҳар, чошт, бегоҳ, шаб) бо тағйироти дар атроф гузаранда, ки аз мавқеи гуногуни Офтобу Моҳ ва ивазшавии шакли амалиёти инсонҳои дар қисматҳои гуногуни шабу рӯз вобаста бударо дорад. Ин ивазшавиҳо шартӣ буда, аз дарозии қисматҳои гуногуни шабу рӯз вобаста мебошад. [6].

Инсон барои дарк ва муайянкунии мафҳуми «вақт» роҳи дуру дарозеро тай намудааст. Дар Юнони Қадим дарозии шабу рӯзро аз рӯйи вақти байни дамидани субҳ ва шом муайян мекарданд. Соатҳои шабона дар онҳо ба ҳисоб гирифта намешуданд, вале римиҳои қадим мафҳуми «вақт»-ро мисли мо ба ҳисоб мегирифтанд. Пеш аз кашфи соат, онҳо шабу рӯзро ба дувоздаҳ фосилаи баробар тақсим карда буданд. Азбаски чунин системаи ҳисобкунии вақт номуайян буд, дарозии рӯз ва шаб дар фаслҳои сол гуногун мебошад. Пеш аз ҳама, якумин шуда, як шабонарӯзро ба 24 ҳиссаи баробар тақсим намуданро римиҳо ҷорӣ кардаанд. Мисриҳои қадим бошанд, якумин шуда, дарозии солро муайян кардаанд. Руҳониҳои мисрӣ мушоҳида намуданд, ки ҳар сол тахминан дар вақти зиёд шудани оби дарёи Нил, пеш аз баромадани Офтоб дар осмон ситораи дурахшон пайдо мешавад. Чунин рӯзҳои руҳдиҳии ин ҳодиса 365 рӯзро ташкил менамояд. Мисриҳои қадим аввалин шуда, тақвими моҳонаи моҳтобиро тартиб додаанд, лекин он саҳеҳ набуд, аз ин рӯ, онро римиҳо шаклан тағйир дода буданд. Ин тақвимро императори Рим Юлий Сезар тасдиқ намудааст. Дар ин тақвим номҳои моҳҳо марбут ба номҳои Сезарҳо ва шахсони маъруф гузошта шуда буд. Як қатори онҳо ҳоло ҳам истифода бурда мешаванд. Аз ин лиҳоз, хонандагон бо душвориҳои зиёд номи моҳҳоро дар хотир нигоҳ медоранд, чунки барои онҳо душвории маъноӣ эҷод мешавад. Масалан, номи моҳи «июл» ба шарафи Юлий Сезар гузошта шудааст[4].

Асосан, чен кардани ҳафтаи ҳафтрӯза ба мо аз Бобулистони қадим омада, ба тағйирёбии фазоҳои Моҳтоб алоқаманд аст. Адади «ҳафт» муқаддас ҳисобида мешудааст. Дар замонҳои худ ситорашиносони Бобулистони қадим муайян карда буданд, ки ғайр аз ситораи беҳаракат, дар осмон истилоҳи «ҳафт» ситораи ҳаракаткунанда дида мешавад, ки мо онро сайёра меномем. Ситорашиносони Бобулистони қадим чунин ҳисоб мекарданд, ки ҳар як соат вақти шабонарӯзии заминӣ дар ҳимояи сайёраи муайян мебошад.

Номи рӯзҳои ҳафта аз номи шахсони бузург гирифта шудааст. Баъдтар ин номгузориҳо ба римиҳо, дертар ба тақвими бисёр халқҳои Аврупо гузаштанд. Дар давлатҳои Осиёи Марказӣ, махсусан, дар тақвими тоҷикон рӯзҳои ҳафта қариб ифодаи тартиби рӯзи ҳафтаро ифода мекард. Якшанбе – рӯзи аввал, душанбе – рӯзи дуюм, сешанбе – рӯзи сеюм, чоршанбе – рӯзи чорум, панҷшанбе – рӯзи панҷум, ҷумъа – рӯзи шашум ва шанбе – рӯзи ҳафтум.

Дар Россияи қадим бошад, ҳафтаро ҳафтрӯза номида, воскресение – бекорӣ, понеделник – рӯзи баъди ҳафта, вторник – дуюм, среда – мобайни ҳафта, четверг – чорум, пятница – рӯзи

панҷум, суббота – аз калимаи «сабат» ва ё «шабаши»-и русӣ, охири ҳамаи корҳо, рӯзи охирони ҳафтаи кориро ифода менамояд [4].

Тақвим системаи ҳисобкунии фосилаҳои дарозии вақт мебошад. Ченкунии вақт барои инсон аз замонҳои қадим пайдо шуда буд. Тақвимҳои аввалин ҳазорсолаҳо пеш, аз давраи оғози тамаддуни инсонӣ пайдо шудаанд. Ҳоло бошад, тамоми халқҳои дунё бо тақвими офтобӣ кор мекунанд, ки асосгузори чунин тақвим римиҳои қадим буданд.

Тақвим низоми муайяни ҳисобкунии фосилаҳои асосии вақтро мегӯянд. Тақвимҳои ҳозираи мо аз римиҳои қадим мерос гирифта шудаанд.

Ҷудонашавандагии фазо ва вақт аз материя ва худи материя аз шаклҳои мавҷудият яке аз паҳлуҳои низоми асосии материализми диалектикӣ мебошад.

Дарки муносибатҳои фазоию замонӣ бо инъикоси ҳодисаҳои ҷаҳони муосир алоқаманд ва муайян карда мешавад. Ин қонунияти муайян бевосита дар соҳаи инъикоси эҳсосӣ зоҳир гардида, дар соҳаи илм ҳис ва қабул карда мешавад. Бо такмилёбии воситаҳои инъикоси фазо ва вақт имкони дақиқи эҳсоси ҳақиқати мулоҳизаронӣ меафзояд. Тафриқанамоии ин муносибатҳо ба инкишофи эҳсосот бетаъсир намемонад. Дар ҷараёни омӯзиши хонандагони синфҳои ибтидоӣ инъикоси фазоию замонӣ шарти асосии азхуднамудани дониш, инкишофи маҳорату малака ва фикрронӣ мегардад [7].

Дар ҳар шароите, ки инсон бо амалиёте машғул шавад, барои вай инъикоси дурусти тағйироти дар фазо ва вақт буда зарур мебошад. Фарқ ва умумикунонии муносибатҳои фазову вақт байни объектҳои эҳсосшавандаи атроф ҷараёни дутарафа мебошад. Яке аз ин тарафҳо бевосита дарки инъикоси робитаҳои муайяни байни объектҳо мебошад. Дигар тарафи он бо фикр намудан алоқаманд аст. Ин ягонагии эҳсосию мантиқӣ дар инъикоси фазоӣ, вақтӣ ва миқдорӣ тайёрии хонандагони хурдсолро ба инъикоси дигар муносибату алоқамандии ҳодисаҳои ҷаҳони муосир муайян менамояд. Тафриқанамоии муносибатҳои фазоӣ, вақтӣ ва миқдории байни объектҳо бавуҷудоии донишҳо дар бораи функсионалӣ, сохтӣ ва сабабию натиҷавии муносибатҳо байни ашёи бо ҳам алоқаманд моҳияти фикрронии мантиқиро ташкил медиҳанд. Ҳамаи ин муносибатҳои инъикосшавандаи байни объектҳо бо дарки эҳсосию мантиқӣ алоқаманд мебошанд [5].

Хонандагони синфҳои ибтидоӣ фаъолона кӯшиш менамоянд, ки маънои вақт ва «фазо»-ро донанд. Барои онҳо зарур аст, ки ҷаҳони муосирро аз худ намоянд ва омӯзанд. Чи қадар сабук ба инсон муяссар мегардад, ки мафҳуми «фазо»-ро эҳсос намояд, «ин ҷо» ва «дар он ҷо»-ро аз худ намояд. «Ин ҷо» – дастрас аст, онро дидан, ба вай даст расонидан ва маззаи онро чашидан мумкин аст. Дар «он ҷо» бевосита дастнорас аст, агар хоҳиш бошад, кӯшиш карда шавад, барои даст расонидан «он ҷо»-ро ба «ин ҷо» табдил додан мумкин аст. Хонандагони синфҳои ибтидоӣ истилоҳи «ҳозир»-ро ба калимаи сарфаҳм рафтан оғоз менамоянд. Дертар истилоҳи «ба наздикӣ» ба онҳо маълум мегардад. Баъдтар ба хонандагон маълум мешавад, ки «имрӯз», «пагоҳ», «рӯзи гузашта» чӣ маънӣ доранд?

Дар давраи инкишофи худ хонандагони хурдсол мумкин аст роҳи дуру дарозеро, ки дар тули чор сол тай намудаанд, бо суръати ниҳоят пасту баланд гузаранд. Асосан, фаҳмиши мафҳуми «вақт»-ро бошад, роҳи дарк, ҳис, таҳқиқ ва аз худ намудани ҷаҳони муосир медонанд.

Чӣ тавре ки сад сол пеш равоншиноси франсавӣ М. Гюйо гуфта буд: «Вақт ин ойинаи расиш ба худи мавҷуд, ки кадоме ҳеҷ чиз хоҳиш надошта бошаду ба чизе майл накарда бошад. Оянда онест, ки мо ба сӯйи он меравем. Мақсад-таъсиррасонӣ-ноилшавӣ.

Эҳсоси дарки бошууронаи «вақт» аз тарафи инсон дар ҷараёни таҷрибаи ҷамъиятӣ-истеҳсолӣ андӯхта шудааст. Таҷҳизоти гуногун барои ченкунии мафҳуми «вақт» ва ғайра дар ҳайвонҳо мавҷуд нест.

Эҳсоси бевоситаи дарозии мафҳуми «вақт» бо он ифода меёбад, ки ба воситаи қобилияти ҳискунии мо дарк карда шавад ва бевосита баҳо дода тавонему бе ёрии воситаҳои ёрирасон мафҳуми «вақт»-ро ҳис намоем. Ин қобилиятро «ҳис кардан оид ба мафҳуми «вақт» меноманд. Дар амалия вобаста ба фаъолият «дарки мафҳуми «вақт» ҳамчун чолокӣ фаҳмида мешавад. Дар ташаккули чунин ҳиссиёт таҷрибаи андӯхтаи тафриқаи вақти дар асоси амалиёти бисёр

андешаҳои инсонӣ муайяншуда нақши муҳимро мебозад. Ҳамин тавр, «ҳис кардан оид ба мафҳуми «вақт» ба таъсиррасонии байни системаҳои гуногун такя менамояд [5].

Ҳангоми кӯдакӣ «ҳис кардани мафҳуми «вақт» – дар асоси таҷрибаи эҳсосӣ бе донистани эталони вақт ташаккул меёбад. Навзод гиря мекунад, ин маънои онро дорад, ки вақти ғизохӯрияш омадааст. Агар ӯ сер бошад, оромона хоб мекунаду механдад. Дар кӯдакон умумикунонии «ҳис кардан оид ба мафҳуми «вақт» нест, лекин он, ки бо амалиёти маҳдуди муайян ташаккул ёфтааст, алоқаманд мебошад. Азхудкунии воҳидҳои мафҳуми «вақт» ва татбиқи онҳо имкон медиҳанд, ки аз «ҳис кардан оид ба мафҳуми «вақт» васеъ истифода бурдан бамаврид аст.

Ба «дарки мафҳуми «вақт» «равишҳои органикии ҳаёти мо, ки дорои барнагардандагии қатъӣ (набзи нафаскашӣ, задани дил ва ғайра) мусоидат менамояд. Ҳамин тавр, набзи ҳаёти ҳамарӯзаи инсон боиси коркарди рефлексҳои шартӣ оид ба «ҳис кардан оид ба мафҳуми «вақт» мегардад [4].

Мафҳуми «вақт» инъикосгари тарафҳои гуногуни ҳодисаҳои ҷаҳони муосир мебошад. Дарки мафҳуми «вақт» инъикоси тулонӣ, сурат, пайдарпайии ҳодисаҳои ҷаҳони муосирро иҳотакунанда дар мағзи сари мо мебошад.

Бо ақидаи равоншиносон, барои дарки тарафҳои гуногуни мафҳуми «вақт» функсияи асосии сохти мағзи сар лозим аст. Раванди ҳис намудан ва инъикоси мафҳуми «вақт» дар хонандагони хурдсол бо заҳмат ташаккул ёфта, дар онҳо ниҳоят ноустувор мебошад. Эҳсос аз тарафи хонандагони хурдсол бинобар вазнинӣ, гузарандагӣ, барнагардандагӣ ва даврӣ будани мафҳуми «вақт» бисёр ҳам душвор мегузарад, чунки онро бо ёрии аёният намоиш дода намешавад. Барои хонандагони хурдсол фаҳмидани мазмуни истилоҳи муносибатҳои мафҳуми «вақт»-ро ифодакунанда, ки характери нисбӣ доранд, хело душвор аст.

Дар давраи аввали инкишоф хонандагони хурдсол мафҳуми «вақт»-ро дар асоси нишонаҳои сифатӣ риоя менамоянд. Масалан, «шаби хуш» мегӯянд, вақте ки хоб мераванд, бегоҳ торик шудаасту офтоб нест.

Кӯдакони синни томактабӣ, нисбатан фосилаҳои хурди мафҳуми «вақт»-ро, ки дар асоси муайянкунии мундариҷаи таҷрибаи корӣ тасаввурот доранд, муайян карда метавонанд. Агар ҳаёти кӯдакон ба реҷаи қатъӣ итоат кунад, яъне фаъолияташон аз рӯйи мафҳуми «вақт» тақсим карда шуда бошад, субҳро аниқ муайян карда метавонанд. Лекин, барои онҳо вақти ҳодисаи пеш гузаштаро муайян кардан душвор аст, тасаввурот оид ба вақту дарозии он, аҳаммияти ин ҳодиса ва пайдарпайи ҳодисаҳои нисбатан пеш гузаштаро тасаввур карда наметавонанд. Дар хонандагони хурдсол танҳо донистани вақти ҳозира ва тасаввурот оид ба вақти номаълуми гузашта лозим аст.

Қобилияти эҳсоси алоқамандии сабабноки ҳодисаҳо ва инкишофи қобилияти истифода бурда тавонистан бо эталонҳои гуногуни мафҳуми «вақт» мусоидат намуда, имкони ифода кардани муносибатҳои вақти муайян дар нишондиҳандаҳои сифатиро медиҳад [8].

Ташаккулёбии тасаввурот дар бораи мафҳуми «вақт» нақши муҳимро мебозад. Яъне, дар он фосилаҳои вақт аз рӯйи дарозияшон мавҳумӣ ва умумӣ мешаванд: дақиқа, соат, шабонарӯз, ҳафта, моҳ, сол ва ғайра. Аниқу возеҳ аз тарафи хонандагони хурдсол истифодашавии ин ишоракуниҳои махсус аз он вобаста аст, ки бо чи бартариҳо ин эталонҳо пурра, боз бо чи сифатҳои асосӣ арзёбӣ карда мешаванд. Лекин нишонаҳои аниқи ифодакунандаи мафҳуми «вақт» дар ин ё он фосила локалист, чунки онҳо бо шароитҳои географӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҳаёти одамон вобаста мебошанд.

Дар амалия дараҷаҳои мафҳуми «вақт» дар забони кӯдакони томактабӣ ва синфҳои ибтидоӣ чӣ тавр инъикос мешаванд?

Бисёр вақт пас аз шунидани ҳикоя кӯдакон бо калимаҳои «баъд», «боз», «баъд аз он» ва монанди инҳо шинос мешаванд. Онҳо бо истифода аз чунин калимаҳо пайдарпайии ҳодисаҳоро ифода мекунанд. Аммо, дар баъзе ҳолатҳо кӯдакон номувофиқии мантиқиро пай намебаранд ва пайдарпайии воқеии ҳодисаҳоро дуруст дарк намекунанд. Чунин ҳолат боиси он мегардад, ки онҳо муносибатҳои мантиқии пайдарпай, махсусан, муносибатҳои миқдориро, ки нисбат ба муносибатҳои фазоӣ мураккабтаранд, дуруст дарк карда наметавонанд. [4].

Дар намудҳои гуногуни таҷрибаи хонандагони хурдсол тасаввурот доир ба мафҳуми «вақт» ва воҳидҳои он (соат, рӯз, шабонарӯз) ҷамъ шуда, ташаккул меёбад. Раванди омӯзиши ташаккул додани мафҳуми «вақт» ҳангоми таълими математика дар синфҳои ибтидоӣ имкон медиҳад, ки қимати нисбатан душвори гуфторҳо доир ба мафҳуми «вақт» дар хонандагони хурдсол аниқ ва фаҳмиши онҳо кушода шаванд. Лекин, чунин ҷудокунии мафҳуми «вақт» аз тасаввурот, инкишофи фикрӣ ва аз гуфторҳои гуногун вобастагӣ дорад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки яке аз шартҳои асосӣ ва муҳимми маҳсулнокии фаъолияти таълимӣ риояи дуруст бо мафҳуми «вақт» мебошад. Ташаккулдиҳии мафҳуми «вақт» дар хонандагони синфҳои ибтидоӣ ниҳоят зарур аст. Дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ ин ба воситаи инкишоф додани фикррони сабабӣ-натиҷавӣ ва назариявии шартҳои таъминкунандаи амалиёти дарк кардан амалӣ карда мешавад.

Чи тавре ки қайд карда будем, мафҳуми «вақт» шаклҳои аёнӣ надорад, бо вай ягон амалро иҷро кардан мумкин нест. Барои эҳсоси мафҳуми «вақт» дар инсон ягон таҳлилкунандаи махсус мавҷуд нест. Мафҳуми «вақт» ба воситаи ҳаракат ва набзи ҳодисаҳои ҳаётӣ ва ё бо ёрии асбоби махсус дарк карда мешавад. Он дар шахсони калонсол натиҷаи амалиёти як қатор таҳлилкунандаҳои дар як система амалкунанда мебошад. Дар хонандагони хурдсол бошад, чунин амалиёти кори якҷояи таҳлилкунандаҳо мавҷуд нест. Эҳсоси мафҳуми «вақт» дар вобастагӣ бо далелҳои субъективӣ, ба монанди зичии фосилаи вақт, аҳаммиятнокии он барои субъект, ваъияти худи инсон аз тарафи инсон дарк карда мешавад.

Шиносоии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо мафҳуми «вақт» мумкин аст танҳо барои азхудкунии ишора ва бузургиҳои он, ки аз тарафи инсон қабул гардидаанд, оғоз ёбад. Азхудкунии чунин ишоракуниҳо ба осонӣ муяссар намегардад, чунки онҳо характери шартӣ ва нисбӣ доранд. Он чизе, ки «пагоҳ» аст, баъди нисфи шаб «имрӯз» ва баъди як шабонарӯз бошад, «дина» мешавад. Ин ҷоришавии мафҳуми «вақт» диданашавандагии он, ҳисобкунӣ ва дарки онро ниҳоят душвор менамоянд [2].

Дар марҳилаи аввали таҳсил хонандагони хурдсол дар муассисаи таълимӣ мафҳуми «вақт»-ро риоя ва ба назар гирифта наметавонанд. Ташаккулёбии тасаввурот оид ба мафҳуми «вақт» дар хонандагони хурдсол дертар оғоз шуда, дорои махсусияти худ мебошад. Азбаркунии мафҳуми «вақт» ба воситаи амалиёти хонандагони хурдсол амалӣ мешавад. Аз ин сабаб, хонандагони хурдсолро бо фосилаҳои вақте, ки бо ёрии онҳо мумкин аст чен ва муайян кардани дарозӣ, пайдарҳамии шаклҳои гуногуни амалиёт рух медиҳанд, ошно бояд намуд. Зимни амалиёт ба хонандагони хурдсол маҷмуи мураккаби ангезандаҳо таъсир мерасонанд, ки дар онҳо муносибатҳои миқдорӣ нақши дуюмдараҷаро мебозанд. Аз ин сабаб, дар рафти омӯзиши махсус амалиёти мувофикро чунин бояд ташкил намуд, ки он барои ченкунии мафҳуми «вақт» бо ёрии асбоб ба роҳ монда шавад, алоқамандии ин ё он фосилаҳои вақтро намоиш дода, мафҳуми «вақт» боиси диққати махсуси хонандагони хурдсол гардад. Дар натиҷаи ташкили чунин амалиёт, шароитҳои мусоид барои ташаккулёбии бештар аниқи тасаввурот оид ба мафҳуми «вақт» фароҳам оварда мешавад.

Таҷрибаҳои гузашта собит менамоянд, ки риоя ба мафҳумҳои «вақт» бо роҳи сода аз худ мешаванд, вале азхудкунии тасаввурот оид ба мафҳуми «вақт» бошад, хело душвор аст. Ин бошад, бо ҷараёни такомулёбии суханронӣ, бо захираи калимаҳо ва қатори грамматикӣ дар суханронии хонандагони хурдсол алоқаманд мебошад. Нақши асосӣ дар ин раванд барои азхудкунии калимаҳои махсус тааллуқ дорад. Ташаккулёбии он бо азхудкунии ҳамон ишоракуниҳо ва ченкунии мафҳуми «вақт», ки дар инсон вуҷуд дорад (шабонарӯз, моҳ, ҳафта, сол, соат, дақиқа), робитаи ногусастанӣ дорад.

Инкишофи тасаввурот оид ба мафҳуми «вақт» бо ҳаёти ҳамарӯза ва амалиёти хонандагони хурдсол алоқамандии зич дорад. Дар муассисаи томактабӣ такя ба лаҳзаҳои асосии барномаҳо, ҳодисаҳои эҳсосии хотирмон, раванди амалиёти хонандагони хурдсол ҳисоб карда мешавад. Агар барои ташаккул додани тасаввурот оид ба мафҳуми «вақт» кори махсус бурда шавад, ин боиси он мешавад, ки маълумоти аз тарафи хонандагони хурдсол доир ба нишонаи қисматҳои алоҳидаи мафҳуми «вақт» гирифташуда дар сатҳи эҳсоси онҳо боқӣ монда, муносибатҳои ин мафҳумро дар онҳо кушода додан мумкин аст. Бисёрии хонандагони хурдсол рӯзҳои ҳафтаро

ботартиб гуфта наметавонанд, кадом моҳ ба кадом фасл тааллуқ дорад, намедонанд, рӯзҳои иди ба онҳо шиносро намедонанд ва ғайра [7].

Таълими махсус ташкилкардашуда ба он мусоидат менамояд, ки тасаввурот оид ба мафҳуми «вақт» дар хонандагони хурдсол ба тезӣ рушд меёбад, системанок гашта, бошуурона эҳсос карда шуда, ҳисси мафҳуми «вақт» инкишоф меёбад. Ҳангоми гузариш аз муассисаи томактабӣ ба муассисаи таълимӣ хонандагони хурдсол бояд қисмҳои шабонарӯз, моҳ, ҳафта, сол, соат, дақиқа, шабонарӯзро фарқ карда тавонанд, пайдарпайии онҳоро донанд.

Донистани эталонҳои мафҳуми «вақт» ва маҳорати муқарраргардидаи муносибатҳои ҳиссӣ боиси дарки онҳо аз тарафи хонандагони хурдсол мегардад. Такя ба мафҳуми «вақт» ҳисси эҳсосӣ мебошад, яъне, дарозии мафҳуми «вақт» ҳангоми иҷрои ягон кор асоси ҳиссӣ дошта, ҳар кадом аз рӯйи ҳис кардани мафҳумҳои «вақт» эҳсос карда мешаванд.

Ҳамин тавр, ин таҳқиқот аз зарурати омӯзиши чараёни ташаккулёбии тасаввурот оид ба мафҳуми «вақт» алоқаманд дар хонандагони синни хурди мактабӣ бармеояд. Муҳим будани ҳалли ин масъала дар таҷрибаи таълим ва тарбияи хонандагони синфҳои ибтидоӣ боиси рӯзмарра будани роҳҳои ташаккул додани мафҳуми «вақт» ҳангоми таълими математика мегардад.

## АДАБИЁТ


1. Атаханов, Р. А. К диагностике развития математического мышления учащихся вспомогательной школы. // Вопросы психологии. – №1, 1992.

2. Брадис, В. М. Методика преподавания математики в средней школе. – Москва, 1954. – 504 с.

3. Власова, Т. А., Лебединская, К. С. Отбор детей во вспомогательную школу. – Москва, 1983. – 176 с.

4. Каминова, М. С чего начинается время? // Начальное школа, – №36, 2000.

4. Павлов, И. П. Избранные произведения. – Москва, 1951. – 582 с.

5. Труднеев, В. П. Внеклассная работа по математике в начальной школе. – Москва, 1975. – 176 с.

6. Эк, В. В. Обучение математике учащихся младших классов вспомогательной школы. – Москва, 1990. – 175 с.

7. Эрдниев, П. М., Эрдниев, Б. П. Теория и методика обучения математике в начальной школе. – Москва, 1988. – 208 с.


Вақтро ғанимат дон он қадар, ки битвонӣ,
Ҳосил аз ҳаёт, эй ҷон, як дам аст, то донӣ!

**Ҳофизи Шерозӣ**

# МОҲИЯТИ ШАБНИШИНИИ ФИЗИКӢ ДАР ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ТАЪЛИМИЮ ЭҶОДИИ ХОНАНДАГОН

**Азмиддин УБАЙДОВ – омӯзгори физикаи МТМУ №6-и ноҳияи Мастчоҳ, Мавзуна ЮЛДОШЕВА – омӯзгори физикаи МТМУ №16-и ноҳияи Мастчоҳ**

**Машғулиятҳои берунисинфӣ қисми муҳимми раванди таълиму тарбия мебошанд. Мақсади баргузории чунин машғулиятҳо инкишофи ҳаматарафаи қобилияти худфаъолиятӣ ва эҷодии хонандагон дар соҳаҳои илм, техника ва фарҳанг мебошад.**

Аҳаммияти калони таълимию тарбиявии машғулиятҳои берунисинфӣ дар корҳои олимони соҳаҳои педагогика, равоншиносӣ ва методикаи таълими физика, аз ҷумла, И. Я. Ланина, А. В. Усова , Е. В. Ситнова, Т. И. Долгая, С. Г. Ковалева, Э. М. Бреверман, З. А. Вологодская, У. С. Умаров, У. Х. Раҷабов, И. Т. Ҷонмаҳмадов ва бисёр дигарон таъкид шудааст.

Вазифаи асосии корҳои беруназсинфӣ ҳаматарафа инкишоф додани шавқу ҳавас, майлу рағбат, қобилияту истеъдоди мактаббачагон ва ташкили бошууронаи вақти холии онҳо мебошад. Берун аз фаъолияти таълимӣ инкишофи руҳиву ҷисмонии хонандагон давом карда, имкониятҳои ҳам ба омӯзгор ва ҳам ба падару модарон маълум набудаи онҳо ошкор карда мешавад. Бо ёрии корҳои беруназсинфӣ махсусиятҳои шахсияти хонанда аниқ карда мешаванд.

Корҳои беруназсинфии дар системаи раванди таълиму тарбияи ба таври махсус ташкилшуда имкон медиҳанд, ки ба кадом соҳа рағбат доштани хонандагон муайян ва дар оянда чӣ тавр ба комёбиҳо муваффақ шаванд.

Барои баланд бардоштани савияи дониши хонандагон ташкил намудани шабнишиниҳои физикӣ аҳаммияти калон дорад. Дар ҷараёни тайёрӣ ва гузаронидани шабнишиниҳои физикӣ як зумра масъалаҳои аҳаммияти таълимию тарбиявидошта ҳал карда мешаванд, чунончӣ:



1. Мустаҳкам намудани дониши хонандагон.
2. Татбиқи дониш дар амал.
3. Тарбияи шавқу ҳавас ба омӯзиши физика.
4. Мустақилона кор кардан ва фикр рондан.
5. Ривоҷи тафаккур ва инкишофи нутқ.
6. Тарбияи меҳнатдӯстӣ, кор дар ҷомеа ва масъулиятшиносӣ.
7. Тарбияи ҳисси боварӣ ба дониш ва асосноккунии ақидаҳои шахсӣ.

Ҳангоми гузаронидани «Шабнишиниҳои физикӣ» хонандагон ба дастовардҳои илм ва техника, ҳаёт ва фаъолияти олимони соҳаи физика ва техника низ шинос мешаванд.

Барои самарабахшу шавқовар гузаронидани «Шабнишиниҳои физикӣ» тайёрии пешакии омӯзгор ва хонандагон зарур аст. 2-3 ҳафта пеш аз шабнишинӣ синфҳои дар он иштироккунанда ва мухлисон интихоб карда мешаванд.

Тазаккур бояд дод, ки хонандагоне, ки дар шабнишинӣ иштирок мекунанд, пешакӣ ба шартҳои озмун шинос карда намешаванд. Барои омодагии комил ба хонандагон таърихи рӯзи баргузории шабнишинӣ эълон гардида, огоҳ карда мешаванд, ки озмун дар доираи кадом фасли китоби дарсӣ баргузор мешавад.

Ба натиҷаи иҷрои супоришҳо ҳайати ҳакамон баҳо медиҳанд. Натиҷаи баҳодиҳӣ ба мазмун, дурустии ҷавобҳо ва сухангӯйии шахсони дар мусобиқаҳо иштироккунанда вобаста аст. Баҳодиҳӣ аз рӯи системаи 5-хола гузаронида мешавад. Ровии шабнишинӣ ҳайати ҳакамонро ба ҳозирин шинос мекунад.

Даври якуми чорабинӣ «Саволу ҷавоб аз физика» буда, иштирокчии дастаҳо маъно ва ё таърифи мафҳумҳои физикиро шарҳу тавзеҳ медиҳанд. Барои иҷрои ин шарт мафҳумҳои физикӣ дар коғаз навишта, ба дохили сақочаҳо (сақочаҳои шоколади киндер) ва сақочаҳо бошанд, дар халтачаҳо ҷой дода мешаванд. Ҳар як иштирокчӣ бо навбат ба саҳна баромада, яке аз саққоҳоро аз дохили халта мегирад ва ба доварон медиҳад. Доварон саққоро кушода, мафҳуми физикиро қироат мекунанд. Иштирокчӣ бояд шарҳи мафҳум ё таърифи онро баён кунад. Барои озмуни мо мафҳумҳои асосӣ аз китоби «Физика»-и синфи 7-ум гирд овардем. Чунончи:

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| Табиат | Ҷисм | Модда | Молекула | Атом | Ядро |
| Диффузия | Таршавӣ | Зичӣ | Масса | Қувва | Фишор |
| Деформатсия | Соиш | Ҷозиба | Фишор | Импулс | Энергия |
| Суръат | Шитоб | Траектория | Кучиш | Роҳ | Кор |

Даври дуюми шабнишинӣ «Шарҳи ҳодисаҳои физикӣ аз рӯйи расм» буд. Дар ин давр ба ҳар даста тасвири ҳодисаҳои физикӣ нишон дода шуда, шарҳи он аз тарафи яке аз аъзои гурӯҳ талаб карда мешавад. Масалан, зимни баргузории шабнишинии мо барои дастаҳо тасвирҳои зерин пешниҳод гардид:

| Дастаи 1 | Дастаи 2 | Дастаи 3 |
|---|---|---|
|  |  |  |

Даври сеюми озмун: «Ҳалли масъалаҳо» ном дошта, дар он аз ҳар даста 1 нафар ба назди тахтаи синф мебарояд ва яке аз варақаҳои дорои як масъаларо мегирад. Дар муддати 5 дақиқа бояд иштирокчӣ дар тахтаи синф масъаларо ҳал кунад. Дастае, ки бехато ва тибқи талабот шартро иҷро мекунад, сазовори 5 хол мешавад.

Даври чоруми озмун «Шинохти асбобҳои физикӣ» ном дорад. Дар рӯи миз дар дохили қуттиҳо асбобҳои физикӣ (мензурка, штангенсиркул, микрометр, динамометр, термометр, ариометр, барометр, тарозу, дарозисанҷ) гузошта шудааст. Аз ҳар даста ду нафар иштирокчӣ ихтиёран қуттиеро интихоб мекунад ва аз дохили он асбоби интихобкардаашро берун баровarда, дар бораи он маълумот медиҳад:

| Метр | Штангенсиркул | Микрометр |
|---|---|---|
|  |  |  |
| Мензурка | Тарозу | Термометр |

| | | |
|---|---|---|
|  |  |  |
| Ариометр | Динамометр | Барометр |
|  |  |  |

Мақсад аз баргузории даври панҷуми озмуни «Намоиши истифодаи асбобҳои худсохти хонандагон» муайян кардани дараҷаи маҳорату малакаҳои амалию эҷодкории хонандагон мебошад. Дар ин шарт иштирокчиёни озмун ба ҳайати ҳакамон дастгоҳҳои худсохти хешро муаррифӣ ва истифодаи онҳоро нишон медиҳанд.

Иштирокчиёни мо чунин асбобҳои худсохти хешро намоиш доданд:

| Асбоби дастисохти худкор барои дону обдиҳии мурғон | «Киштии кайҳонӣ» бо зарфи обнушӣ ва моеъ | Пулверизатор бо истифода аз пенопласт ва найчаи пластикӣ |
|---|---|---|
|  |  |  |

Дар даври шашуми озмун аз ҳар даста якнафарӣ ба ҳайати доварон рӯзномаи девории дастаро муаррифӣ мекунад.

Даври ҳафтуми озмун «Мусобиқаи мухлисон» ном дорад. Барои ҳавасмандии мухлисон низ ба тариқи саволу ҷавоб мусобиқа ташкил кардан мумкин аст ва хоҳишмандон метавонанд иштироки фаъол дошта бошанд.

Саволҳо:

1. Шумо ҳодисаи дар ҳаво паҳн шудани бӯйи атр, бензин, нафталин ва дигар моддаҳои бӯйнокро чӣ тавр шарҳ медиҳед?
2. Кадом модда аз ҳолати моеъ ба ҳолати сахт гузарад, номи дигар мегирад?
3. Чаро барои аз кӯча гузаштан пеш аз мошини наздикшаванда давидан мумкин нест?
4. Мақоли «Ба осмон санг наандоз, ки ба сари худат мезанад» - ро аз ҷиҳати физикӣ шарҳ диҳед.
5. Зимистон роҳҳои яхбастаро қум пошидан чӣ зарурат дорад?
6. Чаро газҳоро дар зарфҳои кушод нигоҳ доштан мумкин нест?
7. Барои чӣ бо сӯзани зангзада дӯхтани либос мушкил аст?
8. Қонуни зарфҳои пайваста дар Моҳ амал мекунад ё не?
9. Дар шароити бевазнӣ оё пӯк дар сатҳи оби зарф шино карда метавонад?
10. Агар дар шароити бевазнӣ чойники обдорро моил кунем, аз ҷумаки он об мерезад ё не?

Ҳайати ҳакамон ҷавоби ҳар як иштирокчиро бодиққат гӯш карда, ба онҳо баҳо медиҳанд.

Пас аз даври ҳафтум аз ҷониби ҳайати эҷодкорони мактаб чорабинии фарҳангӣ (суруд, ракс ё саҳнаи тарбиявӣ) баргузор мегардад. Ҳайати ҳакамон бошанд, натиҷаҳои ниҳоии озмунро муайян карда, натиҷаро пас аз фарҷоми чорабинии фарҳангӣ онро эълон мекунанд.

Раиси ҳакамон доир ба бурду бохти шабнишинӣ сухан ронда, ғолиби мутлақ ва ғолибони даврҳои онро эълон мекунад ва онҳоро бо мукофотҳои таъсисдодаи кумитаи тадорукот сарфароз мегардонад.

# МУҲОФИЗАТИ ОЛАМИ ЗЕРИОБӢ – ВАЗИФАИ ҲАР ЯК ШАҲРВАНД

**Чиллахон ШОФАЙЗОВ, Шоҳназар ЗАБИРОВ – омӯзгорони мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат дар ноҳияи Кӯшониён**

*Табиат шоҳасари нодирест, ки ҳар як саҳифаи он пур аз маъниҳои олист.*

*Иоҳанн Волфҳанг Фон Гёте*

Ҷумҳурии Тоҷикистон табиати зебою гуворо, обҳои ширину ҳайвоноти ба табиати худ хос дорад. 93%-и Тоҷикистонро кӯҳҳои сарбафалаккашида ташкил медиҳанд, ки боиси зиндагии муфиди баъзе ҳайвонҳо мегардад. Ҳамагон медонанд, ки бе об ҳаёт нест ва аз ин сабаб бо ташаббуси Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастгирии Созмони Милали Муттаҳид дар миқёси ҷаҳон соли 2003 «Соли оби тоза», солҳои 2005-2015 «Об барои ҳаёт», солҳои 2018-2028 даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор» эълон карда шудааст. Дар дарёҳо, кӯлҳо ва обанборҳои Тоҷикистон ҳаёти зиндаи гуворои зериобӣ вуҷуд дорад, ки бо шарофати ин олами зериобии табиати Ватан боз ҳам дилработар мегардад. Дар тамоми ҷаҳон зиёда аз 20 ҳазор намуди моҳиҳо вуҷуд доранд, ки онҳоро ба 40 қатор ва 420 оила ҷудо мекунанд. Дар Тоҷикистон 64 намуд ва зернамуди моҳиҳо ҳаёт ба сар мебаранд, ки намояндаҳои 16 оила ба шумор меравад. Дар қаламрави Тоҷикистон зиёда аз 900 кӯл, 7 обанбор, 1300 дарёи хурду калон вуҷуд доранд, ки дар ҳудуди ин обҳо намояндаҳои қаторҳои шуртанмоҳимонандҳо, капурмонандҳо ва моҳиҳои морсар дучор меоянд. Намудҳои гуногуни моҳиҳо сарчашмаи асосии ғизогирии инсон ба ҳисоб меравад. Ҳар сол дар тамоми ҷаҳон аз 1,1 то 2,2 трилион намудҳои гуногуни моҳӣ сайд карда мешавад, ки бештар аз 96 миллион тонна вазнро дар бар мегирад. Моҳӣ дорои бисёр кислотаҳои сарғизои равғанӣ, махсусан, кислотаҳои равғанӣ омега-3, инчунин витамини D мебошад. Моҳӣ, ҳамчунин, бисёр витаминҳои дигареро ки ба организм лозим аст (масалан, E, B1, B6, B12, B3 (PP, ниатсин) ва минералҳо (масалан: калсий, калий, фосфор, селен, йод) дорад. Дар обҳои собиқ мамлакатҳои Шуравӣ зиёда аз 1000 намуди моҳӣ зиндагӣ мекунанд, ки аз онҳо 250 намудашон аҳаммияти саноатӣ дорад. Аз ҳама зиёдтар тосмоҳиҳо, ҳашинамоҳӣ (белуга)-ҳо, сагмоҳӣ (севрюга), кета, озодмоҳиҳо ва дар байни моҳихои шикоршаванда равғанмоҳӣ, камбала. палтус, аламоҳӣ (окун)-и дарёи аҳаммияти зиёди саноатӣ дорад. Бештар шурмоҳии уқёнусӣ, ки қариб дар ҳамаи баҳрҳои шимолу ғарби Аврупо, баҳри Баренс ва уқёнуси Атлантик васеъ паҳн шудааст, шикор карда мешаванд. Кирминаи шурмоҳӣ дар муддати 3 моҳ то 1000 км роҳро тай карда ба баҳр меоянд.

Моҳиҳо тавассути киштиҳои махсуси моҳигирӣ сайд карда мешаванд. Барои мушоҳидаи селаи моҳиҳо асбобҳои гидроакустикӣ-эхолотҳо истифода бурда мешаванд. Баъзе намуди моҳиҳо ба равшании чароғҳои нурашон баланд дар зери об ҷамъ мешаванд. Равшании баланд аз ҳама бештар ҳангоми шикори килкиҳо ва сайраҳо истифода мешаванд. Аксарияти моҳиҳо тавассути тухмашон афзоиш мекунанд. Камшавии тухми моҳиҳо боиси камшавӣ ва ё тамоман нестшавии онҳо мегардад. Дар тамоми дунё ва инчунин, дар Тоҷикистон баъзеҳо шасти барқиро васеъ истифода мекунанд. Шасти барқӣ ё электронӣ на танҳо моҳиҳоро, балки тухми онҳоро низ тамоман нест мекунад, ки ин боиси маҳвшавии баъзе намуди моҳиҳо мегардад. Аз сабаби нестшавӣ ва ё тамоман нобуд шудани баъзе намуди моҳиҳо онҳоро ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил кардаанд. Табиати зериобиро бе моҳӣ тасаввур кардан имкон надорад. Баъзе намуди моҳиҳо аз қабили гамбузия, ки соли 1932 онро ба дарёи Вахши Кофарниҳон овардаанд, тухми пашшаи вараҷа ва худи онро хӯрда нест мекунад ва дар табиат пешгирандаи бемориҳои вараҷа мегардад. Инчунин, дар обҳои Тоҷикистон шуртанмоҳӣ дар дарёи Сир ва обанбори «Баҳри Тоҷик» зиндагӣ мекунанд. Дар шароити Тоҷикистон вазни



ингуна моҳиҳо то 10кг мерасад. Моҳиҳои касал ва майдаи бегонаро хӯрда нест ва барои паҳн нашудани баъзе намуди бемориҳо мусоидат мекунад.

Аз 64 намуди моҳиҳое, ки дар Тоҷикистон дучор мешаванд, солҳои охир аз фаъолияти нодуруст ва бехабарии шикорчиёни моҳӣ 14 намудашон: хормоҳӣ. белбинимоҳӣ, озодмоҳӣ, гулмоҳӣ, шуртанмоҳӣ, мӯйлабмоҳии аралӣ ва туркистонӣ, симмоҳӣ, сихболмоҳӣ ва лаққамоҳии туркистонӣ камшумор мондаанд ва дар ҳолати нестшавӣ қарор доранд. Бинобар ин, онҳо ба нашри дуюми «Китоби Сурх»-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2015 дохил карда шудаанд.

Аз ҳамаи моҳигирҳо хоҳиш карда мешавад, ки бемаҳал ва аз ҳад зиёд моҳидорӣ накунанд, аз шасти электронӣ, ки боиси маҳв гардидани тухми моҳиҳо мегардад, тамоман истифода набаранд. Шикори моҳӣ бо шасти барқӣ ё электронӣ қонунан манъ аст ва хатарнок низ мебошад. Умуман, шикори моҳӣ дар моҳи апрел, ки айёми тухмгузорӣ мебошад, дуруст нест.

Илме, ки моҳиҳоро меомӯзад ихтиология ном дорад. Аҳаммияти моҳӣ дар табиат ва ҳаёти инсон калон аст. Онҳо обро тоза мекунанд, ғизои ҳайвонот ва одамон мебошанд. Моҳӣ манбаи пуразиши маводи ғизоӣ мебошад. Равғани моҳӣ ҳамчун дору истифода мешавад. Мутаассифона, баъзан одамон дар бораи оқибаташ фикр накарда, моҳиро дар дилхоҳ мавсим сайд мекунанд. Моҳиҳо тухм мегузоранд. Тухми моҳиҳоро икра меноманд. Аз икраҳо малекҳо мебароянд. Малекҳо бояд калон шаванд ва боз тухм гузоранд. Ҳамин хел моҳиҳо афзоиш меёбанд. Аз ин рӯ, дар ду маврид моҳидорӣ манъ аст: 1) ҳангоми тухмгузорӣ; 2) шикори моҳӣ бо истифода аз заҳр, таркишҳо ва барқ. Ба моҳидорон иҷозат дода мешавад, ки танҳо бо асо ва танҳо дар вақтҳои иҷоза моҳӣ гиранд. Тақвими моҳигир ҳар сол нашр мешавад. Дар он вақт муайян карда мешавад, ки моҳигирӣ манъ карда шудааст. Баъзе намудҳои моҳӣ дар хоҷагиҳои моҳипарварӣ ба таври сунъи парвариш карда мешаванд. Маҳз ҳамин амали нек моҳии нодир ва дар зери хатари нестшавӣ қарордоштаро наҷот медиҳанд (моҳии ҷавон ба обанборҳои табиӣ партофта мешаванд). Хоҷагиҳои моҳипарварӣ моҳии махсус барои истеъмоли одамон парвариш мекунанд (карп ва ғ.). Шахсоне, ки ба моҳиҳо сару кор доранд, ихтиологҳо номида мешаванд. Моҳиҳои хурди ғайриоддӣ барои мақсадҳои ороишӣ ва барои зебоӣ истифода мешаванд. Онҳо дар аквариумҳо парвариш карда мешаванд. Моҳиҳо дар давраи Силур дар обҳои ширин бо вуҷуд омадаанд ва дар Девон дар ҳамаи ҳавзаҳо васеъ паҳн шуда буданд. Дар даври Девон тараққӣ карда, якчанд шохаро ба вуҷуд овfarданд, ки то замони мо ду шохаи синфи онҳо: моҳиҳои тағоякӣ ва устухонӣ боқӣ мондаанд. Моҳиҳои тағоякдор гурӯҳи нисбатан камшумори моҳиҳои муосир ба шумор меравand ва зиёда аз 630 намуди онҳо ба мо маълум мебошанд. Ба ин моҳиҳо як қатор аломатҳои сода хос мебошанд:

1. Скелети онҳо то охири ҳаёташон тағоякӣ боқӣ мемонад.

2.Танаашон бо пулакчаи сохтори сода доштаи плакоидӣ пӯшида шудааст. Дар баъзе намудҳояшон тана луч буда, пулакча дида намешаванд.

3.Сӯрохиҳои ғалсама одатан бисёр (5-7 то) буда, ҳар яки он ба берун бо сурохии мустақил (ба ғайр аз наҳанги ҷомадор ва химера) кушода мешавад.

4. Болҳои ҷуфт ба таври уфуқӣ ҷойгир шудааст.

5. Пуфаки шиноварӣ надоранд. Дар қатори аломатҳои содагӣ дар ин моҳиҳо боз аломатҳои пешрафта, ба монанди дар болои мағзи пеш мавҷуд будани моддаҳои асаб, бордоршавии дохилӣ, зиндазоӣ дар аксарияти намудҳо ва ғайра хос мебошанд. Андозаи танаашон аз 20 см то 15 ва ҳатто 20м мерасад. Дар ҳамаи баҳрҳо (ба ғайр аз Каспий) ва укёнусҳо паҳн шудаанд. Баъзе намудҳояшон ба дарёҳо дохил мешаванд.

Майдони ҳаёти обии моҳиҳо бениҳоят васеъ мебошад. Яъне, аз се ду ҳиссаи (71 фоизи) сатҳи заминро укёнус ва баҳрҳо ташкил медиҳанд. Ба ғайр аз ин, 0,5 фоизи рӯйи заминро обҳои ширин ишғол мекунанд. Илова бар он масоҳати ҳаётро дар об сатҳи вертикалӣ ташкил медиҳад. Чуқурии максималии оби укёнусҳо ба 11 ҳазор метр баробар аст. Моҳиҳо дар обҳои кӯҳӣ то 6 ҳазор метр нисбат ба сатҳи баҳр зиндагӣ мекунанд. Ҳамаи муҳити зисти обӣ ба гуногуни, моҳиҳо оварда расонидааст. Моҳиҳо ба қатори ҳайвонҳои пойкилотермӣ дохил мешаванд. Яъне, тағйирёбии ҳарорати бадани моҳӣ доимӣ нест ва ба ҳарорати об вобаста мебошад. Пастшавии ҳарорати об барои баъзе моҳиҳо (карас, зағорамоҳӣ, тосмоҳиҳо) сабаби хоби мавсимӣ мешавад. Талаботи моҳиҳо ба гази оксиген низ якхела нест ва вобаста ба талабот ба оксиген 4 гурӯҳи экологӣ тақсим карда мешаванд:

а) ба гази оксиген талаботи хеле зиёд доранд (7-11см 3/л) кумжа, голян, шурмоҳӣ, ширмоҳӣ, гулмоҳӣ) ва ғайра;

б) талаботи зиёд доранд (5-7см 3/л) голавл, пескар;

в) талаботи нисбатан зиёд доранд (4см 3-л) ҷумҷумакмоҳӣ, ерш;

г) ба оксиген талаботи хеле кам доранд (1-2см 3/л) зағорамоҳӣ, лин, карас ва ғайра.

# ХУСУСИЯТҲОИ ЖАНРӢ ВА ТАСВИРӢ ДАР АШЪОРИ ШАҲРИЯ

Анӯшаи САЛИМДУХТ – докторанти PhD ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода

**Шеър, новобаста аз он ки дар кадом марҳилаи таърихӣ ва ё дар чи шакл эҷод шуда бошад, вобаста ба жанру услуби мавзуии хеш баёнгари сурату ҳол ва ҳолат, таҷассумгари лаҳазот ва вақт, лавҳаҳои дорои ҷанбаҳои ҳаётӣ ва тасвирҳои ифодагари хусусиёти лирикӣ ё сиёсӣ, иҷтимоии давру замон буда, дар ҳар маврид ифодагари падидаҳои руҳиву ҳиссии шоир ба шумор меравад.**

Шоирони муосири тоҷик низ ба сифот дар шеъри муосир, ки дар навбати аввал бо хусусияти хеш ҳамқадами замон ва тасвиргари дастовардҳои давр мебошанд, ҳамчунон, дар қолабҳои суннатии он аз матолиби иҷтимоӣ фаровон сухан гуфтаанд ва дар шеърҳои дар жанрҳои мухталиф сурудаи худ, бахусус, ба баррасии норасоиву камбудиҳои рӯзгор, масоили доғи рӯз, тақозои матолиби ҳалталаб ва ҳаллу фасли заминаҳои иҷтимоидоштаи ҷомеа, аз назари дақиқбин бештар дахл намудаанд.

Дар миёни ин адибон, албатта, зумрае низ ҳастанд, ки ба хотири пур кардани холигоҳи сохтории шеър ба умумигӯӣ роҳ дода, ашъори иҷтимоии хешро аз мазмуну муҳтавои забонзада саршор кардаанд ва бар ин асар таркиби ғоявӣ, мундариҷа ва умуман, шеъри худро аз дарунмояи он забонзадаву хушк ва беруҳу равон ба манзури ҳаводорони калом пеш гузоштаанд. Аммо Шаҳрия аз ин варта ба фарохо дур рафтааст ва шеъри худро ҳамеша аз дарунмояи он пурмазмуну дақиқ ва мутобиқи хостаҳои дили ҳассос ва каломи равону сареҳаш болои кор оварда, дар азми эҷод аз жанрҳои гуногуни шеърсоз барои фораму дилнишин намудани ашъори хеш ба тадриҷ истифода кардааст. Масалан, «Дар канори шеър» ном китоби худро бо шеъри «Рӯдакӣ» оғоз бахшидааст, ки он дар жанри маснавӣ шуруъ шуда, дар вазни рамали мусаддаси маҳзуф (фоилотун, фоилотун, фоилун: - V - - / - V - - / - V -), бо қавофии хеле муҷазу равон ва тасвирҳои дилнишин ороста шудааст. Чунонки:



*Ман зи Рӯдак бар Бухоро омадам,*
*Дар лабонам шеъри шево омадам.*
*Омадам бар даргаҳи Сомониён,*
*Дар дилам ишқу муҳаббат як ҷаҳон.*
*Бо тапиданҳои мавзуни қалам,*
*Дар уфуқ хуршед афрозад алам.*
*Омадам, то шеърро мавзун кунам,*
*То Аҷамро шуҳраи гардун кунам...*[1]

- мегӯяд ва ба ҳамин монанд дар саросари осори хеш аз жанрҳои дигари шеърӣ бо маҳорат истифода мекунад ва дар гуфтани ҳар навъи шеър ба тозагии хаёлу ҳунарпардозӣ муваффақ гардидааст.

Шаҳрия аз зумраи он шоирони ширинкаломест, ки ба тариқи сареҳбаёнӣ ва тозанигорӣ дар шеъри худ писанди умум гардида, мундариҷа, мавзуъ ва мазмуни шеъраш бештар баҳравар аз лирикаи ишқӣ ва иҷтимоӣ мебошад. Ашъори ӯ, асосан, дар шаклҳои суннатии ғазалу қасида, мухаммас, мураббаъ ё чаҳорпораву рубоӣ, дубайтию қитъа ва ҳам ашъори нимоӣ суруда шуда, офаридаҳои пурмазмунаш дар ин давра ӯро бештар ба дили ҳаводорони каломаш роҳ намуда,

[1] Шаҳрия. Дар канори шеър. – Душанбе: Адиб, 2010. – С. 3.

шоҳиди истеъдоди баланди шоирии ӯ гардидаанд. Месазад, ки барои намуна ба чанд навъи шеъри ӯ таваҷҷуҳ дошта бошем:

**Рубоӣ:**

*Наврӯз, туӣ асли ниёзи дили ман,*
*Дар саҷдагаҳи ояти рози дили ман.*
*Бо чашми намозиву ба тан ҷомаи сабз,*
*Боз омадаӣ ба ҷонамози дили ман.*[1]

**Ғазал:**

*Ай субҳ, аз асолати анвори худ бигӯ,*
*Хуршедро ба домани испеди худ биҷӯ!*
*Чашми муҳаббатам шуда олудаи табоҳ,*
*Чашми маро ба чашмаи чашмони худ бишӯ!*
*Дар ин замон, ки суд на аз хома ронданам,*
*Ноҷой нури дида ба коғаз кунам фурӯ,*
*Аз меҳру аз садоқати умрам барӣ шудам,*
*Дардам ҳазор гаштаву афтода тӯ ба тӯ!*
*Он қадр ташна гаштаам чун шеди нимарӯз,*
*Аммо сароб оядам аз дур рӯ ба рӯ!*
*Ман нафси хешро ҳама саркӯб кардаам,*
*Донам, ки нест ғайри худи ман дигар адӯ!*[2]

**Дубайтӣ:**

*Баҳор омад, чаманҳо сабзпӯшанд,*
*Сари ҳар шоха мурғон дар хурӯшанд.*
*Раги ҷӯ метапад чун набзи ошиқ,*
*Чаро дилҳои мо гунгу хамӯшанд?*[3]

**Чаҳорпора:**

*Эй, ки соҳиб шудаи бахти маро,*
*Ҳамсарат бастаи гесӯи ман аст.*
*Гарчи ҳамбистари ту ҳаст шабон,*
*Бастаи бистару абрӯи ман аст.*

*Чашми ӯ сӯи ту шуд бикшода,*
*Ҳуши ӯ банд бувад бар ғами ман.*
*Зиндагӣ бо ту нафасгираш кард,*
*Мекашад ӯ нафас аз олами ман...*[4]

**Нимоӣ ё шеъри озод:**

*Хомаам дар дасти Омина,*
*Сурати Зарғӯшаку Гурги балоро*
*Рӯи авроқи китобам мекашад ӯ.*
*Мекашам ман оҳи сарду дар дилам ором мегӯям:*
*Во аҷаб!*
*Андар ин айёми тифлӣ,*
*Омина ҳам мекунад эҳсос*
*Зиндагӣ Гург асту Зарғӯшак ману ӯ...*[5]

Ашъори гуногунмавзуъ ва серпаҳлуи Шаҳрия аз рӯйи таснифоти поэтикӣ ва мундариҷавии онҳо мавриди омӯзиш қарор дода шуда, бо нишон додани фикри тоза дар мавзуъ, перостани мазмун ва мундариҷаи ғоявии он, бо дарёфти маънӣ ба тариқи коргирӣ бар санъатҳои адабӣ ва болои кор овардани шаклҳои бадеият, инчунин, нишон дода тавонистани тарзу усули тасвир ва

[1] Шаҳрия. Дар канори шеър. – Душанбе: Адиб, 2010, – С. 183.
[2] Шаҳрия. Дар канори шеър. – Душанбе: Адиб, 2010, – С. 176.
[3] Шаҳрия. Дар канори шеър. – Душанбе: Адиб, 2010, – С. 188.
[4] Шаҳрия. Дар канори шеър. – Душанбе: Адиб, 2010. – С. 98.
[5] Шаҳрия Аҳтамзод. Таронаҳои ватандорӣ. – Душанбе: Донишварон, 2019. – С. 62.

забону услуби нигориш дар шеър, ки муайянкунандаи жанри бадеӣ ба шумор меравад, аз муваффақият бархӯрдор аст. Ӯ дар ҳама жанрҳои шеърӣ саъйи гуфтан дорад, аммо ғазалҳои равонаш бештар барои таваҷҷуҳи ӯ ва хонандаи каломаш муносибтар афтодаанд ва ин ҳам, айни хостаи ӯ дар эҷоди ин навъи шеър ба шумор меравад. Дар робита бар ин адиб ва рӯзноманигор Абдурауф Муродӣ бар таҳқиқи ашъори Шаҳрия дар мақолаи «Шаҳҷоизаи ягонаи ман Ватан аст» овардааст, ки: «Ба ҳар ҳол шоир ба ғазал меҳру таваҷҷуҳи бештар дорад ва ғазалҳое навоваронаву дилошӯбу ҳадафрас мегӯяд»[1].

Чунон ки аз ашъори дар китобҳои тайи солҳои ахир нашрнамудаи Шаҳрия бармеояд, ӯ қариб ба ҳама жанрҳои бадеӣ рӯ овардааст ва дар симои тасвири руҳониву зоҳириву ботинии хеш рамзи тавоноӣ ва руҳи зани покдоману некухисол ва мубориз барои ҳифзи ҳуқуқҳои инсонии хеш ва амсоли инҳоро собит кардааст. Хаёлот ва фикрҳои тасвирбораш ифодагари ҳассостарин лаҳазоти мадракии ӯянд, ки орзуҳои отфиву руъёии ӯро дар ин маврид рангину пурбор мегардонанд.

Шаҳрия дар дидану пазируфтани ин лаҳза, дунёи отифӣ ва олами пурасрору нозуки занонаро, ки сирри нокушоданиро мемонад, дар ғазали зер мавриди тасвир қарор медиҳад:

*Бимонам сар ба кӯҳи шонаат, аз дасти ғам гирям,*
*Мисоли оҳуе аз ҷабри сайёди алам гирям.*
*Кабутарҳои чашмони ту орандам паёме хуш,*
*Бихонам номаҳоятрову аз сӯзи қалам гирям...*
*Ғазал бо лаҳҷаи ишқи ту мехонам ба ҳар маҳфил,*
*Барои ту саламно гӯяму дар ҳар қадам гирям...*[2]

Таҳлили ашъори Шаҳрия нишон медиҳад, ки ин шоираи тавонманд аз оғоз то ба имрӯз дар қолаби жанри анъанавӣ ва бахусус, жанрҳои суннатии шеър, бар зуҳуроти иҷтимоиву таърихиву фарҳангӣ, сиёсӣ ва, беш аз ин, ба тариқи корбурди падидаҳои лирикӣ, масоили самимияту ишқу муҳаббат ва ғайра рӯ овардааст.

Мундариҷаи ғоявии ашъори ӯ нишон медиҳад, ки шаклгирии жанр дар шеъри Шаҳрия бештар ба мавзуи интихобнамуда ва коргирӣ бар шакли тасвирофарии ӯ таносуб меҷӯяд. Аз ин ҷост, ки ба жанри шеъри суннатӣ бештар рӯ овардани худро низ Шаҳрия ба масоили гуногуни ишқиву иҷтимоӣ ва ё сиёсиву таърихӣ рабт додааст, аммо ин ҳам бе сабаб нест, зеро ӯ дар ҷомеае ба сар мебарад, ки аз тазоду дастоварду нокомиҳову комгориҳои равшану норавшан саршору мамлу будааст.

Шаҳрия заминаи ташаккули жанр ва мазмуну муҳтавои ашъори хешро бо орзуи нигориши тасвирҳои тозаву пероста ва ҷазбдиҳанда, ки тавонанд, дили ҳаводорони каломашро тасхир созанд, бештар мувофиқи мақсади худ тарҳ кардааст ва ин тарҳ бар асари моил будани ӯ ба «дафтару қалам» ва офаридани «шеъри тақдирсоз» рӯнамо гаштааст. Чунонки чанд намунаи абёти жанрсозу шеърпардоз ва тасвирбори ӯро дар силсилаи ғазалҳои «Сапедаи шеър»-и ӯ ба мушоҳида гирифтем:

*Бо дафтару қалам шудаам то абад қарин,*
*Дар шеър қисмати азалии маро бибин.*
*Симои ошнои ман, аз шеъри ман аён,*
*Чун рӯшноие дили ман тобад аз ҷабин...*
*Ширин хаёл мекунам аз дарди талхи хеш,*
*То вожаҳои ман битаровад чу ангубин.*
*Аз шомгоҳ хома кашам сӯи бомдод,*
*Дар кохи шеър баски манам пойгаҳнишин.*
*Ман аз сапеда шеъри сапеди худ офарам,*
*То офтоб хонаду гӯяд, ки: - Офарин!*[3]

Маъмулан, дар адабиёт шаклпазирии тасвир дар таносуб бо мазмун ва мавзуъ низ дар шаклгирии жанр саҳмгузор буда метавонад ва ҳам баръакс, албатта, ин ҳам воқеият дорад, ки ин ҳама низ ба сабки баёни ашъри Шаҳрия мушаххас гардидааст. Ва муҳимтарин дастоварде, ки дар

---

[1] Аҳтамзод, Ш. Маҷмуаи мақолаҳо ва китобномаи шарҳиҳолӣ. – Душанбе: Меҳроҷ Граф, 2022. – С. 31.
[2] Аҳтамзод, Ш. Бар ман дуо кунед. – Душанбе: Адиб, 2021, – С. 93.
[3] Аҳтамзод, Ш. Бар ман дуо кунед. – Душанбе: Адиб, 2021. – С. 85.

шакл додани тасвир ва муҳтавову мазмун дар шеъри Шаҳрия бор оварда бошад, ҳамин усули шевои баён ва ҳунари корбурди калом аст, ки дар тарзи асолати забони нигориши ӯ возеҳ омадааст.

Истифода аз санъатҳои бадеӣ низ дар шеъри Шаҳрия бағоят аст, ки шоистагиву шевоиву зебандагии калом ва тасвирофарӣ дар шеъри ӯро таъмин намуда, дар ин замина ҷанбаи ҳунарии ин шоираро низ бо роҳи ба бор овардани маъниҳои шигарф, ба тариқи воситаҳои тасвирсоз дар шеъри мондагор ба намо мегузорад. Чунон ки айни тасвирҳои хаёлбарангез ва руъёпардозро дар шеъри «Ғазали танҳоӣ» ба кор мегирад ва бо истифода аз тассуроти хаёливу мадракии хеш орзумандии шоиронаашро бо ташбеҳу киноя, тазодду муқобала, лутфу мутояба ва гилояву шукру шикоят ва дигар санъатҳои ормонии шоиронааш болои сафҳа меорад, ки таассуроти чунин санъатҳо лаззатгирӣ бар шеъри ӯро боз ҳам ҷаззобу дилкаш кардаанд:

*Кош, аз пушти дари танҳоӣ,*
*Ғазали омаданатро шунавам.*
*Кош, аз ишқи фаромӯшам боз,*
*Ғазали дил заданатро шунавам...*

*Кош, оиву раҳоварди сафар,*
*Ҷомадоне зи муҳаббат орӣ.*
*Ба куҷо бурдаӣ бо хеш дилам,*
*Кош, бозаш ба саломат орӣ!*[1]

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Шаҳрия ба тавассути коргирӣ аз санъатҳои бадеӣ бо усули перостани маъниву мафҳум ва тасвир дар ашъори хеш гардишҳои тозаеро дар суханпардозӣ ба бор оварда, арзиши бадеӣ ва мадании шакл додани жанрҳоро ба тариқи мазмунҳои сара дар шеър таъмин менамояд.

Аз таҳқиқот бармеояд, ки Шаҳрия барои офаридани жанрҳо ва фароҳам намудани заминаи шеъри хеш аз манзараҳои хаёлӣ, ҷузъиёти руҳиву руъёӣ, муҳит, вазъи иҷтимоӣ, мавқеи ишқу муҳаббат ва муносиботи руҳафзову ҷаззоб ва дигар омилҳои манзараофар, ки ба ҳиссиёти ӯ дахл доранд, бамаврид истифода менамояд ва ин ҳама, албатта, ба масоили асосии тасвири бадеӣ дар шеъри ӯ метавонанд муассир ва созгор бошанд.

Шеър чӣ-бвад? Навои мурғи хирад,
Шеър чӣ-бвад? Мисоли мулки абад.
Мешавад қадри мурғ аз ӯ равшан,
Ки ба гулхан дар аст ё гулшан.

**Абдураҳмони Ҷомӣ**

[1] Шаҳрия. Дар канори шеър. – Душанбе: Адиб, 2010. – С. 128.

# ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БОРАИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

**(Қонуни ҶТ аз 29.01.2021, №1766, аз 08.06.2022, №1884)**

**Қонуни мазкур сиёсати давлатӣ, асосҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва иҷтимоию молиявиро дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ муайян мекунад.**

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- таҳсилоти иловагӣ - низоми таълиму тарбия, ки дар асоси барномаҳои таълимии иловагӣ амалӣ шуда, ба омӯзиши илм, техника ва технологияи муосир, эҷодкорӣ, дарёфти ихтисоси нав, бозомӯзӣ, такмили ихтисос, ки онҳоро шахс метавонад ҳангоми таҳсил дар мактаб, пас аз хатми мактаб ва баъди гирифтани диплом ба таври ройгон ё пулакӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва касбӣ берун аз барномаҳои асосии таълимӣ ё дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ бе маҳдудият омӯзад, равона карда шудааст;

- муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ - муассисаҳои давлатӣ ва хусусии таълимӣ, ки фаъолияти онҳо ба ташаккули дониш, малака, маҳорат, қобилият, инчунин инкишофи зеҳнӣ, маънавӣ ва ҷисмонии таълимгирандагон нигаронида шудааст;

- кормандони омӯзгорӣ - шахсони дорои таҳсилоти касбӣ, ки ба таълиму тарбияи таълимгирандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ машғуланд (*Қонуни ҶТ аз 08.06.2022 № 1884*);

- таълимгирандагон - шахсоне, ки аз рӯи дониш, қобилият, малакаю маҳорат ва шавқу рағбаташон ба шаклҳои гуногуни таълим дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ҷалб гардидаанд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти иловагӣ**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи таҳсилоти иловагӣ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, иборат мебошад *(Қонуни ҶТ аз 29.01.2021 № 1766).*

**Моддаи 3. Мақсади таҳсилоти иловагӣ**

Таҳсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мақсади он инкишофи қобилияти зеҳнию эҷодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, қонеъ гардонидани рағбат, эҳтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онҳо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисаҳои таълимӣ мебошад.

**Моддаи 4. Вазифаҳои асосии таҳсилоти иловагӣ**

Вазифаҳои асосии таҳсилоти иловагӣ аз инҳо иборатанд:

- тарбия ва таълими шаҳрвандон;

- инкишофи озодона ва ташаккули таҷрибаи иҷтимоию ҷамъиятии шахсият;

- тарбия дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ватандӯстӣ ва эҳтиром ба рамзҳои давлатӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд *(Қонуни ҶТ аз 29.01.2021 № 1766);*

- инкишоф додани ҳисси эҳтиром ба урфу одат, расму оин, анъанаҳои мардумӣ ва арзишҳои миллӣ;

- ташаккули муносибати эҳтиромонаи таълимгирандагон нисбат ба оила ва ҷомеа;

- фароҳам овардани шароит барои инкишофи эҷодӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ҷисмонии таълимгирандагон;

- ташаккули муносибати бошуурона ва масъулиятноки таълимгирандагон ба муҳити зист ва ҳифзи он;

- қонеъ гардонидани талаботи таълимгирандагон ба интихоби касб;

- дастгирии таълимгирандагони боистеъдод;

- ташаккули тарзи ҳаёти солими таълимгирандагон;

- амалӣ намудани чорабиниҳои иттилоотию методӣ, ташкилию оммавӣ ва фарҳангию маърифатӣ;

- такмили худфаъолиятӣ ва худидоракунии таълимгирандагон;

- фароҳам овардани шароит барои фаъолияти эҳсонкории шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади рушди таҳсилоти иловагӣ.

**Моддаи 5. Принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ**

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- дастрас будани таҳсилоти иловагӣ барои таълимгирандагон дар доираи стандартҳои давлатии таҳсилот ва барномаҳои таълимӣ, сарфи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, таҳсил, вазъи иҷтимоӣ ва молумулкии онҳо;

- маблағгузории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии давлатӣ;

- ихтиёрӣ будани интихоби шакли муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ;

- хусусияти илмӣ, дунявӣ ва башардӯстона доштани таҳсилоти иловагӣ;

- ҳифзи манфиатҳои таълимгирандагон вобаста ба саъю кӯшиши онҳо дар бобати инкишофи озодона ва ҳамаҷонибаи шахсият;

- муҳайё намудани шароит барои таълимгирандагон дар гирифтани таҳсилоти иловагӣ;

- нигоҳдорӣ ва рушди шабакаи муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагӣ;

- ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба ташаккул ва рушди низоми таҳсилоти иловагӣ.

**Моддаи 6. Тартиби гирифтани таҳсилоти иловагӣ**

1. Шаҳрвандон таҳсилоти иловагиро берун аз барномаҳои асосии таълимӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ мегиранд.

2. Гирифтани таҳсилоти иловагӣ ба принсипҳои интихоби ихтиёрии навъҳои муассисаҳо ва намудҳои фаъолият асос ёфта, бо розигии падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда, коллективҳои меҳнатӣ, ташкилотҳо ва фондҳои ҷамъиятӣ амалӣ гардонида мешавад.

3. Падару модарон бо мақсади истифодабарии самараноки вақти холии фарзандон барои ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ фаро гирифтани онҳо вобаста ба майлу хоҳиш, рағбат ва қобилияташон мусоидат менамоянд.

4. Тартиби гирифтани таҳсилоти иловагии калонсолон тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

5. Шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат доранд, таҳсилоти иловагиро бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта метавонанд.

**Моддаи 7. Забони таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

Таҳсил дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ карда мешавад.

## БОБИ 2. ТАШКИЛ ВА ИДОРАКУНИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

**Моддаи 8. Тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

1. Тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешавад.

2. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ бо назардошти эҳтиёҷоти иҷтимоию иқтисодӣ, миллӣ, фарҳангию таҳсилотӣ дар сурати мавҷуд будани заминаи зарурии таълимию методӣ, моддию техникӣ, кадрҳои омӯзгорӣ ва риояи меъёрҳо, қоидаҳо ва стандартҳои санитарию гигиенӣ таъсис дода мешаванд.

3. Муассис (муассисон)-и муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ инҳо буда метавонанд:

- мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф;

- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

- шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, аз ҷумла шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии хориҷӣ.

4. Муассисон метавонанд муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии муштарак таъсис диҳанд.

**Моддаи 9. Сохтор ва низоми муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

1. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ аз рӯи шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият давлатӣ ва хусусӣ буда метавонанд.

2. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ метавонанд дар шакли академияи хурди илмҳо, марказҳо, аз ҷумла марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон, қасрҳо, хонаҳои эҷодии кӯдакону наврасон, стансияҳо, студияҳо, мактабҳои санъат, муассисаҳои таълимии ибтидоии махсуси бадеӣ, мактабхои касбии варзишӣ, ҳунарӣ, мусиқӣ, мактабҳои варзишии кӯдакону наврасон, мактабҳои махсуси варзишии захираҳои олимпии кӯдакону наврасон, клубҳо, аз ҷумла, клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маҳалли зист, клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маъюбон, варзишгоҳҳои кӯдакона, муассисаҳои солимгардонӣ фаъолият намоянд.

3. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ метавонанд маҷмӯӣ ва соҳавӣ бошанд. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии маҷмӯӣ фаъолияти худро аз рӯи самтҳои гуногуни таҳсилоти иловагӣ (илмию техникӣ, таҷрибавию санҷишӣ, ҷамъиятию гуманитарӣ, китобдорию китобшиносӣ, сайёҳию кишваршиносӣ, бадеию эстетикӣ, экологию табиатшиносӣ, тарбияи ҷисмонию варзишӣ, ҳарбию ватандӯстӣ, солимгардонию гигиенӣ) ташкил менамоянд. Ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии маҷмӯӣ қасрҳо ва марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон дохил мешаванд.

4. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии соҳавӣ фаъолияти худро аз рӯи самтҳои мушаххаси таҳсилоти иловагӣ ташкил мекунанд. Ба муассисаҳои

таълимии таҳсилоти иловагии соҳавӣ марказҳои илмию техникӣ, эҷодиёти бадеию эстетикӣ, хонаҳои эҷодии кӯдакону наврасон, клубҳои сайёҳию кишваршиносӣ, экологию табиатшиносӣ, варзишию солимгардонӣ, ҳарбию ватандӯстӣ, стансияҳои сайёҳони ҷавон, табиатдӯстон, техникҳои ҷавон, мактабҳои санъат, муассисаҳои таълимии ибтидоии махсусгардонидашудаи бадеӣ, студияҳо, мактабҳои варзишии кӯдакону наврасон, варзишгоҳҳои кӯдакона ва муассисаҳои солимгардонӣ мансуб мебошанд.

5. Иттиҳодияҳои эҷодии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ба тариқи зайл тасниф карда мешаванд:

- ибтидоӣ - намуди иттиҳодияи эҷодии самти инкишофи умумӣ, ки барои ошкор намудани қобилияту истеъдоди таълимгирандагон ва инкишофи шавқу рағбати онҳо ба фаъолияти эҷодӣ мусоидат менамояд;

- асосӣ - намуди иттиҳодияи эҷодие, ки шавқу рағбати устувори таълимгирандагонро инкишоф дода, ба онҳо дониш, маҳорату малакаҳои амалӣ медиҳад ва эҳтиёҷоти онҳоро зимни интихоби касб қонеъ мегардонад;

- олӣ - намуди иттиҳодияи эҷодие, ки аз рӯи шавқу рағбат барои таълимгирандагони қобилиятноку боистеъдод таъсис дода мешавад.

**Моддаи 10. Идоракунии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

1. Ба муассисаи таълимии таҳсилоти иловагӣ директори он роҳбарӣ мекунад. Мақоми дастаҷамъии идоракунии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ шӯрои омӯзгорӣ мебошад.

2. Дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ бо мақсади таъминоти методӣ ва такмили раванди таълиму тарбия шӯрои методӣ таъсис дода мешавад.

**Моддаи 11. Мақомоти идоракунии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

1. Муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагӣ аз ҷониби мақомоти зерин идора карда мешаванд:

- мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф;

- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ дар тобеияти онҳо қарор доранд;

- мақомоти маҳаллии идораи маориф.

2. Идоракунии муассисаҳои хусусии таълимии таҳсилоти иловагӣ аз ҷониби муассис (муассисон) амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 12. Ваколатҳои мақомоти идоракунии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

1. Мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф якҷоя бо дигар мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ дар тобеияти онҳо қарор доранд:

- сиёсати давлатиро дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ татбиқ менамоянд;
- барномаҳои рушди таҳсилоти иловагиро таҳия мекунанд;
- низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагиро таҳия ва барои тасдиқ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамоянд;
- дар бораи меъёрҳои таъминоти моддию техникӣ ва молиявии таҳсилоти иловагӣ таклифҳо пешниҳод менамоянд;
- санадҳои меъёрии ҳуқуқиро барои муайян намудани кафолатҳои иҷтимоии кормандони омӯзгорӣ, мутахассисони муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, новобаста аз тобеият, шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият таҳия мекунанд;
- роҳбарии таълимию методӣ ва назорати раванди таълимро дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва моликият амалӣ мегардонанд;
- дигар ваколатҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

2. Мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм барои фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозатнома медиҳад (*Қонуни ҶТ аз 08.06.2022 № 1884*).

3. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар доираи ваколатҳояшон:

- ҳаҷми маблағгузории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагиро бо тартиби муқарраргардида муайян ва тасдиқ менамоянд;
- нигоҳдорӣ ва таҳкими заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, афзоиши шабакаи онҳо, назорати истифодаи самараноки қитъаҳои замини ба онҳо вобасташударо таъмин менамоянд;
- иловапулиро ба маоши кормандони омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ муайян ва пардохт мекунанд;
- ҳифзи иҷтимоии таълимгирандагон, кормандони омӯзгорӣ, мутахассисон ва дигар кормандони муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагиро таъмин менамоянд.

4. Мақомоти маҳаллии идораи маориф дар доираи ваколатҳояшон:

- барои интихоби намудҳои фаъолияти эҷодии таълимгирандагон мувофиқи шавқу рағбаташон ва дархости падару модар ё шахсони онҳоро ивазкунанда шароит муҳайё мекунанд;
- бо тартиби муқарраршуда такмили ихтисос ва аттестатсияи кормандони соҳаи омӯзгории муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагиро мегузаронанд;
- фаъолияти коллективҳои омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, дигар ташкилотҳо ва оиларо барои гирифтани таҳсилоти иловагии таълимгирандагон ҳамоҳанг месозанд, таҷрибаи пешқадами онҳоро ҷамъбаст ва паҳн менамоянд ва фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагиро танзим мекунанд (*Қонуни ҶТ аз 08.06.2022 № 1884*);
- дигар ваколатҳоро тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд.

**Моддаи 13. Назорати давлатии фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

1. Назорати давлатии фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ бо мақсади татбиқи сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ амалӣ мегардад.

2. Назорати давлатии фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагиро мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм, мақомоти маҳаллии идораи маориф ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ дар тобеияти онҳо қарор доранд, таъмин менамоянд *(Қонуни ҶТ аз 29.01.2021 № 1766).*

3. Шакли асосии назорати давлатии фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ аттестатсияи давлатии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ мебошад, ки бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

4. Аттестатсияи давлатии ғайринавбатии муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагӣ ба таври истисно танҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

5. Аттестатсияи давлатии ғайринавбатии муассисаҳои хусусии таълимии таҳсилоти иловагӣ ба таври истисно танҳо бо қарори муассис (муассисон) ё мақоми ваколатдори давлатии назорат дар соҳаи маориф ва илм гузаронида мешавад *(Қонуни ҶТ аз 29.01.2021 № 1766)*.

6. Аттестатсияи давлатии кормандони омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ дар ҳар панҷ сол як маротиба мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

7. Ба кормандони омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ аз рӯи натиҷаи аттестатсияи давлатӣ дараҷаи муайяни тахассусӣ дода мешавад.

## БОБИ 3. РАВАНДИ ТАЪЛИМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

**Моддаи 14. Самтҳои асосии таҳсилоти иловагӣ**

Таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ аз рӯи самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- илмию техникӣ, ки азбар намудани маҳорату малакаҳои техникию технологӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, азхудкунии техникаю технологияи муосир ва илмҳои дақиқ, инчунин ба кори фаъолонаи илмию таҳқиқотӣ тайёр шудани таълимгирандагонро таъмин менамояд;

- таҷрибавию амалӣ, ки барои ҷалб намудани таълимгирандагон ба фаъолияти илмию таҳқиқотӣ, таҷрибавӣ, конструкторӣ ва ихтироъкорӣ дар соҳаҳои гуногуни илму техника, фарҳангу санъат, инчунин фароҳам овардани шароит барои худтакомули эҷодӣ, ошкор сохтан ва инкишофу дастгирии истеъдодҳои ҷавон мусоидат мекунад;

- ҷамъиятию гуманитарӣ, ки инкишофи қобилияту истеъдод, малака ва маҳорати амалии таълимгирандагонро дар самти азхудкунии донишҳо доир ба асосҳои илмҳои иҷтимоию гуманитарӣ ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ таъмин мекунад;

- китобдорию китобшиносӣ, ки барои боло бурдани шавқи маърифатӣ, фарҳангию иттилоотӣ ва такмили малакаю маҳорати таълимгирандагон баҳри муайян ва мустаҳкам кардани мавқеи онҳо дар ҷаҳони муосири иттилоотӣ нигаронида шудааст;

- экологию табиатшиносӣ, ки азбар намудани донишҳоро дар бораи муҳити зист, ташаккули маърифати экологии шахс, дар бораи масъалаҳои экологӣ ва таҷрибаи ҳалли онҳо, андӯхтани донишу малакаро дар соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла гулпарварӣ, ҷангалпарварӣ, боғдорӣ, занбӯриасалпарварӣ ва ҷалб кардан ба кори амалии ҳифзи табиат ва дигар самтҳои биологиро пешбинӣ менамояд;

- сайёҳию кишваршиносӣ, ки ҷалби таълимгирандагонро барои омӯзиши таърихи кишвар ва маҳалли зист, тамаддуни ҷаҳонӣ, объектҳои ҷуғрофӣ,

таърихию фарҳангӣ ва зуҳуроти ҳаёти иҷтимоӣ, азбар кардани малакаҳои амалӣ ва маҳорати сайёҳию кишваршиносӣ таъмин менамояд;

- бадеию эстетикӣ, ки инкишофи истеъдоду қобилияти эҷодии таълимгирандагон, азбар намудани малакаҳои амалӣ ва дар соҳаи фарҳангу санъати ватанӣ ва ҷаҳонӣ дониш андӯхтани онҳоро таъмин менамояд;

- тарбияи ҷисмонию варзишӣ, ки инкишофи қобилияти ҷисмонии таълимгирандагон, шароити зарурӣ барои солимии мукаммал, обутобёбӣ, истироҳату фароғат, машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, тайёр кардани захираҳои варзишӣ барои дастаҳои мунтахаби миллӣ, азбар кардани малакаҳои тарзи ҳаёти солимро таъмин менамояд;

- ҳарбию ватандӯстӣ, ки тарбияи ҳисси ватандӯстӣ, дарки масъулияти шаҳрвандӣ ва дараҷаи зарурии тайёрии таълимгирандагонро ба хизмати ҳарбӣ таъмин мекунад;

- солимгардонию гигиенӣ, ки таъмини шароити заруриро барои истироҳати бофароғат, азбар намудани донишҳо оид ба тарзи ҳаёти солим, азхуд намудани малакаи беҳдошти саломатии шахсӣ ва ташаккули фарҳанги гигиении шахсро пешбинӣ менамояд.

**Моддаи 15. Шаклҳои ташкили таҳсилоти иловагӣ**

1. Таҳсилоти иловагӣ дар шакли равиявӣ мувофиқи имкониятҳои фардӣ, шавқу рағбат, майлу хоҳиш, қобилият ва дараҷаи маҳорати таълимгирандагон бо назардошти дараҷаи таҳсилот, ихтисос, собиқаи кор, синну сол, хусусиятҳои рӯҳию ҷисмонӣ, вазъи саломатии онҳо дар

шаклҳои машғулият, маҳфил, дарс, лексия, машғулияти фардӣ, конференсия, семинар, хониш, саволу ҷавоб, консерт, мусобиқа, машқ, саёҳат, экспедитсия, кори амалӣ дар озмоишгоҳҳо, устохонаҳо, гармхона, қитъаҳои замини илмию таҷрибавӣ, дар корхонаҳои кишоварзӣ ва саноатӣ, дар табиат ва дигар шаклҳои пешбининамудаи Оинномаи муассисаи таълимии таҳсилоти иловагӣ гузаронида мешавад.

2. Шумораи таълимгирандагон дар гурӯҳҳо вобаста ба соҳа ва имкониятҳои ташкили раванди таълиму тарбия, инчунин тартиби ташкили корҳои фардӣ ва гурӯҳӣ дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ тибқи талаботи Оинномаи муассисаи таълимии таҳсилоти иловагӣ муайян карда мешавад.

3. Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ба хатмкунандагон бо тартиби муқаррарнамудаи мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф оид ба таҳсилоти иловагӣ ҳуҷҷатҳои дахлдор медиҳанд. Намунаи шаҳодатнома (сертификат)-ро мақомоти ҷумҳуриявии давлатии идораи маориф тасдиқ мекунад.

4. Шаҳодатнома (сертификат)-ҳо барои муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ ва дигар манбаъҳои маблағгузорӣ, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст ва барои муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии хусусӣ аз ҳисоби маблағҳои муассис (муассисон) тайёр карда мешаванд.

## БОБИ 4. СУБЪЕКТҲОИ РАВАНДИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

### Моддаи 16. Субъектҳои раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ

Субъектҳои раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ инҳо мебошанд:

- таълимгирандагон;
- директор, муовин (муовинон)-и директор;
- кормандони омӯзгорӣ, равоншиносон, китобдорон ва дигар мутахассисоне, ки ба раванди таълиму тарбия ҷалб шудаанд;
- падару модарони таълимгирандагон ё шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд;
- намояндагони корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳое, ки дар раванди таълиму тарбия иштирок мекунанд.

### Моддаи 17. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳо ва ҳифзи иҷтимоии субъектҳои раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ

1. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои субъектҳои раванди таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни мазкур, Низомномаи намунавии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, муайян менамоянд *(Қонуни ҶТ аз 29.01.2021 № 1766)*.

2. Давлат ҳуқуқҳои таълимгирандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагиро ҳимоя намуда, ташкили таълиму тарбияи кӯдакони ноболиғи оилаҳои камбизоат ва серфарзанд, кӯдакони маъюб, ятимон ва кӯдакони бепарасторро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мекунад.

3. Омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, инчунин нафақахӯроне, ки қаблан кормандони омӯзгории чунин муассисаҳо буданд, ба имтиёзҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи омӯзгории муассисаҳои таълимии давлатӣ пешбинӣ намудааст, ҳуқуқ доранд.

### Моддаи 18. Тайёр кардан ва такмили ихтисоси кормандони омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ

1. Кормандони омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагиро муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ тайёр мекунанд.

2. Такмили ихтисоси кормандони омӯзгории муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагӣ дар ҳар панҷ сол на камтар аз як маротиба аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ амалӣ карда мешавад.

3. Такмили ихтисоси кормандони омӯзгории муассисаҳои хусусии таълимии таҳсилоти иловагӣ дар ҳар панҷ сол на камтар аз як маротиба аз ҳисоби маблағҳои муассис (муассисон) амалӣ карда мешавад.

## БОБИ 5. ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГӢ ВА ЗАМИНАИ МОДДИЮ ТЕХНИКИИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

### Моддаи 19. Фаъолияти молиявию хоҷагии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ

1. Фаъолияти молиявию хоҷагии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

2. Маблағгузории муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва муассисаҳои хусусии таълимии таҳсилоти иловагӣ аз ҳисоби муассис (муассисон) сурат мегирад.

3. Муассисаҳои давлатӣ ва хусусии таълимии таҳсилоти иловагӣ метавонанд инчунин аз ҳисоби манбаъҳои иловагӣ, ки истифодабарии онҳоро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, маблағгузорӣ карда шаванд.

4. Кӯдакони оилаҳои камбизоат, кӯдакони маъюб, ятим ва бепарастор дар муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти иловагӣ ба таври ройгон таҳсил мекунанд.

5. Манбаъҳои иловагии маблағгузории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ инҳоянд:

- воситаҳое, ки муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ барои расонидани хизматҳои иловагии таҳсилотӣ, аз иҷрои корҳо тибқи фармоиши корхонаҳо, муассисаҳо, дигар ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ, инчунин даромад аз фурӯши маҳсулоти худӣ ба даст овардаанд;
- кӯмаки башардӯстона;
- маблағҳои эҳсонкорӣ, сарватҳои моддӣ, ки аз корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, инчунин шахсони воқеии алоҳида қабул шудаанд;
- дигар манбаъҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

6. Маблағҳои иловагии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ мутобиқи тартиби муайяннамудаи моддаи 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» танҳо барои фаъолияти оинномавӣ истифода бурда мешаванд.

### Моддаи 20. Заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ

1. Ба заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ биною иншоот, таҷҳизот, воситаҳои алоқа, нақлиёт, қитъаҳои замин, дигар молу мулки манқул ва ғайриманқул дохил мешаванд.

2. Ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ барои амалӣ намудани корҳои таълимию тарбиявӣ иншоотҳои варзишӣ, фарҳангӣ, солимгардонӣ ва дигар иншоот бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои истифодабарӣ дода мешаванд.

3. Талабот нисбат ба заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ аз рӯи меъёрҳои дахлдори сохтмонӣ ва санитарию гигиенӣ, қоидаю стандартҳои сохтмон ва нигоҳдории муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ва нақшаю барномаҳои таълимӣ муайян карда мешавад.

4. Ҳуқуқи муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ба истифодаи қитъаҳои замине, ки дар ҳудуди он ҷойгир шудаанд, мутобиқи Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ бо тартиби муқарраргардида муайян карда мешавад.

5. Фондҳои асосӣ ва дигар молу мулки муассисаҳои давлатӣ ва хусусии таълимии таҳсилоти иловагӣ, ба истиснои ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, мусодира карда намешаванд.

6. Молу мулки муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ аз ҷониби муассис (муассисон) танҳо бо мақсадҳое, ки дар Оинномаи онҳо бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудаанд, барои рушди муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ истифода бурда мешаванд.

7. Истифодаи заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ бо мақсадҳои хилофи вазифаҳои асосӣ ва манфиатҳои таълим манъ аст.

**Моддаи 21. Фаъолияти пулакии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**

*(Қонуни ҶТ аз 08.06.2022 № 1884)*

Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагии давлатӣ ва хусусӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд фаъолияти пулакиро ба роҳ монанд (*Қонуни ҶТ аз 08.06.2022 № 1884*).

## БОБИ 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 22. Ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ**

Мақомоти идоракунии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ ҳуқуқ доранд бо мақомоти идоракунии маориф ва муассисаҳои таълимии мамлакатҳои хориҷӣ, ташкилоту фондҳои байналмилалӣ бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таҳсилоти иловагӣ созишномаҳо баста, робитаҳои бевосита муқаррар намоянд.

**Моддаи 23. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

*(Қонуни ҶТ аз 08.06.2022 № 1884)*

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд (*Қонуни ҶТ аз 08.06.2022 № 1884*).

**Моддаи 24. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**
ш.Душанбе
16 апрели соли 2012, №826

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОНИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ»

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» қабул карда шавад.

Раиси
**Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Ш. Зуҳуров**
ш. Душанбе,
15 феврали соли 2012, №695

## ҚАРОРИ МАҶЛИСИ МИЛЛИИ МАҶЛИСИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Оид ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ»

Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» баррасӣ намуда, қарор мекунад:

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» ҷонибдорӣ карда шавад.

**Раиси**
**Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **М. Убайдуллоев**
ш. Душанбе,
29 марти соли 2012, №300

# МУАММОИ «МАСНАВӢ»



**Аз боло ба поён:**

1. Галаи чорворо гӯянд. 2. Афзор ва олатест, ки барои кашидани доира ва хатҳо. 3. Исми маъмулии мардона. 4. Саҳар, субҳгоҳӣ бо забони русӣ. 5. Боязиди ***, мутафаккири бузурги ирфонӣ. 7. Ҳар чизе, ки оҳар дорад. 8. Одина ***, шоири тоҷик. 13. Шеърро ҳамин тавр мегӯянд. 15. Ҳайвони халтадор. 16. «В – арна чаро ҳақир шумориву нотавон? (Сайидо). 17. Усто ва ***, тахаллуси ҳаҷвнигор, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон. 20. Асари Ҷалолиддини Балхӣ. 21. Ҷумҳурӣ дар собиқ ИҶШС. 23. Хушнавис, котиб. 25. *** Ҳамзаалиев, Қаҳрамони Иттиҳоди Шӯравӣ. 26. Илм доир ба қонунҳои тафаккур. 28. Чарх, осмон. 30. «Аҳд нобастан аз он беҳ, ки бубандиву ***» (Саъдӣ).

**Аз чап ба рост:**

5. Шаршара дар қитъаи Африка. 6. Устод дар соҳаи мусиқӣ, шоҳмот ва ғайра. 9. Воситаи ороиши занон.10. Исми маъмулии занонаи тоҷикӣ. 11. «*** ба чӣ кор ояд, агар ёр набошад?» (Лоҳутӣ). 12. Он, ки мӯйи сар надорад. 14. Исми адиби асрҳои 13-14, муаллифи рисолаи «Дилкушо».16. Донандаи илми ҳикмат, донишманд. 18. Шакли ҷамъи вожаи варақ. 19. *** Орҷоникидзе, ходими намоёни давлати Шуравӣ. 22. Ҳунарпешаи машҳури филмҳои моҷароии хориҷӣ. 22. Филми моҷароҷӯёнае, ки нақши асосиро дар он Силвести Столонне иҷро кардааст. 24. Шоири форсу тоҷики асрҳои 10-11, шоири дарбори Султон Маҳмуд. 26. Қаҳрамони филми машҳури «Саргузашти Мауглӣ». 27. Қувваи ломиса, ҳисси дарккунӣ бо судани даст. 29. Нигаҳбони сарҳад. 30. Истиллоҳи илми физика ва химия. 31. «Беҷо шудан аз ҷое, аммо на ба вайронӣ, Девори Бухоро буд *** Сомонӣ» (Б. Собир). 32. Тоҷинисо ***, актёр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

***Мураттиб Ҳотами ҲОМИД***